Можно упомянуть, что в бывшем СССР уровень цен, как на средства производства, так и на предметы потребления устанавливался государством (в лице Государственного комитета по ценам) в плановом порядке. При этом для тарифов на энергию действовал принцип, в соответствии с которым тарифы должны были позволить каждой нормально работающей энергосистеме возмещать затраты на производство, передачу и реализацию энергии; гарантировать обеспечение прибыли, достаточной для расчетов с государственным бюджетом, оплаты кредитов банка и образования фондов экономического стимулирования; создавать экономические стимулы для потребителей в снижении максимумов нагрузки, работе по более ровному уплотненному суточному графику электрической нагрузки; размещать энергоемких потребителей в районах страны с наименьшими затратами на генерирование энергии и достаточной обеспеченностью дешевыми энергоресурсами.

Исследованию вопросов формирования тарифов в энергетике большое внимание уделяется в России, в частности в работах крупных российских специалистов по экономике энергетики Денисова В.И., Кузовкина А.И., Волконского В.А. и др. Ими отмечается, что при

обосновании уровня тарифов в условиях развитой рыночной экономики необходимо сочетать три подхода.

**Первый подход** - затратный, его использование позволяет определить минимально и максимально допустимые уровни тарифов. Минимальное значение соответствует уровню, при котором обеспечивается самоокупаемость энергосистемы. Прибыль в таком варианте в тариф не включается. Максимальный уровень тарифа формируется как сумма затрат и нормативно заданной прибыли, которая может приниматься в диапазоне 10-15 % (равен средней норме прибыли на капитал, вложенный в промышленность). Определенный таким образом тариф характеризует его предельно допустимый для отрасли уровень [6].

**Второй подход** к обоснованию уровня тарифов базируется на согласовании спроса и предложения. Он дополняет затратный метод, а не исключает его из расчетов. Баланс спроса и предложения может влиять на тарифы отрасли следующим образом: если имеются избытки мощности и энергии, то энергосистеме выгодно пойти на некоторое снижение тарифов с целью расширения рынков сбыта, и увеличения за счет этого массы прибыли. При дефиците мощности и энергии энергосистема будет стремиться к повышению тарифов, сдерживать спрос и накапливать деньги на свое развитие.

**Третий подход** связан с выбором рациональных пропорций в ценах на основные взаимозаменяемые энергоносители. Разработка соотношений цен на энергоносители является задачей государственной важности.

В развитых странах с рыночной экономикой в настоящее время затратным критериям предпочитаются различные модификации принципа максимальной прибыли, а важнейшим условием стабильного действия рыночных рычагов в энергетике является согласованность мер по их регулированию. Практически во всех странах энергокомпании располагают исключительными правами на монопольное электроснабжение потребителей на определенной территории. Эффективность электроснабжения повышается конкуренцией поставщиков топлива. Независимые производители успешно существуют совместно с крупными энергокомпаниями. Для крупных потребителей, имеющих собственные электростанции, вводятся ограничения по мощности, генерируемой ими на оптовый рынок [7].

Другим эффективным направлением перехода к цивилизованным рыночным отношениям в электроэнергетике является разработка и поэтапное введение рыночного механизма формирования экономически и социально обоснованных тарифов, дифференцированных по времени суток, дням недели, сезонам года, уровням напряжения и его качества, объемам электропотребления, надежности электроснабжения потребителей, возможно введение тарифного кредитования энергоемких потребителей, в первую очередь, промышленных предприятий. Переход к ним связан с проблемными и методическими разработками основ расчета тарифов и услуг; упорядочением системы льгот с поэтапной заменой их на государственные адресные субсидии; модернизацией и развитием систем автоматизированного контроля и управления электропотреблением и перетоками электрической мощности; организацией системного и регионального маркетинга. При этом можно ожидать рост прибыли не только в связи с оптимизацией тарифной политики, но и из-за сокращения взаимозачетов и бартерных операций.

На наш взгляд, дальнейшее развитие энергетического сектора, обеспечивающего народное хозяйство особенно АПК электрической энергией, является одной из ключевых задач. Для решения этой задачи предлагается строительство крупных и малых гидроэлектростанций в разных регионах республики. Стратегической целью политики развития внутренних энергетических рынков Республики Таджикистан

является устойчивое удовлетворение внутреннего спроса на электрическую энергию высокого качества постабильным и приемлемым для собственных потребителей ценам.

**Заключение**

Таким образом, основным направлениями повышения энергетических ресурсов в АПК является: энергетическая политика, достижение эффективного использования электрической энергии, внедрение инновационных технологий, новых видов электротехнического оборудования в отрасли, обеспечивающих существенное снижение энергетических потерь, восстановление центров подготовки кадрового потенциала, создание мини электростанций, систем дифференцированных тарифов и финансово - кредитной политики. Одним из важнейших направлений государственного регулирования является сельскохозяйственная энергосберегающая политика.

**Литература**

1. Насыров Р., Улфатов А.Г. Основные направления использования электроэнергии в сельском хозяйстве. «Вестник» Таджикского технического университета, 2013. - №3,- с. 52-54.
2. Улфатов А.Г. Энергосберегающая технология - путь к повышению эффективности использования электроэнергии в сельском хозяйстве. // Кишоварз (Земледелец) Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, 2014. - № 2. - С.- 110-112
3. Абалкин Л.И., Львов Д.С, Макаров В.Л. и др. Предложения РАН по повышению эффективности ТЭК в российской экономике. Энергетическая политика. - 1996. - №5. - с. 2-7.
4. Расчеты автора на основе отчетов АОХК Барки Точик. Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Статистический ежегодник. Душанбе.2020, с.288, 300.
5. Аминджанов Р.М., Ахророва А.Д. Гидроэнергетика и энергобезопасность Таджикистана. Тезисы докладов Международной конференции «Водные ресурсы Центральной Азии и их рациональное использование». Душанбе, 2001.-с.38.
6. Развитие использования возобновляемых источников энергии в государствах – участниках СНГ. Москва 2013.- с.19.
7. Миндрин А.С. Энергоемкость сельскохозяйственного производства: теория, методология, оценка. М., Издательство ООО НИККЦ «Восход-А» 2009- 388с.

## САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР КАС-И ТОҶИКИСТОН

**ПУШОВ АЗАЛШО АКРАМОВИЧ,**
унвонҷӯи Институти иқтисодиёт
ва таҳлили системавии тараққиёти хоҷагии қишлоқи АИКТ
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Тел.: (+992) 900-88-44-44. E-mail: azalsho@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои энергетикӣ дар КАС-и Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Маълум гардид, ки самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии захираҳои энергетикӣ дар маҷмӯъ, баланд бардоштани самаранокии комплекси энергетика, кам кардани хароҷоти мушаххаси захираҳои энергетикӣ мебошад. Дар мақолаи пешниҳодшуда ба истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ ва танзими давлатии равандҳои инноватсионӣ барои таъмини рушди устувори КАС ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *самтҳои асосӣ, самаранокӣ, истифодаи захираҳои энергетикӣ, комплекси агросаноатӣ (КАС), ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, сарфаи барқ, танзими давлат.*

## KEY DIRECTIONS OF TO INCREASE THE EFFICIENCY OF USE OF ENERGY RESOURCES IN THE AGROINDUSTRIAL COMPLEX OF TAJIKISTAN

**PUSHOV AZALSHO AKRAMOVICH,**
applicant of the Institute of Economics
and Systematic Analysis of the Agriculture Development of TAAS.
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, 21 "A", Rudaki Ave.,
Phone: (+992) 900-88-44-44. E-mail: azalsho@mail.ru

*The article considered key directions to ecrease the efficiency of energy resources in the AIC of Tajikistan. It was revealed that the main directions to ecrease the efficiency of energy resources in the agro-industrial complex is: ecrease the efficiency of the energy resource through the introduction of advanced technologies, energy saving, reducing the specific costs of energy resources. Proposals in the article contributes to the rational use of energy resources and state regulation of innovative processes to ensure sustainable development of the of AIC of republic.*

***Key words:*** *key directions, efficiency, use of energy resources, agro-industrial complex (AIC), introduction of advanced technologies, energy saving, state regulation.*

УДК 338.2(575.3)

# АҲОЛИИ ШУҒЛВАРЗАНДАГОН ДАР ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АШУРОВ ФИРӮЗ МАҲМАДАЛИЕВИЧ,**
доктор PhD, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 938-85-46-46. E-mail: Ashurov1990tguk@mail.ru
**АЛИМАРДОНОВА ФАРИДА ҚУРБОНАЛИЕВНА,**
докторанти (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, к. Душанбе. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 888-88-28-98. E-mail: alimardonova-farida@mail.ru.

*Мақолаи мазкур оиди баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва роҳҳои ҳалли он дида баромада шудааст. Имрӯз мамлакатҳои пешрафта дар сарҳади баҳсҳои калон қарор дорад. Вақте, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи мураккаб ва рушди мубоҳисавӣ дар назди давлат ва ҷамъият масъалаи худшиноси ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ меистад, чунин савол ба миён меояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иқтисодиёти глобалӣ ҳамчун давлати мустақил боқӣ мемонад ё ин ки фақат ба ҳудуди дорои захираҳо ва сармояи инсонӣ табдил меёбад. Дар рафти таҳқиқот нақши сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар таъмини бехатарии иқтисодии мамлакат таҳқиқ карда шудааст. Бо вуҷуди ин, пешниҳоди умумии нишондиҳандаи маҷмӯи умумии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ҳамеша вуҷуд дорад ва он доимо идома меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *шуғл, муҳоҷират, аҳолӣ, сатҳи камбизоатӣ, шумораи аҳолӣ, синну сол, қобили меҳнат, некуаҳволӣ, демографӣ, сармоягузорӣ, даромади пулӣ, шумораи мардҳо, ҳиссаи аҳолӣ, маҳсулоти асосӣ.*

Шуғл, мисли ҳама гуна категорияҳои иқтисодӣ, мазмуни моддӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад, ки маҷмӯи муайяни муносибатҳои иқтисодӣ ва пеш аз ҳама муносибатҳоро оид ба тақсим ва истифодаи коргарон ва алоқаи онҳо бо воситаҳои истеҳсолот ифода мекунад [5].

Дар мамлакати мо дар шароити табодулоти ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тафриқаҳои ба амал омада, ҳалли муаммои баландбардории сатҳи зиндагии тамоми аҳолӣ муҳим гардидаанд. Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот яке аз мақсадҳои асосии барномаи давлатии рушди хоҷагии қишлоқ ва батанзимдарории бозорҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва озуқаворӣ мебошад [1. С.92].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад. Вале бояд гуфт, ки тибқи таҳлилҳо сатҳи касбияти коргарон ҳанӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй набуда, ин масъала ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Дар ҷараёни ислоҳот як масъаларо ба эътибор бояд гирифт, ки имрӯз дар Тоҷикистон зарурат ва талабот барои ҷорӣ намудани омӯзиши садҳо ихтисоси дигар вуҷуд дорад. Ҳоло дар кишвар 62 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи 97 ихтисос ва 5 маркази таълими калонсолон бо 41 филиал ва 21 намояндагӣ аз рӯи 93 касб кадрҳои коргарӣ тайёр мекунад» [8].

Масъалаи муҳиме, ки сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ба он алоқамандии зиёд дорад, ин раванди муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, ки таъсири назарраси худро ба беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ дар деҳот мерасонад ва онро яке аз манбаҳои асосии беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва омили таъсиррасон ба он меҳисобанд. Хусусан, дар деҳот, ки мушкилии дарёфти ҷойи кор, сатҳи пасти музди меҳнат, ҳосилнокии пасти меҳнат ва дигар омилҳои номатлуб хеле зиёданд, таъсири ин раванд ба беҳдошти сатҳи зиндагӣ бештар зоҳир мегардад. Дар натиҷаи рушди мунтазами макроиқисодӣ шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ солҳои охир камтар гардида, имконияти дарёфти ҷойи кор дар дохили мамлакат барои аҳолии деҳот рӯз аз рӯз бештар гардида истодааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат барои дар оромӣ нигоҳ доштан, таъмини ҳолати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳим бозид. Дар ин давра муҳоҷирон маблағи зиёдро ба ҷумҳурӣ ворид карданд, ки он аз 30 то 40% ММД-и давлатро дар солҳои гуногун ташкил мекард.

Дар шароити мавҷуд набудани низоми инкишофёфтаи суғуртаи иҷтимоӣ ва самаранокии бозори дохилии меҳнатӣ, муҳоҷират ва интиқоли маблағҳо ягона механизми мубориза ба муқобили камбизоатӣ барои бисёри аҳолии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Интиқоли маблағҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиёдшавии истеъмолот ва рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд [2. С.132].

Барои таҳқиқи илмии масъалаи мазкур баъзе маълумотҳоро доир ба муҳоҷирати аҳолии деҳот оварда, ҳолати воқеии ин равандро дар ҷадвали 1 таҳлил менамоем.

***Ҷадвали 1. Динамикаи муҳоҷирати аҳолии деҳот барои солҳои 2012-2018 (ҳазор нафар)***

| Нишондиҳанда | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Соли 2018 нисбат ба соли 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи кӯчида омадагон | 19,6 | 19,6 | 23,1 | 18,4 | 19,4 | 22,2 | 25,2 | 1,3 маротиба |
| Аз рӯи муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ | 18,9 | 19,4 | 22,7 | 18,4 | 19,2 | 22,0 | 24,9 | 1,3 маротиба |
| Аз рӯи муҳоҷирати байнидавлатӣ | 0,7 | 0,2 | 0,4 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | -42,8 % |
| Шумораи кӯчида рафтагон | 23,4 | 24,8 | 28,3 | 14,0 | 22,3 | 26,3 | 26,7 | 1,1 маротиба |
| Аз рӯи муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ | 21,3 | 23,0 | 26,6 | 13,5 | 21,6 | 25,1 | 25,3 | 1,2 маротиба |
| Аз рӯи муҳоҷирати байнидавлатӣ | 2,1 | 1,8 | 1,7 | 0,5 | 0,7 | 1,2 | 1,4 | -66,7 % |
| Шумораи аҳолии кӯчидаомада(+) кӯчидарафта(-) салдои муҳоҷират | -3,9 | -5,2 | -5,2 | 4,4 | -2,9 | -4,1 | -1,5 | -38,5 % |
| Аз рӯи муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ | -2,5 | -3,7 | -3,8 | 4,8 | -2,4 | -3,1 | -0,4 | -16 % |
| Аз рӯи муҳоҷирати байнидавлатӣ | -1,4 | -1,5 | -1,4 | -0,4 | -0,5 | -1,0 | -1,1 | -78,6 % |

***Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2019.– С. 36.***

Ҷамъбасти умумии муҳоҷирати аҳолӣ муайян намуд, ки дар раванди муҳоҷирати аҳолии деҳот солҳои охир тағйиротҳои назаррас ба вуҷуд наомадааст. Агар шумораи кӯчида омадагон дар ин давра 1,3 маротиба зиёд гардида бошад, пас шумораи кӯчида рафтагон ҳамагӣ 1,1 маротиба афзӯдааст, ки дар баланси шумораи аҳолӣ тағйироти зиёде ба назар намерасад. Дар ин сурат салдо ва ё тафовути муҳоҷират ҳамоно манфӣ боқӣ монда, соли охир ин фарқнокӣ нисбатан кам гардидааст. Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки дар давраи солҳои 2012-2018-ум шумораи кӯчида омадагон ба деҳот 5,6 ҳазор нафар ё 20% зиёд гардида бошанд, лекин дар ин давра шумораи аҳолии кӯчидарафта 3,3 ҳазор нафар ва ё ҳамагӣ 10% афзун шудааст. Ҳиссаи бештари кӯчида омадагон ва кӯчида рафтагонро аз рӯи муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ таҳлил кунем, аз рӯи он ҳиссаи муҳоҷирати байнидавлатӣ хеле кам аст. Фарқнокии аз ҳама зиёди манфии муҳоҷират ба солҳои 2013-2014 рост омада, аз ҳисоби раванди муҳоҷират шумораи аҳолии деҳот 5200 нафар кам гардидааст, ки ҳамагӣ ба 0,06 фоизи шумораи умумии аҳолии деҳот дар ҳамон давра баробар аст.

Коҳишёбии ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик аз Федератсияи Россия аз соли 2015 оғоз гардид, зеро дар ин давра бухрони коҳишёбӣ дар иқтисоди Россия ва пурзӯр намудани қоидаҳои будубош барои муҳоҷирон сурат гирифт. Дар соли 2018 иқтисоди Россия каме аз рукуд берун шуд ва рушди иқтисодӣ он 1,7 дарсадро ташкил намуд, ки ин метавонад ҳамчун омили афзоиши интиқоли пулӣ гардад [2].

Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби асосии ба муҳоҷират рӯ овардани қувваи корӣ дар деҳот ин сатҳи пасти музди меҳнат мебошад. Дар аксарияти соҳаҳои шуғли аҳолӣ, масалан, музди маоши кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, ба мисли тандурустӣ, маориф, илм, фарҳанг ниҳоят паст аст. Ин нишондиҳанда дар соҳаи кишоварзӣ, ки аксарияти аҳолии деҳот ба он шуғл меварзад, низ хеле паст мебошад. Ҳамаи ин ҳолатҳо, албатта, ба баланд гаштани сатҳи зиндагии аҳолӣ сабабгор намешаванд. Даромади аҳолӣ дар деҳот аслан аз истифодаи моликияти шахсӣ ва аз ҳисоби хоҷагии деҳқонии наздиҳавлигии шахсӣ ба даст омадааст. Тафриқаи музди меҳнат дар баъзе аз соҳаҳои асосӣ, ки аҳолии деҳот шуғл меварзад, дар муқоиса ба музди миёнаи меҳнат хеле зиёд мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки даромади пулии аҳолии деҳот, сарфи назар аз он ки дар баъзе деҳаҳо бозори фурӯши маҳсулот ва корхонаҳо мавҷуданд, нисбат ба даромади пулии аҳолии шаҳр паст мебошад. Барои мисол, аксарияти аҳолии деҳот дар соҳаҳои кишоварзӣ, ҷангалпарварӣ ва ё моҳидорӣ фаъолият менамоянд, ки дар таносуб бо музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа даромади ин соҳаҳо нисбатан паст мебошад.

Вобаста ба мавҷудияти маълумот дар маҷаллаҳои даврӣ динамикаи баъзе унсурҳои даромади пулии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои онро дида мебароем. Дар ҷадвали 2 музди меҳнати миёнаи баъзе аз категорияҳои аҳолии деҳот дар асоси маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст [7].

**Ҷадвали 2. Музди миёнаи меҳнати аҳолии деҳот аз рӯи баъзе фаъолияти иқтисодӣ**

| Нишондиҳанда | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | соли 2018 нисбат ба соли |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | | | 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд (сомонӣ) | 465,29 | 555,29 | 694,89 | 816,27 | 878,91 | 962,16 | 1144,2 | 1233,8 | 2,6 маротиба |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (сомонӣ) | 137,90 | 158,58 | 213,26 | 251,33 | 278,18 | 303,04 | 451,46 | 492,13 | 3,6 маротиба |
| Ҳиссаи музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангапарварӣ (%) | 29,6 | 25,6 | 30,6 | 30,8 | 31,6 | 31,5 | 39,4 | 39,9 | 10,3.б.ф |
| Моҳидорӣ (сомонӣ) | 263,39 | 324,36 | 351,14 | 448,55 | 529,30 | 797,07 | 623,87 | 687,56 | 2,6 маротиба |
| Ҳиссаи музди меҳнати соҳаи моҳидорӣ (%) | 50,1 | 58,4 | 50,5 | 54,9 | 60,2 | 82,8 | 54,5 | 55,7 | 5,6 б.ф. |

***Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019.– .С.121.***

Аз маълумоти ҷадвали 2 аён аст, ки музди миёнаи меҳнати соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ тамоюли афзоиш дорад, лекин дар муқоиса бо ҳисоби миёнаи музди меҳнат мутаносибан 30-40 фоизро ташкил додааст. Аз соли 2011 то 2018 ба ҳисоби миёна музди меҳнати миёнаи як корманд 2,6 маротиба зиёд шудааст. Дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ ин афзоиш 3,6 маротибаро дарбар гирифтааст, лекин андозаи мутлақи музди меҳнат ниҳоят кам аст. Ҳиссаи музди миёнаи меҳнати соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2011-ум 10,3 б.ф. ҳиссаи музди меҳнати соҳаи моҳидорӣ дар ин давра 5,6 б.ф зиёд гардидааст. Музди миёнаи меҳнати соҳаи моҳидорӣ дар ин муддат 2,6 баробар афзудааст, лекин афзоиши нархҳоро низ бояд ба назар гирифт, ки ин ҳолат ба сатҳ зиндагии аҳолии дар ин соҳаҳо фаъолияткунанда бетаъсир намемонад. Як хусусияти хосси соҳаи кишоварзӣ дар он аст, ки дар баъзан минтақаҳо заминҳои корам зиёд буда, шароит барои рушди чорводорӣ беҳтар мебошад. Аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар ин минтақаҳо нисбатан даромади пулӣ бештар ба даст омада, имконияти беҳдошти сатҳи зиндагӣ аз ҳисоби дигар манбаъҳо бештар аст. Хоҷагидорони аксарияти ноҳияҳои вилояти Суғд, ноҳияҳои тобеи марказ ва баъзе ноҳияҳои вилояти Хатлон як қисми маҳсулоти кишоварзиашонро (аз қабили меваи хушк, меваи тару тоза ва ғайра) ба хориҷи кишвар содирот менамоянд. Бештари ин содирот ба Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон рост меояд. Албатта, даромадҳои пулие, ки аҳолии деҳот аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба даст меорад мавсимӣ мебошад, лекин дар буҷаи

оилаи онҳо маблағҳо ҷамъ мегарданд.

Бекорӣ мафҳуми “шуғли пурра” маънои шуғли 100%-и қувваи кориро надорад. Барои фаъолияти мутаъдили иқтисоди бозори, бозори меҳнат, пешниҳоди қувваи корӣ лозим аст. Дар ҳама ҳолат дар кишвар бояд теъдоди муайяни қувваи кории озод, яъне бекорон, вуҷуд дошта бошанд. Масъалаи шуғли пурра ин масъалаи бекорӣ мебошад [10. С.127].

### Адабиёт


1. Ашуров Ф.М. Сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ / Ф.М. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3, Душанбе 2020. С.92
2. Барфиев Қ.Х., Мирзоев С.С., Аҳмадов Ф.М. Таҳқиқи омории таъсири равандии муҳоҷирати меҳнатӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ / Қ.Х. Барфиев., С.С. Мирзоев., Ф.М. Аҳмадов. // Кишоварз.-№ 3. Душанбе 2019. – С. 131-137.
3. Бузляков, Н.Н. Методы планирования повышения уровня жизни Текст. // Н.Н. Бузляков. -М.: Экономика, саҳ. 72.
4. Зарипов Э.Ш., Муродова М.И., Омори иҷтимоӣ – иқтисодӣ. Душанбе, 2009 - 255с.
5. Кабутов М.К. Занятость населения в условиях становления рыночных отношений: автореф. дис. ... докт. эко. наук: 08.00.01 / М.К. Кабутов –Душанбе: 2000. – С. 10.
6. Ларина Т. Н. Методология статистического исследования качества жизны населения сельских территории. Докторская диссертация. Москва -2013.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019.–. С.122.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январ Душанбе-2021 http://www.president.tj. сана 07. 04. 2021.
9. Тоҷикистон: 25 –соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016.
10. Хушвахтзода Қ.Х., Аҳмадов Ф.М., Ашуров Ф.М. Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монографияи илмӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Ф.М. Аҳмадов, Ф.М. Ашуров // Душанбе– 2021, саҳ. 127.


## ЗАНЯТОЕ НАСЕЛЕНИЕ В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**АШУРОВ ФИРУЗ МАХМАДАЛИЕВИЧ,**
доктор PhD, и.о. доцента кафедры бухгалтерского учета и аудита
Таджикского государственного университета коммерции.
734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 938-85-46-46. E-mail: Ashurov1990tguk@mail.ru
**АЛИМАРДОНОВА ФАРИДА КУРБОНАЛИЕВНА,**
докторант (PhD) Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992)888-88-28-98. E-mail: alimardonova-farida@mail.ru.



*В статье рассматриваются вопросы повышения уровня жизни сельского населения, миграции и занятости населения, а также пути их решения. Сегодня развитые страны*

*находятся на пороге большой полемики, тогда как Республика Таджикистан находится на непростом этапе развития и дискуссии, где перед государством и обществом стоит вопрос самосознания и защиты национальных интересов, возникает такой вопрос. Останется ли Республика Таджикистан независимым государством в мировой экономике или станет территорией только с человеческими ресурсами и капиталом. В процессе исследования изучалась роль уровня жизни населения сельской местности в обеспечении экономической безопасности страны. Однако всегда есть общее представление об общем совокупном уровне жизни сельского населения, и он постоянно развивается.*

***Ключевые слова:*** *занятость, миграция, население, уровень бедности, численность населения, возраст, работоспособный, благополучие, демографические, инвестиции, денежный доход, количество мужчин, доля населения, основные продукты.*

## EMPLOYED POPULATION OF THE RURAL AREA OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**ASHUROV FIRUZ MAKHMADALIEVICH,**
Doctor PhD, Acting Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing,
Tajik State University of Commerce.
734055, Republic of Rajikistan, Dushanbe, 1/2,Dehoti str.
Phone: (+992) 938-85-46-46. E-mail: Ashurov1990tguk@mail.ru
**ALIMARDONOVA FARIDA KURBONALIEVNA,**
PhD doctoral student of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 888-88-28-98. E-mail: alimardonova-farida@mail.ru.

*The article discusses the issues of improving the living standards of the rural population, migration and employment of the population, as well as ways to solve them. Today, developed countries are on the verge of a great controversy, when the Republic of Tajikistan is at a difficult stage of development and discussion before the state and society is the issue of self-awareness and protection of national interests, there is the question: will the Republic of Tajikistan remain an independent state in the world economy or become a territory with only human resources and capital. The study examined the role of the standard of living in rural areas in ensuring the economic security of the country. However, there is always a general idea of the general aggregate standard of living of the rural population, and it is constantly evolving.*

***Key words:*** *employment, migration, population, poverty rate, population size, age, workable, well-being, demographic, investments, cash income, number of men, proportion of the population, main products.*

**УДК: 330.15 (575.3)**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

**МУРОДОВА ФАРЗОНА БАХРОМОВНА,**
ассистенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 900-20-44-20. E-mail: murodova.0909@mail.ru

*Дар мақола таҳқиқ ва омӯзиши асосҳои назариявии рушди фаъолияти соҳибкорӣ шуруъ аз назарияи А.Смит то нуқтаи назари мутафаккирони муосири иқтисодиёт, аз ҷумла иқтисодчиёни ватанӣ ба роҳ монда шудааст. Дар такя бо нуқтаи назари А.Смит қайд карда мешавад, ки низоми иқтисоди бозорӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ муносиб мебошад, чунки амали шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла амали моликияти хусусӣ ва озодӣ дар ин низоми иқтисодӣ бараъло пайхас карда мешавад. Дар мақола мавқеи Р.Кантилон оиди соҳибкор ва фаъолияти соҳибкорӣ омӯхта шуда, муайян карда шудааст, ки ин муҳаққиқ ба фаъолияти соҳибкорӣ одамонеро нисбат медиҳад, ки онҳо дар соҳаҳои ҳунармандӣ ва савдо машғули кор мебошанд. Дар маҷмӯъ маводи қисмати таҳлилии таҳқиқот нуқтаи назари мутафаккирони хориҷӣ, аз ҷумла мавқеи А.Смит, Р.Кантилон, Ж.Б.Сэй, Карл Маркс, Леон Валрас, Карл Менгер, И.Тюнен, Ф.Найт, Ф.Уокер, Ҷ.С.Милл, А.Маршалл, Л.Валрас, Ф.Визер, Ҷ.Р.Хикс, Д.Б.Кларк, Й.Шумпетер, П.Друкер, Л.Мизес, Ф.Хайек ва нигоҳи иқтисодчиёни ватанӣ ба монанди С.Ҷ. Комилов ва Т.Д. Низомова - ро перомуни таҳқиқи соҳибкор, фаъоляти соҳибкорӣ, моҳият ва рушди он фаро мегирад. Дар қисмати ҷамъбастии мақола бошад хулосаю пешниҳодҳои муаллиф оварда шудааст, аз ҷумла хулосабарориҳо оиди самтҳои рушди назарияи соҳибкорӣ, хусусиятҳои соҳибкор ва фаъолияти соҳибкорӣ.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибкор, фаъолияти соҳибкорӣ, моликият, иқтисоди бозорӣ, фоида, сармоядор, омилҳои истеҳсолот, сармоя, таваккал, инноватсия, менеҷмент, такрористеҳсол, қобилият, омезиши омилҳо.*

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ борҳо дар суханрониҳои худ ёдовар шудаанд. Алалхусус роҳбари давлат дар Паёми худ ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 қайд намуда буданд, ки: «Рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ буда, то имрӯз доир ба тақвияти шарикии давлат бо бахши хусусӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, соддагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ ва танзими фаъолияти иҷозатдиҳӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд» [7].

Иқтисоди бозори ин иқтисоди намуди соҳибкорӣ мебошад. Мушкилоти соҳибкориро мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт зери омӯзиши худ қарор додаанд. Баробари рушди низоми иқтисоди бозорӣ, инчунин дар ҷараёни таҳаввулоти назарияи иқтисодӣ намояндагони мактабҳои иқтисодӣ мазмун ва моҳият соҳибкориро дар вариантҳои гуногун муайян кардаанд.

Моҳияти соҳибкориро классики назарияи иқтисодӣ ва бунёдгузори назарияи соҳибкорӣ А.Смит нисбатан муфассалтар кушодааст. Мутафаккири мазкур дар кори илмии худ бо номи «Таҳқиқот оиди табиат ва сабабҳои сарватмандии халқҳо», ки соли 1776 нашр шуда аст, модели классикии иқтисоди бозориро ба таври назариявӣ бунёд кардааст. А.Смит хусусияти хоси иқтисоди бозориро дар моликияти хусусӣ ва онро ба озодии иқтисодӣ вобаста медонад. Дар шароити мазкур механизми иқтисодии

хоҷагидорӣ ҳамчун механизми татбиқи озодии иқтисодӣ баромад менамояд ва аз нигоҳи А.Смит дар худ озодии интихоби соҳибкориро ифода менамояд [8, с.51]. Фаҳмиши соҳибкорро А.Смит бо истифодабарии оптималии захираҳо «одами иқтисодӣ», яъне сифатҳои муайяни шахсӣ вобаста медонад. Ин сифатҳо инфиродӣ буда, манфиати шахсиро ифода менамоянд. Дар асоси чунин ақида А.Смит иқтисоди бозории таҳқиққардаро инфиродӣ медонад ва ба сифати қувваи асосии пешбарандаи он ҳавасмандии манфиатҳои шахсиро дар назар дорад. Аз нигоҳи А.Смит манфиати шахсӣ асоси бозорӣ ва ё «тартиботи табиӣ» - ро ташкил медиҳад. А.Смит чунин меҳисобад, ки рақобати иқтисодӣ дар иқтисоди бозории классикӣ байни моликони хусусӣ озод ва комил мебошад. Ин озодӣ аз ҳисоби шумораи зиёди харидорон ва фурӯшандагони озод ва ё дар сатҳи мустақил амалкунанда, ки ба хариду фурӯши дилхоҳ захираву маҳсулот машғуланд, вобаста мебошад. Дар чунин шароит воридшавӣ ба бозор ва тарки он бе назардошти монеаҳои қонунгузорӣ, технологӣ ва молиявӣ озодона амалӣ карда мешавад.

Дар адабиётҳои илмӣ қайд мешавад, ки фаҳмиши «соҳибкор» ва «соҳибкорӣ»-ро аввалин шуда иқтисодчии франсузӣ ва бонкдори ирландӣ Р.Кантилон охирҳои асри XVII ва аввалҳои асри XVIII истифода кардааст. Кори илмии ӯ «Таҷриба оиди табиати савдо» унвон дошт. Р.Кантилон вазифаҳои сармоя ва соҳибкориро аз ҳам ҷудо намуда, охирин шахсе, ки масъулияти фурӯши молро бо нархҳои пешгӯинашаванда ба зимаи худ мегирад, шахсеро дар назар дорад, ки мувофиқи арзаю тақозои молӣ амал менамояд. Р.Кантилон ба фаъолияти соҳибкорӣ одамонеро нисбат медиҳад, ки онҳо дар соҳаҳои ҳунармандӣ ва савдо машғули кор мебошанд. Ба ин гурухи одамон кормандони хоҷагидорӣ (фермерӣ), ки метавонанд дар ҳолати камҳосилӣ ва дар натиҷаи таъсири манфии дигар омилҳо, аз ҷумла маҳдуд намудани мавқеи соҳибкорон барои ба таври пешакӣ муайян намудани нархи маҳсулот таваккал кунанд, шомил буданд. Р.Кантилон ба сифати соҳибкор шахсонеро дар назар дорад, ки имконияти мунтазам гирифтани даромадро надоранд [3, с.163].

Иқтисодчии номдори франсузии охири асри XVIII ва аввали асри XIX Ж.Б.Сэй, ки гарчанде онро маъруфгардонандаи ақидаи А.Смит дар минтақаи Аврупо медонанд, ба замми рушд додани нуқтаи назари А.Смит нисбат ба устоди худ қадами назаррасе ба пеш гузоштааст. Ж.Б.Сэй соҳибкорро ҳамчун иштирокчии ҷараёни иқтисодӣ аз сармоядор (капиталист) фарқ гузошта буд [9]. Он чунин меҳисобид, ки соҳибкор қисме аз фоидаи сармоядорро ҳамчун мукофот барои қобилияти истеҳсолӣ, истеъдод, фаъолияти худӣ ва роҳбарӣ ба даст меорад.

Ж.Б.Сэй дар соли 1803 фаҳмиши фаъолияти соҳибкориро ҳамчун алоқаи се омили классикии истеҳсолот – замин, сармоя ва меҳнат ба низом дароварда, чунин нуқтаи назар дорад, ки соҳибкор – ин шахсе мебошад, ки дар асоси таваккал фаъолият карда, аз ҳисоби фоидаи худ маҳсулотеро истеҳсол менамояд. Даромади соҳибкор ин мукофот ба ивази меҳнат, қобилияти ташкили истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот мебошад. Мафҳуми соҳибкориро бошад Ж.Б.Сэй ҳамчун алоқаи эҷодӣ ва ҳамоҳангсозии омилҳои асосии истеҳсолот (замин, сармоя ва меҳнат) дар шароити пайгирии доимии вазъияти бозор, хароҷоти истеҳсолӣ, бартараф намудани монеаҳо ва хатарҳо дар назар дорад. Аз нигоҳи ӯ соҳибкор агенти асосӣ ва ташкилкунандаи истеҳсолот баромад менамояд. Яке аз асосгузорони мактаби иқтисодии физиократҳо А.Тюрго таваккали вобаста ба тағйирёбии нархҳоро дар бозор хусусияти хоси соҳибкорӣ медонад.

Иқтисодчии номдор ва файласуфи асри XIX Карл Маркс баъзан мавриди истилоҳи «соҳибкор»-ро истифода кардааст, лекин калимаи «капиталист» дар таҳқиқиоти он афзалтар дониста мешавад [13, с.401]. Ин гуфтаҳо маънои онро надорад, ки мутафаккир истифодаи истилоҳи «соҳибкор»-ро рад карда бошад. Аз нигоҳи К.Маркс дар шароити рақобати шадид ва сатҳи баланди номуайянӣ ширкатҳои бузург ширкатҳои хӯрдро фурӯ мебаранд, бинобар ин, тиҷорат бояд васеъ карда шавад ва ё аз байн бурда шавад.

Назарияи марҷиналистӣ, ки онро Леон Валрас пешбарӣ кардааст, ба иқтисоди бозории либералӣ асос меёбад ва тарафдорони назарияи мазкур дар такя ба фарзияи шаффофияти бозор мавҷудияти номуайяниро инкор менамоянд [12, с.12]. Аз нигоҳи Леон Валрас агентҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкор оиди гузориши воситаҳо дар асоси таҳлили самаранокии талаф ва бурд қарор қабул мекунад. Аммо аз нигоҳи иқтисодчии австриягӣ Карл Менгер самаранокии агентҳои иқтисодӣ маҳдуд мебошад.

Д.Риккардо ба назарҳои шабеҳ оиди соҳибкор ҳамчун сармоядор (капиталист), ки фаъолияташ ба таваккал ва гирифтани даромад алоқаманд аст, пайравӣ мекард. Баъдан намояндаи мактаби классикии олмонӣ дар асри XIX И.Тюнен ва иқтисодчии амрикоӣ Ф.Найт ба сифати пайравони фаҳмиши соҳибкорӣ бо чунин мазмун баромад карданд. И.Тюнен чунин меҳисобад, ки сифати асосии соҳибкор ин таваккал карда тавонистан, қарорҳои ғайристандартиро қабул намудан ва бо мақсади гирифтани даромади пешгӯинашаванда ба амалҳои худ ҷавоб дода тавонистан аст. Ф.Найт нуқтаи назари И.Тюненро рушд дода, чунин меҳисобад, ки соҳибкор ин шахсе мебошад, ки таваккал карда метавонад ва имконияти пешгӯӣ намудани дурнамои рушд ва аз он гирифтани самараи иқтисодии иловагиро дорад [5, с.26].

Ф.Уокер дар соли 1876 фарқияти шахсеро, ки аз сармояи пешниҳоднамуда фоиз мегирад нисбат ба шахсе, ки аз ҳисоби қобилияти ташкилотчигии худ фоида ба даст меорад, муайян намудааст. Ҷ.С.Милл низ дар мазмуни соҳибкор ва соҳибмулк фарқ гузошта, фаҳмиши соҳибкорро ҳамчун ташкилотчӣ ва идоракунанда, ки имконияти ҳамоҳангсозии омилҳои истеҳсолотро дорад, маънидод менамояд.

Дар асрҳои XIX – XX фаҳмиши соҳибкорӣ ва вазифаҳои он васеъ гардид, ки ин таҳаввулот ба назарияи неоклассикҳои французӣ ба монанди А.Маршалл, К.Менгер, Л.Валрас, Ф.Визер, Ҷ.Р.Хикс, Д.Б.Кларк алоқаи зич дорад.

Дар асри XX тавсифи соҳибкорӣ ва шакли он сифатан тағйир ёфт, ки ин тағйирот ба нуқтаи назари иқтисодчии номдори амрикоӣ ва назариячии соҳаи соҳибкорӣ Й.Шумпетер вобаста мебошад. Й.Шумпетер соҳибкорро қувваи ҳаракатдиҳандаи капитализм, навовар, инкишофдиҳанда ва ҷорикунандаи навгониҳо дар самти таъмини рушди иқтисодии иқтисодиёти кпиталистӣ маънидод менамояд. Й.Шумпетер иқтисоди бозориро ҳамчун ҷаҳони рақобати воқеӣ номида, қайд менамояд, ки дар ин низоми иқтисодӣ соҳибкорон имконияти бунёди ташкилотҳо, ба даст овардани бозорҳои нав ва фурӯши маҳсулоти хусусияти навгонидоштаро дар муҳити озод пайдо менамоянд [11]. Хусусан иқтисоди бозорӣ аз нигоҳи Й.Шумпетер ҳамчун иқтисоди намуди соҳибкорӣ дониста мешавад. Мутафаккир қайд менамояд, ки азбаски таъйиноти иҷтимоӣ-иқтисодии соҳибкорӣ ба навгониҳо асос меёбад, бинобар ин, фаъолияти мазкур характери навоварона пайдо менамояд.

Соҳибкорӣ ҳамчун омили инноватсионии рушд ба ғайр аз таҳқиқоти Й.Шумпетер боз дар таҳқиқоти П.Друкер низ дида баромада шудааст. П.Друкер соҳибкорро ҳамчун агенти беҳамто дар самти тағйирот медонад. Аз нигоҳи ӯ ҷомеаи соҳибкорӣ, ки дар

натиҷаи фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ба вуҷуд меояд, аз мусоидати давлатӣ вобаста мебошад [1].

Дар фаҳмиши соҳибкорӣ намояндагони мактаби неоавстриягӣ Л.Мизес ва Ф.Хайек навгонӣ ворид намудаанд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки соҳибкор на танҳо бо усулҳои нави технологӣ таҷриба менамояд, балки интихоби сарфакорона ва арзонро барои одамон низ пешниҳод менамояд [10].

Мушкилоти вобаста ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар таҳқиқоти иқтисодчиёни ватанӣ низ ҷой дорад. Аз нигоҳи д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ. соҳибкорӣ-ин ташкили фаъолияти иқтисодии хусусӣ мебошад, ки ба гирифтани фоида нигаронида шудааст ва он чун ҷараёни динамикӣ ба сифати зихираи иқтисодӣ баромад намуда, суръати афзоиши иқтисодӣ ва фаъолнокии ҷараёнҳои инноватсионию сармоягузориро таъмин менамояд [4, с.5].

Аз нигоҳи д.и.и., профессор Низомова Т.Д. соҳибкор шахси дорои маданияти баланд ва ақлу заковати равшан мебошад. Бархе аз сифатҳои мазкур ирсӣ мебошанд, ё дар овони кӯдакӣ ташаккул ёфтаанд, инчунин фарҳанги соҳибкориро бо роҳи омӯзиш низ аз бар намудан имконпазир мебошад [6, с.17].

Аз омӯзиш ва таҳлили нуқтаи назари мутафаккирони илми иқтисодӣ перомуни фаҳмиши соҳибкор ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рушди назарияи соҳибкорӣ дар якчанд самтҳо дида мешавад.

Намояндагони **самти якум** соҳибкориро ба таваккал алоқаманд медонанд. Асосгузори ин равия иқтисодчии фаронсавӣ Р.Кантилон мебошад. Чунки аз руйи хулосаи Р.Кантилон соҳибкор фарди дурандеш ва таваккалкунанда буда, бо мақсади гирифтани фоидаи иловагӣ қобилияти истифодабарии имкониятҳои худро дорад.

Соҳибкори ҳақиқӣ дар дилхоҳ марҳилаи такрористеҳсол иимконияти иштирок намуданро дорад, аз ҷумла дар рафти истеҳсолот, мубодила ва тақсимот. Соҳибкор дар рафти мубодила дар такя бо таваккал фосилаи байни талабот ва таклифотро истифода намуда, молҳоро бо нархҳои арзон харидорӣ ва бо нархҳои баланд мефурӯшад. Соҳибкор метавонад дар қиёс бо ашхосе, ки аз таваккал кардан метарсад, даромади баландтар ба даст орад. Ин нуқтаи назарро И.Тюнен ва Ф.Найт пешниҳод намудаанд. Мутафаккирони мазкур мафҳуми соҳибкор ва соҳибкориро бо таваккали ғайричашмдошт зич алоқаманд кардаанд.

**Самти дуюми** рушди назарияи соҳибкорӣ бо нуқтаи назари Ж.Б.Сэй ва А.Маршалл вобаста мебошад. Иқтисодчиёни машҳур чунин меҳисобанд, ки вазифаи асосии соҳибкор ба таври оқилона пайвастани омилҳои истеҳсолот (сармоя, замин, меҳнат) ва гирифтани даромади муқаррарии соҳибкорӣ мебошад.

Рушди мантиқии ду самти аввал консепсияи соҳибкории Й.Шумпетер мебошад. **Самти сеюми** рушди назарияи соҳибкорӣ бунёди назарияи нисбатан мукаммал ва характери дурнамодоштаро дар назар дорад. Аз нигоҳи Й.Шумпетер низоми иқтисодӣ дар ҳоле қобилияти худинкишофёбиро пайдо менамояд, ки агар ба он на танҳо маҷмӯи омилҳои истеҳсолот таъсиррасон бошанд. Ин ҳолат аз консепсияи Ж.Б. Сэй низ бар меояд. Ба ақидаи Й.Шумпетер мунтазам такоршавии омезиши маҷмӯи омилҳо зарур мебошад.

Й.Шумпетер ба сифати намудҳои нави омезиши низоми омилҳо ҳолатҳои зеринро дар назар дорад:

а) истеҳсоли молу маҳсулоти барои истеъмолкунандагон номаълум ва ё ба роҳ мондани истеҳсоли молу маҳсулоти сифатан нав;

б) ҷорӣ намудани усулҳои нави такрористеҳсол, аз ҷумла ба роҳ мондани инноватсия дар рафти истеҳсолот, истифодаи тиҷоратии молҳо;

в) азхудкунии бозорҳои нав ва ё қисматҳои нави бозор;

г) дарёфти сарчашмаҳои нави дастраскунии ашёи хом;

ғ) ҷорӣ кардани усулҳои нави ташкили меҳнат ва ғ.

Аз нигоҳи Й.Шумпетер субъектҳои хоҷагидорие, ки омезишҳои гуногун ва навро дар ҷараёни такрористеҳсол фаъолона истифода мебарад, соҳибкор дониста мешавад. Вобаста ба ин, қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба моликият нишонаи муҳими соҳибкорӣ дониста намешавад. Аз нигоҳи Й.Шумпетер фаҳмиши соҳибкор дар шароити дилхоҳ форматсияи ҷамъиятӣ танҳо аз руйи вазифа ва қобилияти шахс муайян карда мешавад. Субъектҳои хоҷагидорӣ, ки омезишҳои навро амалӣ карда наметавонанд, аз фаъолияти соҳибкорӣ даст мекашанд.

Вазифаҳои соҳибкориро шахсоне иҷро карда метавонанд, ки қобилият ва майли навоварӣ дошта, истеъдоди татбиқи онҳоро доранд. Дар шароити кунунӣ ин намуди соҳибкорӣ намуди асосии субъектҳои хоҷагидорӣ дониста мешавад. Меҳнати соҳибкор дар муқоиса бо субъектҳои иқтисодии анъанавӣ меҳнати сифатан нав мебошад, чунки меҳнати соҳибкор меҳнати навовар мебошад.

Аз диди Й.Шумпетер ҷараёни иқтисодии соҳибкорӣ танҳо ба гирифтани фоидаи оддӣ маҳдуд намешавад, балки гирифтани фоидаи максималиро дар натиҷаи ҷорӣ намудани омезишҳои нав ба ҷараёни такрористеҳсол дар назар дорад. Дар рушди самти сеюм ҳиссаи арзандаро Л.Мизес, Й.Киртснер, Ф.Хайек низ гузоштаанд. Онҳо вазифаи инноватсиониро дар ҷараёни бозорӣ ошкор намуда, онро бо рақобати динамикӣ вобаста медонанд. Нуқтаи назари иқтисодчии ватанӣ Комилов С.Ҷ. ба самти сеюми рушди назарияи соҳибкорӣ, яъне соҳибкор-навовар мувофиқ мебошад.

Ба **самти чоруми** рушди назарияи соҳибкорӣ П.Друкер, Б.Карлоф, Б.Санто асос гузоштаанд. Онҳо соҳибкориро ба намуди махсуси менеҷмент алоқаманд менамоянд. Тағйироти ҷадиди онҳо ба зарурат ва имконияти пайвастани соҳибкорӣ ва менеҷмент дар шароити муосир асос меёбад.

Аз натиҷаи омӯзиши асосҳои назариявии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла нуқтаи назари мутафаккирони назарияи иқтисодӣ ва иқтисодчиёни сатҳи амалия хулосаю пешниҳодҳои зеринро баровардан мумкин аст:

– соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти ба самти гирифтани фоидаи максималӣ нигаронидашаванда дониста мешавад;

– фаъолияти ташаббускории соҳибкорон дар истеҳсоли маҳсулот ва расонидани хизматҳо дида мешавад, ки натиҷаи он фоида мебошад;

– соҳибкорӣ ин ҷараёни навгониҳои ташкилӣ дониста мешавад;

– соҳибкорӣ амалҳоеро дар мегирад, ки ба самти афзоиши сармоя ва рушди истеҳсолот нигаронида шудаанд;

– соҳибкорӣ намуди махсуси фаъолият мебошад, ки мунтазам ворид намудани тағйиротро дар ҳаёти корхона ва ҷамъият амалӣ менамояд;

– ҷараёни ташкил ва амаликунии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити бозор сурат мегирад;

– фаъолияти соҳибкорӣ амали мутақобилаи субъектҳои бозорро дар бар мегирад.

**Адабиёт**

1.Друкер П. Эффективное управление. Экономические задачи и оптимальные решения. - М.: ФАИРПресс, 2002.

2.Кантильон Р. Опыт о природе торговли вообще // Первые экономические системы.

М.: ЭКСМО. 2007.
3.Кантильон Р. Эссе о природе торговли в общем плане. Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков. М.: Мысль, 2004. Т. 1.
4.Комилов С.Д., Забиров Н.Х. Предпринимательство: вопросы развития и государственного регулирования / С.Д. Комилов, Н.Х. Забиров // Душанбе: РИА Статус, 2004, - С. 5.
5.Найт Ф. Понятие риска и неопределенности / Ф. Найт // THESIS. 1994. вып. 5.-С.26-27.
6.Низамова Т.Д. Некоторые теоретические аспекты реструктуризации предприятий переходного периода / Т.Д. Низамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2014. - Т. 2. - № 2/10 (152). - С. 10-17.
7.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-[манбаи электронӣ].-22.12.2016.-ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 24.11.2021 с.).
8.Смит А. Исследование о сущности и причинах богатства народов. М., Л.: Гос. соц.-экон. изд-во, 1935. – С.51.
9.Сэй Ж. Б. Трактат политической экономики. М., 1896.
10.Хайек Ф.А. Назначение, конкуренция и свобода: Антология сочинений. СПб.: Пневма, 1999.
11.Шумпетер Й., Веф А. Капитализм, социализм и демократия / Пер. с англ. М.: Экономика, 1995.
12.Jaffe´W. Walras' theory of tato^nnement: a critique of recent interpretations //Journal of Political Economy. 1967. Vol. 75. № 1.
13.Marks K. Kapital. Tom 3. M.: Popurri, 2010.
14.Menger C. In Menger K. (Ed.) Grundsa¨tze der Volkswirtschaftslehre, 2nd ed., Holder, Vienna, (originally published in 1871).- 1923.

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**МУРОДОВА ФАРЗОНА БАХРОМОВНА**,
ассистент кафедры менеджмента
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 900-20-44-20. E-mail: murodova.0909@mail.ru

*В статье исследуются и изучаются теоретические основы развития предпринимательской деятельности, от теории А. Смита до взглядов современных экономических мыслителей, в том числе отечественных экономистов. Полагаясь на точку зрения А. Смита, отмечается, что система рыночной экономики подходит для развития предпринимательской деятельности, так как отлично чувствуется действие различных форм собственности, в том числе действие частной собственности и свободы в этой экономической системе. В статье исследуется позиция Р. Кантильона о предпринимателе и предпринимательской деятельности и определяется, что указывается, что этот исследователь относит к предпринимательской деятельности людей, занимающихся ремеслами и торговлей. В целом, материалами аналитической части исследования являются взгляды зарубежных мыслителей, в том числе позиции А. Смита, Р. Кантильона, Дж. Б. Сэя,*

*Карла Маркса, Леона Вальраса, Карла Менгера, И. Тунена, Ф. Найта, Ф. Уокера, Дж. С. Милля, А. Маршала, Л. Вальраса, Ф. Визера, Дж. Р. Хикса, Д. Б. Кларка, Дж. Шумпетера, П. Друкера, Л. Мизеса, Ф. Хайека и взгляды отечественных экономистов, таких как Комилов С.Дж. и Низомова Т.Д. относительно исследования понятия предприниматель, предпринимательская деятельность, ее сущность и развитие. В заключительной части статьи приводятся выводы и предложения автора, в том числе выводы о направлениях развития теории предпринимательства, особенностях предпринимателя и предпринимательской деятельности.*

***Ключевые слова:*** *предприниматель, предпринимательская деятельность, собственность, рыночная экономика, прибыль, инвестор, факторы производства, капитал, риск, инновация, менеджмент, воспроизводство, способность, комбинации факторов.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY DEVELOPMENT

**MURODOVA FARZONA BAKHROMOVNA**,
assistant of the Department of Management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 900-20-44-20. E-mail: murodova.0909@mail.ru

*The article examines and studies the theoretical foundations of the development of entrepreneurial activity, from the theory of A. Smith to the views of modern economic thinkers, including domestic economists. Based on the view of A. Smith, it is noted that the system of a market economy is suitable for the development of entrepreneurial activity, since the action of various forms of ownership is perfectly felt, including the action of private property and freedom in this economic system. The article examines the position of R. Cantillo on the entrepreneur and entrepreneurial activity, and it is determined that this researcher means in entrepreneurial activity people who are engaged in crafts and trade. In general, the materials of the analytical part of the study are the views of foreign thinkers, including the positions of A. Smith, R. Cantillon, J. B. Say, Karl Marx, Leon Walras, Karl Menger, I. Tunen, F Knight. , F. Walker, J. S. Mill, A. Marshall, L. Walras, F. Wieser, J. R. Hicks, D. B. Clark, J. Schumpeter, P. Drucker, L. Mises, F. Hayek and the views of domestic economists such as S.J. Komilov and Nizomova T.D. on the study of the concept of entrepreneurs, entrepreneurial activity, its essence and development. The final part of the article contains the author's conclusions and proposals, including conclusions about the areas of development of entrepreneurial theory, the features of entrepreneur and entrepreneurial activity.*

***Key words:*** *entrepreneur, entrepreneurial activity, property, market economy, profit, capitalist, factors of production, capital, risk, innovation, management, reproduction, ability, combinations of factors.*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 327.8: 321.022

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҲАМЧУН МАКТАБИ УМУМИҶАҲОНИИ СУЛҲ

**ЗОИР ҶУРАХОН МАҶИДЗОДА,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+ 992) 985 03 85 85. E-mail: zoirov2009@mail.ru
**ЗУХУРЗОДА ШАХЛО ДАВЛАТМУРОД,**
ассисенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-96-96-89. E-mail: shahlozuhurzoda95@gmail.com

*Истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, волоияти иҷрои қонунҳои ҷумҳурӣ, амру дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин намуд. Сулҳи сартосарӣ дар кишварамон бо ташаббус ва ибтикори ҳамешагии Сарвари давлат раванди бозсозии иқтисодии кишвар, рушди демократия, гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ, озодии сухан ва матбуот, ташаккули тафаккури миллӣ равнақу ривоҷи бештар пайдо намуда, ваҳдати миллиро мустаҳкам намуд, ки дар илми ҳуқуқи тоҷик як мактаби нави сулҳофарин ташаккул ёфта истодааст, ки аз ин таҷрибаи сулҳи тоҷикон дигар давлатҳои ҷангзада метавонанд дарси ибрат гиранд. Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон, фаросати азими мардумпарваронааш, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони хешро дар хатар монда, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуд ва сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд.*

***Калидвожаҳо:*** *Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, Созмони Милали Муттаҳид, Қатънома, САҲА, истиқрори сулҳ.*

27 июни соли 1997 бо кушишҳои чандинсола, шабзиндадориҳо ва сарварии оқилонаи фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар шаҳри Маскав ба имзо расид.

Расидан ба ин сулҳи тақдирсози миллати тоҷик роҳи басо душвор ва ниҳоят мураккаб буд, ки ин санаи таърихии миллати тоҷикро Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оғози фаъолияти сулҳофаронаи Раиси нави тозаинтихоибшудаи Шурои Олӣ Эмомали Раҳмон ибтидо гузошт, ва аввалин ироаи савганди мардонагии ин шахсияти худодод аз калимаи ***«Ман ба Шумо сулҳ меоварам»*** оғоз ёфт, ки ин родмарди ватандуст тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои қатъ намудани ҷанг, таъмини сулҳ, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд. Кушишҳои панҷсолаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон, омузиш ва таҳлилҳои асосонокунии ин санади таърихи аз лиҳози илми ва муайян намудани тақдири ояндаи давлати тоҷикон, якпорчагии миллат, дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро таҳлилҳои илми нишон медиҳанд, ки ӯ Эмомали Раҳмон миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард, ба савганди худ лоиқ шуда, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан баргардонид,

миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи аҳдномаи миллӣ кушиш намуданд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро азнавсози намоянд.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон, фаросати азими мардумпарваронааш, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони хешро дар хатар монда, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуд ва сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд.

Дар маърӯзаи худ ба Шурои Амният аз 4-уми сентябри соли 1997 Котиби Генералӣ қайд намуд, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи МНСММТ гузошташуда онро моҳиятан таҳким бахшида, ҷузъи миссияро, ки ба масъалаҳои шаҳрвандӣ машғул аст, васеъ намуда, барои кор дар чунин самтҳо ба мисли ҳуқуқи расмӣ (аз ҷумла, ҳуқуқи инсон),тартиботи ҳуқуқӣ, полис, ташкил намудани интихобот ва ҳамоҳангсозии кумаки байналхалқӣ мутахассисони иловагиро ҷалб намудан лозим аст.

Ҳамчунин аз 42 то 120 нафар зиёд намудани шумораи нозирони ҳарбӣ дар ҳайати ҷузъи ҳарбии миссия пешбинӣ шуда буд.Ҳамзамон Котиби Генералӣ ҳушдор дод, ки вазъияти бехатарӣ дар мамлакат бо муҳофизати кормандони Созмони Милали Муттаҳид ба мисли пештара боиси нигаронӣ мешавад. Дар Қатъномаи №1128 аз 12 сентябри соли 1997 Шурои бехатарӣ тавсияҳои дар маърӯзаи Котиби Генералӣ мавҷудбударо оиди васеъ намудани мандати МНСММТ ба инобат гирифта, мандати аввалаи миссияро ба муддати ду моҳ–то 15-уми ноябри соли 1997 дароз намуд. Дар қатънома ҳамчунин ба Котиби Генералӣ оид ба идома додани роҳҳои омӯзиши таъмин намудани бехатарии кормандони Созмони Милали Муттаҳид дархост намуд.

Моҳи ноябри соли 1997 Котиби Генералӣ ахборот ирсол намуд, ки дар ҳалли масъалаҳои бехатарӣ муваффақиятҳои муайян ба даст оварда шудаанд ва ин барои тавсия додан ба Шӯрои Амният оиди васеъ намудани мандати МНСММТ, ки дар маърӯзаи сентябрӣ пешниҳод шуда буд, имконият медиҳад.

Дар Қатъномаи №1138 аз 14 ноябри соли 1997 Шуро мандати МНСММТ-ро васеъ намуда, мувофиқи тавсияҳои Котиби Генералӣ ҳайати миқдории миссияро зиёд намуд. Вале минбаъд маълум гардид, ки вазифаи таҳкими боварӣ байни мухолифини собиқ назар ба он чораҳое, ки пешбинӣ шуда буд, душвортар мебошад. Раванди сулҳ бо хуруҷҳои зӯроварӣ қатъ мегардид ва рушди ин самт хеле ба оҳистагӣ пеш мерафт.

Дар маърӯзаи худ ба Шурои Амният моҳи майи соли 1998 Котиби Генералӣ таъкид кард, ки раванд назар ба реҷаи созишномаи сулҳ вақти бештареро талаб мекунад ва аз ин сабаб соли 1998 гузаронидани интихобот чандон ба ҳақиқат наздик намеояд ва инчунин дароз намудани мандати МНСММТ-ро боз то шаш моҳ, яъне то 15-уми ноябри соли 1998 тавсия намуд, дар Қатъномаи №1167 аз 4-уми майи соли 1998 Шурои Амният мувофиқи ин тавсияҳо мандати МНСММТ-ро дароз намуд ва тарафҳоро барои пурра риоя намудани ин тавсияҳо аз рӯйи имконият дар муҳлати наздиктарин шароит муҳайё намудан барои гузаронидани интихобот даъват намуд. Дар қаламрави Тоҷикистон дивизияи 201-уми савораи тирандозии Русия, собиқ армияи 40-уми дар «Афғонистон» ҷангкарда ва қуввахои сарҳадбонон, дар маҷмӯъ 22 000 хизматчии ҳарбӣ аз тарафи Русия ҷойгир карда шуда буданд, ки сипари воқеӣ бар зидди дахолати беруна дар корҳои дохили Тоҷикистон равона гардиданд. Моҳи апрели соли 1999 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қароргоҳ доштани дивизияи 201-уми Русия ба таври ҳуқуқӣ бо шартномаи дутарафа дар бораи нигоҳ доштани базаи ҳарби таҳким ёфт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд, ки дар қаламрави Тоҷикистон ташкил намудани базаи ҳарбии Русия кори дохилии ду мамлакати соҳибистиқлол мебошад, вале он на фақат ба манфиатҳои Русия ва Тоҷикистон, балки ба амнияти тамоми

минтақа ҷавобгӯ мебошад. Президенти кишвар Эмомали Раҳмон махсус қайд намуд, ки базаи ҳарбии Русия дар ҷумҳурии мо «хусусияти мудофиавӣ» хоҳад дошт[15].

Ба андозаи пурзӯршавии сарҳадӣ расонидани таъсири манфии бо ном «омили афғонӣ» ба вазъияти Тоҷикистон ва умуман Осиёи Марказӣ ҳамаи мамлакатҳои Осиёи Миёна зарурияти танзими саъю кӯшиши мубориза‌и зидди экстремизми диниро дарк намуданд. Русия барои дар минтақа сафарбар намудани қувваҳое мусоидат намуд, ки ба таҳдиди қули паҳншавии экстремизми динӣ дар тамоми собиқ давлатҳои пасошуравӣ муқовимат карда метавонистанд.

Ҳангоми гуфтушунидҳои байни роҳбарони Ҳукуматҳои Русия ва Узбекистон дар сатҳи олӣ 8-уми майи соли 1998 дар ш. Маскав созиш дар бораи таҳия намудан ва дар сатҳи олӣ масъалаи ба тасвиб ва ба имзо расонидани шартнома дар бораи таъсиси ҳамкории «сегона» (Русия, Тоҷикистон, Узбекистон») бо мақсади мубориза бар зидди ҷинояткории байнимиллии муташаккил, агрессивӣ, аз ҷумла динӣ, экстремизм, терроризм, гардиши ғайриқонунии ярок, моводи нашъадор таҳия гардида бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон якҷоя ба имзо расонида шуд Қаблан, 17 майи соли 1996, роҳбарони ИДМ Барномаи байнидавлатии чораҳои мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил ва дигар намуди ҷиноятҳои хавфнок дар қаламрави давлатҳои ширкаткунандаи ИДМ дар давраи то соли 2000 тасдиқ шуда буд[16].

Бо Қатъномаи №1206 Шурои Амният аз 12 ноябри соли 1998 мандати МНСММТ-ро то моҳи майи соли 1999 дароз намуд. Баъди гузаронидани интихоботи президентӣ 6 ноябри соли 1999-ум, ва интихоботи парлумони касбӣ 20 феврали соли 2000-ум ва эътирофи натиҷаҳои он аз тарафи ҷомеаи байналхалқӣ зарурати фаъолияти Миссияи Намояндагии СММ дар Тоҷикистон (МНСММТ)нигоҳ дошта шуд.Инчунин ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ аз ҳисоби ҷузъҳои наве васеъ карда шуд, ки ба марҳилаи нави барқарор шудани сулҳи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон мувофиқ буданд.

Омили нави иштироки ин созмони бонуфузи байналхалқӣ дар танзими ихтилофи байни тоҷикон ба ин кор ҳамроҳ шудани Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) мебошад, ки раванди сулҳпарварии Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои дарозмуҳлати минтақавии худ кумаки муайяне расонид.Вохӯрии чоруми Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА, ки 1 декабри соли 1993 дар шаҳри Рим баргузор гардид, дар бораи таъсис додани миссия дар Тоҷикистон қарор қабул намуд. Миссия дар Душанбе 19 феврали соли 1994 ба фаъолият шурӯъ намуд. Ба он вазифаҳои зерин супорида шуда буд:

- нигоҳ доштани робита дар ҳамкори ва мусоидат расонидан дар гуфтушунид ва таҳкими боварӣ байни қувваҳои минтақавӣ ва сиёсии мамлакат;
- ҳаматарафа кӯшиш намудан барои манфиатҳои эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд;
- кумак ва мусоидат расонидан ба риояи меъёру принсипҳои САҲА ва ҷорӣ намудани назорати мувофиқ ба ин ташкилот;
- ҷустуҷӯ намудани роҳу воситаҳои мусоидат расонидани САҲА барои инкишоф ва рушди ниҳоду равандҳои ҳуқуқӣ ва демократии сиёсӣ;
- мунтазам хабардор намудани САҲА дар бораи инкишофи минбаъдаи воқеаҳои дар мамлакат сар зада.

Миссия аз чор нафар кормандоне, ки дар шаҳри Душанбе қарор доштанд, ва инчунин нафарони алоҳида дар идораҳои сайёри фаъолият менамуданд иборат буд. Мувофиқи ҳисобот, мандат ба миссия муяссар гардид, ки бо қувваҳои минтақавӣ ва сиёсӣ дар Тоҷикистон, робита барқарор намояд,соддатар ва шароити мусоид ташкил намудани баргузории гуфтушунид ва кумак расонидан ба таҳкими бовари байни тарафҳои мухолиф муяссар гардид.Боз як самти фаъолияти миссия мусоидат намудан дар инкишоф ва рушди институтҳои ҳуқуқӣ ва демократии сиёсӣ буд.

Дар бораи ҳамкории зич барпо намудан бо Бюрои институтҳои байналхалқии демократӣ ва ҳуқуқҳои инсони САҲА дар фаъолияти миссия, аз ҷумла ба Ҳукумати ҷумҳурӣ расонидани кумаки машваратии худро дар омода намудани лоиҳаи конститутсияи нав пешниҳод намуд, вале гуруҳи кории Конститутсиони ба ин он қадар зарурият надошт ва аллакай лоиҳаи Конститутсияи нав тайёр шуда буд, ва он 6-ноябри соли 1994 дар райпурсии умумихалқи аз аз тарафи халқ ҷонибдорӣ карда шуда қабул карда шуд. Дар интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад моҳи феврали соли 1995-ум, намояндагони САҲА ширкат накарданд, чунки Ҳукумати Тоҷикистон тавсияҳои САҲА-ро оид ба қонун дар бораи интихобот ва тартиби гузаронидани он ба инобат нагирифта буд.

Бо вуҷуди он ки Шурои доимии САҲА оид ба ин масъала изҳори нигаронӣ намуд, вай дархости Ҳукумати Тоҷикистонро дар бораи ба эътибор гирифтани тавсияҳо дар марҳилаи навбатӣ бо хушнудӣ пазируфт.Саъю кӯшишҳои САҲА бо мақсади водор намудани ҳукумати мамлакат барои фароҳам овардани шароитҳои зарурии ба таври демократӣ гузаронидани интихоботи парламентии моҳи феврали соли 1995-ум, аз рӯйи баъзе баҳодиҳиҳо «аз тарафи ҳукумат дастгирии дилхоҳ наёфт, вале бо вуҷуди ин нокомӣ» САҲА барои дар мамлакат тасдиқ намудани меъёрҳои демократӣ фаъолона кумак мерасонид[17-с.37].Мо метавонистем ин масъаларо чунин тезутунд ба миён нагузорем, агар ба назар гирифтан лозим ояд, ки соли 1995-ум дар Тоҷикистон амалиётҳои ҳарбӣ фаъолона идома меёфтанд. Қабул намудани на ҳамаи тавсияҳои САҲА ғайривоқеӣ буд.

Мушкилоти аввали муносибати байни идораҳои шохаҳои ҳокимиятҳои Тоҷикистон ва миссияи САҲА аз бисёр ҷиҳат бо хусусияти махсуси фаъолияти ин ташкилот шарҳ дода мешавад, ки ба таври анъанавӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодии шаҳрвандон бештар диққат медиҳад.Тоҷикистон, ки дар марҳилаи фаъоли ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт, барои фавран иҷро намудани ҳамаи талаботҳои САҲА омода набуд.Минбаъд ҳамкории байни миссияи САҲА ва Ҳукумати Тоҷикистон, махсусан дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои инсон хеле таҳким ёфт. Соли 1995-ум, дар ҳамкорӣ бо миссия ва иштироки коршиносони Бюрои институтҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои инсон лоиҳаи созмон додани институти ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон таҳия гардид, ки вазифаҳои ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро (омбудсмен) бояд доро мебуд.

Бо мақсади тарғиби принсипҳои САҲА, миссия гурӯҳи мубоҳисавиеро ташкил намуд, ки дар вохӯриҳои он дар бинои миссия мунтазам намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеаи Тоҷикистон ҷамъ меомаданд.Миссия дар шароитҳои вазнин фаъолият намуда, ба масъалаҳои ҳамоҳангсозии фаъолият, аз ҷумла бо СММ диққати калон медод. Бо даъвати намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ миссия ба сифати нозир дар гуфтушунидҳо, зери сарпарастии СММ байни ҳукумат ва мухолифини мусаллаҳи Тоҷикистон иштирок намуд.

Миссия бешубҳа дар гузаронидани референдум (раъйпурсӣ) оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон (26-уми сентябри соли 1999), интихоботи президентӣ (6 ноябри соли 1999 ) ва парлумонӣ (20 феврали соли 2000), ки шохаи муҳимтарини ба танзим даровардани ихтилофи байни тоҷикон ва сохти давлатию ҳуқуқӣ гардиданд, нақши муҳимро бозид. Фаъолияти САҲА-ро дар Тоҷикистон мусбӣ ва фоидаовар дар ин ҷодаи муҳим арзёбӣ ва баҳогузори намудан ҷоиз аст. Ҳузури САҲА рамзи манфиатдор будани ҷомеаи байналхалқӣ, махсусан мамлакатҳои аз ҷиҳати муносибатҳои саноатӣ нисбатан тараққикардаи Ғарб барои бо муваффақият ба анҷом расидани гуфтушуниди байни тоҷикон буд, ки дар рафти сохтмон ва такмили институтҳои демократӣ дар мамлакат саҳми муҳими худро гузоштанд.

Таҷрибаи дар солҳои аввали муқовимат ва гуфтушунид бо мухолифин ҳосилшудаи сохтори давлатию ҳуқуқии Тоҷикистон дар бораи он шаҳодат медод, ки заминаи зарурӣ барои тағйироти куллии Конститутсия, ки ҳанӯз соли 1987 қабул гардида то соли 1994 амал мекарда,ки моҳиятан

кухна шуда буд, пайдо шуда, имконияти қабули Конститутсияи навро аллакай ба миён оварда буд.

Маҷмӯи фаровони санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, изҳоротҳои сиёсии дар созишнома ва шартномаҳои сершумори бо мухолифин басташуда аз нуқтаи назари конститутсиониву ҳуқуқӣ ба низом оварданро талаб мекард.Возеҳу равшан буд, ки барои Тоҷикистон Конститутсияи нав зарур аст, кори Комиссияи омода намудани лоиҳаи нави Конститутсияро, ки хеле ба оҳистагӣ чараён меёфт, фаъол намудан лозим буд.

Ба раванди гуфтушуниди байни тоҷикон адабиёти зиёди илмӣ бахшида шудааст, ки моро аз зарурияти муфассал тасвир намудани ин раванди мураккаб ва дуру дароз озод менамояд. Ҳамзамон як қатор ҷанбаҳои муҳими ин раванд, ки таркиби ҳуқуқии онро мекушоянд, ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин сабаб мехоҳем ба масъалаҳои зерин диққат диҳем:

Идеяи ба консенсус (созиш) байни ду гуруҳи ба ҳам омадан дар назария ва амалияи ҳуқуқӣ худ аз худ маълум аст. Ҳанӯз Арасту оғози созиши тартиботи дунёро асоснок намуда, қайд карда буд: «Давлат, ҳуқуқ, адолат - тарафҳои гуногуни сохти давлатӣ, чунин саъю кӯшише мебошад, ки табиат дар вуҷуди тамоми одамон онро бо пурраги ҷойгир намудааст[2-с.378-379].

**Ихтилоф ва созиш** - тавсифҳои муҳимтарини системаи меъёрҳои ҳуқуқ ва фаъолияти сохторҳои идоракунии давлат мебошанд.

Созиш, чӣ хеле ки маълум аст, ба ризоияти босуботи тарафҳое асос ёфтааст, ки ба ҳалли мусбии ихтилоф манфиатдор мебошанд ва он ҳалли мусбатро дар асоси ризоияти мавқеъҳо, созиш, ҳамкорӣ талаб мекунад[12-с.162-164].

Тартиботи муайяни созиш ҳамчун воситаи инструменталии[18-с.20.11-с.321], ҳалли ихтилофи байни субйектҳои ҳуқуқ саравввал дар меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос ёфтааст, ки ҳолатҳои гунохро сабуккунанда – иқрор ба гунох, аз тахти дил пушаймон шудан, фаъолона мусоидат намудан барои кушодани ҷиноят ва ғайраро пешбинӣ мекунанд (моддаи 61 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 61 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия).

Дар мавриди мазкур имконияти сабук намудани иштироки худ барои қонунвайронкунанда маҷмӯи аз рӯйи самти ҳуқуқии худ ҳавасмандкуниро барои ҳамкорӣ *бо тафтишот ва суд*, ба маънои нисбатан васеъ - *бо давлат* ба вуҷуд меорад, чунки ҳам тафтишот ва ҳам суд дар ихтилофи байни ҷинояткор бо ҷамъият давлатро намояндагӣ мекунанд.

Аз ин сабаб воситаи ҳуқуқӣ имкониятҳои умумии аз тарафи давлат кафолатдодашударо барои пурзӯр намудани омилҳои мусбати танзимкунанда ва ҳамзамон барои бартараф намудани монеаҳои (омилҳои манфӣ) ба тартиб андохтани робитаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад.

Дар фасли пешин тавсифи асосии ихтилофи байни тоҷиконро муайян намуда, мо хусусияти ҷиноии (криминалии) онро ҷудо намудем, чунки идеяҳои дохилии идеологӣ, сиёсӣ, динӣ ифодаи комилан муайяни комилҳуқуқи худро дар шакли ҷиноятҳои тривиалӣ (разилона) ва қонунвайронкуниҳои маъмурӣ ёфтанд.

Аз ин сабаб раванди гуфтушунид байни ҳокимияти давлатӣ ва мухолифини тоҷик, бо ҳама гуногунрангии лаҳзаҳои инъикоскунандаи худ, ин технологияи сиёсии ҳалли ихтилофи сиёсӣ дар ниҳояти кор бояд бо технологияҳои ҳуқуқӣ мусаллаҳ бошад - ҳуҷҷатҳои муайяни татбиқи ҳуқуқ ва вазифаҳое, ки марҳилаҳои фосилавӣ ва марҳилаи интиҳоии ихтилоф, ба даст овардани ҳадафҳо ва қонеъ намудани манфиатҳои мувофиқро ифода мекунанд[18-с.20.11-с.321] .

Агар технологияи сиёсии ба танзим даровардани ихтилофи байни тоҷикон, ки аз бисёр ҷиҳат ба таҷрибаи бисёрсолаи ҳалли чунин масъалаҳо аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид такя мекунад, шубҳаеро ба вуҷуд наорад, пас технологияҳои ҳуқуқӣ масъалаҳои зиёдро, пеш аз ҳама хусусияти назариявӣ доштаро ба вуҷуд меоранд.

Тоҷикистон таҷрибаи муайяни ҳамбастагии воситаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳалли ихтилофро андӯхтааст. Масалан, ихтилофи шадиди ҷамъиятию сиёсӣ дар Душанбе моҳҳои сентябр-октябри соли 1991 бо ба даст овардани ризоияти байни тарафҳои ихтилофнок ва аз тарафи Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани қарор аз 6 октябри соли 1991 «Дар бораи баъзе аз чораҳое, ки ба демократикунонии ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд» ҳалли худро ёфт.

Ҳангоме ки моҳҳои апрел-майи соли 1992 муқовимати қувваҳои ҷамъиятию сиёсӣ ба ҳадди буҳронӣ расид, дар ин ҳолати ногувор барои сар назадани ҷанги байни ду майдон санадҳои чунин созишкунанда қабул карда шуданд:

Протоколи созиши байни намояндагони Шӯрои Олӣ, Ҳукумати Тоҷикистон ва Президиуми гирдиҳамоикунандагони майдони Шаҳидон дар Душанбе аз 22 апрели соли 1992,

Протоколи созиши байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Девони вазирон ва ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои халқии Тоҷикистон аз 7 майи соли 1992,

Протокол дар бораи татбиқи созишнома аз тарафи сарвазир, раисони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои халқӣ , ки дар майдонҳо ҷамъ омада буданд ва ҷамоатҳои миллии Тоҷикистон[15] ва ғ. Чунин ҳуҷҷатҳои созишкунанда минбаъд дар Хоруғ ва Қӯрғонтеппа байни ду тараф ибо ҳам зид қабул карда шуданд.

Дар ин ҷо аз тарафи хонандаи азиз саволи аввал пайдо мешавад:

Дар ин вазъияти муташанниҷ мақоми ҳуқуқии « Президиуми дар майдон гирдиҳамоикунандагон » чӣ гуна буд ва вобаста ба ин эътибори ҳуқуқии созишномаҳои имзошуда чӣ тавр аст?

Ҷавоб маълум аст: « Президиуми гирдиҳамоикунандагон ҳеҷ гуна мақоми ҳуқуқӣ надошт ва созишномаҳои имзонамудаи онҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ҳеҷ гуна оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда наметавонистанд.

Айнан бо ҳамин мазмун, ба фикри мо, А. Имомов барҳақ розӣ шуда қайд менамояд, ки «пайдо шудани ҳуҷҷатҳои созишкунанда хусусияти тасодуфӣ надошт. Онҳо моҳиятан аз сабаби изҳори иродаи тарафҳои мухолиф, ё ба он сабаб сар мезананд, ки тавассути механизмҳои конститутсионию ҳуқуқӣ мақомоти қонунии ҳокимияти давлатӣ ихтилофи пайдошударо ҳал карда наметавонанд»[6-с.242].

Аз ин сабаб,- идома медиҳад муаллиф, - «ҳуҷҷатҳои созишкунанда — ин ҳуҷҷатҳои «замони тира» бемасъулияти ва беҳокимияти мебошанд, ки он бо ихтилофҳои гуногуни раванди ҷамъиятию сиёсӣ тавлид шуда, мақсади онҳо хомӯш намудани авҷи шавқу рағбатҳои сиёсӣ мебошад ва барои ҷустуҷӯи ҳалли барои якдигар қобили қабул мусоидат мекунанд», пайдоиши онҳо бошад «маънои муваққатан пур кардани фазои холии системаи миллии ҳуқуқиро дорад. Ҳуҷҷатҳои созишкунанда сарчашмаи қабул намудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии он бандҳое мебошад, ки тарафҳо оиди он ба созиш омаданд»[ 6-с.242].Ин ҷо ба ақидаи А.Имомов розӣ шудан лозим аст, чунки он кас дуруст қайд менамоянд, ки: «Ҳуҷҷатҳои созишкунанда, моҳиятан ҳуҷҷатҳои ифодакунандаи изҳори иродаи мардум мебошанд».

Бо вуҷуди ин, аксаран дар рафти низои байни тоҷикон ин ирода бар дӯши ҳокимияти қонунӣ бо роҳи зӯрӣ бор карда мешуд. Аз ин ҷо ҳадди ақал чунин хулоса баровардан мумкин аст:- худи механизми ташаккули ҳайати шахсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар шароити давраи гузариш ва ноустувории сиёсӣ наметавонанд инъикоси мувофиқи манфиатҳои тамоми ҷамъиятро ифода намоянд, аз ин сабаб сиёсати аз тарафи сохторҳои давлатӣ гузаронидашаванда наметавонад ба таври баробар ба пешбиниҳои иҷтимоии тамоми (электорат)мардум мувофиқ бошад;

- пайдо шудани ҳуҷҷатҳои «замони тира» дар бораи қафо мондани системаи ягонаи миллии ҳуқуқӣ аз болоравии рушди ҷамъиятию сиёсии ҷамъият дар бораи зоҳирӣ будани муқаррароти

конститутсионию ҳуқуқӣ, нишондодҳои қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ шаҳодат дода, ҳамчун индикаторҳои «носозии ҳуқуқӣ»-и системаи танзими меъёрию ҳуқуқӣ баромад мекунанд ва барои нав кардани (модернизатсия) меъёри қонунгузорӣ, аз ҷумла Конститутсия заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ фароҳам меоранд;

- ҳукумати расмӣ дурандешии кофии сиёсӣ зоҳир намудааст, ки ба вазъи шубҳаовари ҳуқуқии нафақат «президиуми гирдиҳамоикунандагон», балки умуман ба Иттиҳоди Мухолифини Тоҷик чашм пӯшида, формулаҳои қадимаи ҳуқуқшиносони римию англосаксониро дар бораи ҷаҳонии илмӣ ва аз ҳуқуқи тантанакунанда авлотар медонанд;

- раванди гуфтушунид бо гуруҳҳои ғайриқонунӣ, вале воқеии мухолифин ба сулҳ оварда расонид ва барои «ба ҳалокат расидани адлия» роҳ надод, чунки созишномаҳои бадастомада пайдарҳам бо иштироки мақомоти салоҳиятдори ҳокимияти давлатӣ қонунӣ гардонида шуда, эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекарданд ва системаи ҳуқуқиро хеле таҳким мебахшиданд.

Вазъияти зикршуда он вазни сиёсӣ ва оқибатҳои ҳуқуқиеро равшан месозад, ки созишномаҳои гуногуни байни ҳукумати расмӣ ва мухолифин ба даст оварда буд. Онҳо вохӯриҳои сершумори сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифин Абдулло Нурӣ, ҳамчунин вохӯриҳои сершумори тарафҳои даргир ва миёнравони байналхалқиро дар Маскав, Алмаато, Теҳрон, Исломобод, Ашқобод дарҷ мекарданд, ки дар рафти гуфтушуниди онҳо созишномаҳо, протоколҳо, шартномаҳо ва механизми татбиқи иҷроиши онҳо таҳия мегардиданд.

Масалан, ба ин васила Созишномаи умумии барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба даст оварда шуд, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Мухолифини Тоҷик(ИМТ) 27-уми июни соли 1997 дар Маскав ба имзо расид, Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуда, мақсади фаъолияти он, вазифа ва салоҳиятҳояш муайян карда шуданд[13-с.56].Маҳз дар рафти гуфтушунид созишномаи байни тарафайн дар бораи ба ИМТ додани вазифаҳои ҳукуматӣ дар доираи квотаи 30%-и муқарраршуда, Протокол дар бораи ҳамдигарро бахшидан ва созишнома дар бораи авфи умум мувофиқа карда шуданд.Дар рафти вохӯриҳои бисёртарафа созиш аз рӯйи чунин масъалаи тунду тез, ба мисли тағйир додани қонуни амалкунанда «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба даст оварда шуд.

Сухан оиди ворид намудани тағиру иловаҳо дар ин қонун сари он меравад, ки моддаи 14-уми қонуни соли 1990 «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятии РСС Тоҷикистон» таъсисдиҳӣ ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиеро манъ карда буд, ки агар онҳо хусумати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва диниро тарғиб мекунанд ё барои сарнагун кардани сохти конститутсионӣ, ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват мекунанд.

Ин меъёр дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шомил карда шуда соли 1999-ум тағиротҳо ворид гардид. Маҳз дар асоси ин меъёр соли 1993 фаъолияти Ҳизби демократӣ, Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, ҷамъиятҳои «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон» манъ карда шуда буд.

Нозирони байналхалқӣ, Шурои доимии Иттифоқи Аврупо, САҲА, Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия, Департаменти давлатии ИМА аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват ба амал оварданд, ки ба хотири нигоҳ доштани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти милли, ки бо ин муваффақияти дар он вақт ба даст омада ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худро барои ба тартиб андохтани қонунгузорӣ мувофиқи талаботи замон ба кор барад, ва дар доираи Созишнома ва меъёрҳои ҳуқуқи амал намоянд.[7-с.1]

Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби намояндагони сохторҳои давлатӣ ва мухолифин Комиссияи Оштии миллӣ бо мақсади созиши байни тарафҳо таъсис дода шуд, ки ба он «дар давоми 20 рӯз ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани таклифҳои бо созиш асосёфта»[8-с.3] супориш дода шуд. 3 июли соли 1997 ум, ҷаласаи якуми Комиссияи оштии милли баргузор гардид, ки дар он аз муҳокимаи ҷустуҷӯйи ҳалли масъалаҳо оғоз гардид.

Гурӯҳи иртиботии давлатҳои кафил ва созмонҳои кумакрасон ба иҷрои Созишномаи умумӣ (Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Покистон, Русия, Туркманистон ва Узбекистон, инчунин Ташкилоти Кумитаи исломӣ, САҲА, МНООНТ), чунин саъю кӯшиши тарафҳоро писандида, онро «ҳамчун қадами нахустини баромадан аз бунбаст баҳо доданд[8-с.3].

Ҳалли созиш аз рӯйи моддаҳои 3 ва 4-и баҳснок оид ба ҳизбҳои сиёсӣ низ ба даст оварда шуд.Дар моддаи тағйирдодашудаи 3 («Созмон додани ҳизбҳои сиёсӣ») дарҷ шудааст:«Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат ҳизбҳои ҷумҳуриявии сиёсӣ созмон дода шуда метавонанд. Ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона, бе ҳеҷ гуна иҷозат, дар анҷумани муассисон созмон дода мешаванд, ки дар он ойиннома қабул карда шуда, мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб ташкил карда мешавад.

Барои бақайдгирии давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ рӯйхати на камтар аз ҳазор шаҳрванд-тарафдоронро пешниҳод мекунанд, ки сокинони аксарияти шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дар давоми се моҳи баъди бақайдгирии давлатӣ ҳар як ҳизби сиёсӣ бояд дар аксарияти вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ташкилотҳои ибтидоии худро дошта бошад. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, инчунин таъсиси чунин шуъбаҳои онҳо манъ карда мешавад»[3-с.300].Таҳрири нави моддаи 4 қонун, таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсиеро манъ намуд, ки мақсад ва фаъолияти онҳо ба сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ, тарғиби маҳалгароӣ, хусумати миллӣ, нажодӣ ва динӣ равона карда шуда буд. Ҳизбҳои сиёсӣ ва аъзои он дар фаъолияти сиёсии худ наметавонанд ташкилотҳои диниро истифода баранд. Таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мактабҳои миёна ва олӣ манъ карда шудааст.

Протоколу созишномаҳои дар рафти гуфтушуниди байни тоҷикон ба имзо расидаро баррасӣ намуда, ба ду лаҳза диққат додан лозим аст, ки он ҳам барои ба даст овардани сулҳу ризоияти миллӣ, ҳам барои эъмори фазои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷумҳурӣ аҳамияти калон доранд.

Аввалан, ин қарор дар бораи ҳамоиши қувваҳои мусаллаҳи мухолифин буд. ки 8-уми марти соли 1997 дар Маскав Протокол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ ба имзо расид, ки қисми таркибии Созишномаи умумӣ[14-с.15] мувофиқи ҳуҷҷатҳои қаблан таҳияшуда (Протокол дар бораи принсипҳои асосноки барқарор намудани сулҳу ризоияти миллии Тоҷикистон аз 17 августи соли 1995, Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ аз 21 феврали соли 1997 ) гардид. Протокол ҳамоиши халъи силоҳ ва барҳам додани қисмҳои ҳарбии ИМТ, инчунин азнавсозии сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намуд.

Муқаррароти Протоколи мазкур аз тарафи зеркомиссияи Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) оид ба масъалаҳои ҳарбӣ, инчунин Комиссияи муштараки аттестатсионии марказӣ, ки аз шумораи баробари намояндагони ҳарду тараф иборат буд, амалӣ карда мешуд.

Дар натиҷаи фаъолияти комиссия ва татбиқ намудани созишҳои бадастомада аллакай то охири моҳи декабри соли 1997 50 нафар ҷанговари аввалин аз 460 нафар ҷанговарони баталони ИМТ ба ҳайати Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуданд. Дар доираи Протокол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ баргардонидани ҷангиёни ИМТ аз Афғонистони Шимолӣ ба Тоҷикистон баррасӣ гардид.

Дар Тоҷикистон 24 апрели соли 1998 ба таври умуми 4184 ҷанговар, 1562 воҳид силоҳи навъҳои гуногун ба қайд гирифта шуд[19-с.79].Ҷанговарони такроран муттаҳид кардашуда баъди тафтиш ва муоинаи тиббӣ ба қисмҳои муваққатии дар Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, КДҲСД (Кумитаи давлатии ҳифзи сарҳади давлатӣ), ВҲФ ташкилшуда дохил шуда, барои садоқат ба халқу ватан ва ба президент савганд ёд намуданд.

Ба ин васила тадриҷан шомил шудани қувваҳои ҳарбии мухолифин ба амал омада, сохторҳои ҳарбӣ ва ҳарбикарда таҳким ёфт, ҷанговарони собиқи иттиҳоди мухолифини тоҷик

барои худро ҳамчун шаҳрвандони риоякунандаи қонунҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол эҳсос намудан имконият пайдо карданд.Масъалаи аввалидараҷа ва ниҳоят муҳим ин, масъалаи бозгардонидани гурезаҳо буд, ки Сарвари давлат аз рузи аввали интихоб шуданашон ба ҳайси Раиси Шурои Оли гуфта буданд, ки « То охирин гурезаро ба Ватан барнагардонам ман худамро ором ҳис намекунам».

Дар байни зиёда аз 30 протокол, низомнома, изҳороти якҷоя, санадҳо, қарору созишномаҳои байни ҳукумат ва ИМТ дар солҳои гуногун басташуда масъалаи тақдири муҳоҷирони иҷборӣ ва гурезаҳо мавқеи муҳим дошт ва дар мадди аввал меистод; бе ҳалли баргардонидани онҳо ба вуҷуд овардани фазои сулҳу ризоият номумкин буд. Барои ҳалли ин масъалаи басо мушкили тақдирсоз дар қатори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи оштии миллӣ, дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, Раёсати комиссариати олии СММ оид ба масъалаи гурезаҳо (РКОСММГ) машғул буд. Умуман як қатор давлатҳои абарқудрат барои баргардонидан ва таъминоти модии гурезаҳо корҳои бениҳоят бузургеро ба анҷом расониданд. Дар соли 1993 барои ҳалли мушкилоти фирориён ба Тоҷикистон 9 075 354 долл., ҷудо карда шуд, аз ҷумла: ИМА– 4 554 000 долл, ИА – 568 162 долл., Британияи Кабир –579 806 долл., Норвегия –273 973 долл., Канада –309 000 долл., Олмон –303 030 долл., Дания – 909 823 долл., Швейтсария – 150 376 долл., Люксембург – 88 496 долл., Шветсия – 647 668 долл., Ҷопон–1 млн долл. Дар соли 1994 барои таъмир ва таҷдиди хонаҳои валангор азь ҳисоби ИДМ 8 465 354 доллари амрикоӣ ворид шуд: [29-с.8].15-уми майи соли 1997-ум,Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қароре қабул намуд, ки он бо мақсади ҳарчи тезтар баргардонидани гурезаҳои дар натиҷаи муқовимати ҳарбии соли 1992-ум, ватанашонро таркнамуда равона карда шуда буд.

Барқарор намудани фаъолияти Комиссияи муштарак оид ба масъалаҳои гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ мувофиқи мақсад шуморида шуд. Аз ин сабаб ба Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Тоҷикистон якҷоя бо намоядагони ИМТ бо кумаки УВКБ (РКОСММГ) таҳия намудани низомнома дар бораи ин комиссия супориш дода шуд ва дар ин бора қарор қабул карда шуд.

Дар қарор кафолат дода мешуд, ки ба ҳар як оилаи ба Ватан баргаштаи гуреза, инчунин муҳоҷирони иҷборӣ қарзи бефоиз (100 000 рубли тоҷикӣ) то 20 сол бо пардохти минбаъдаи онҳо дода мешавад[10-с.8].Баъди барқарор намудани фаъолияти РКОСММГ раванди баргаштани гурезаҳо хусусияти оммавӣ гирифт[5-с.79].То 10 октябри соли 1997 аз ҶИА 6637 нафар ба Ватан баргаштанд, дар шимоли авлати Исломии Афғонистон то 7000 нафар гурезаи тоҷик боқӣ монда буд[5-с.79]. Дар қаламрави Қирғизистон мувофиқи маълумотҳои расмӣ 17 000 гурезаи тоҷик, аз рӯйи маълумотҳои ғайрирасмӣ қариб 40 000 нафар ба қайд гирифта шуда буд[5-с.38]. Дар моҳи июни соли 1998 таҳти сарпарастии РКОСММГ ва МОМ баргардонидани гурезаҳои тоҷик аз Қирғизистон оғоз гардид.

Ба Тоҷикистон миёнаҳои соли 1999 зиёда аз 51 000 нафар гуреза аз Афғонистон, қариб 14 000 гуреза ба манзилҳои собиқи зисти худ аз Федератсияи Русия, Туркманистон, Қирғизистон, Узбекистон ва Қазоқистон баргаштанд. Аз шумораи умумии гурезаҳо (697 653) 690 500 нафар ба Ватан баргаштанд[5-с.79].

Ҳамаи ин рақамҳо аз иродаи қавӣ ва мустаҳками Сарвари давлат,Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои Миллат, Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегаштанд, ки ин маҳорати нафақат бо мухолифин гуфтушунид кардан, балки аз ҳал намудани масъалаҳои шадиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ва бехатарии амнияту давлат шаҳодат медиҳанд, ки бе ин ҷонбозиҳо, ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллии Тоҷикистон даргумон буд.

Яке аз солҳои бениҳоят душвор ва сарнавиштсози гуфтушунидҳо соли 1995 буд, ки дар ин сол аввалин бор музокироти сатҳи олӣ дар шаҳри Кобул баргузор гардид. Пеш аз сафар ба Афғонистон дар моҳи апрели соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбати махсусашон бо хабаргузории «Интерфакс» дар бораи ҳадафҳои вохуриашон бо

Сайид Абдуллоҳи Нурӣ чунин ифроз доштанд: **«Ҳангоми вохӯрӣ бо роҳбари оппозитсиюн ман пеш аз ҳамон мавзӯъҳоеро баррасӣ хоҳам намуд, ки ба ҳалли мусолиматомези қазияи Тоҷикистон иртибот дошта, масъалаҳои оташбас ҳам дар сарҳад ва ҳам дар дохили кишвар, баргашти тамоми муҳоҷироне, ки ҳануз дар хоки Афғонистон ҳастанд ва ҳамчунин дигар масъалаҳоро дарбар хоҳад гирифт. Мақсади ман расидан ба мусолиҳа бо оппозитсиюн мебошад, ки ин мусолиҳа бояд бечунучаро аз ду тараф иҷро шавад»**.

Дар вазъияти мураккаб ва ноамнии комил дар шаҳри Кобул, ки дар масофаи бисткилометрии берун аз он ҷанги шадиди байни неруҳои ҳукуматӣ ва гурӯҳҳои мухолиф идома дошт ва мушакҳо ба тарафи шаҳр ва бахусус, ба фурудгоҳи Кобул парронида мешуд, ҳавопаймои Сарвари давлат дар фурудгоҳи шаҳри Кобул ба замин нишаст ва баъдан музокирот байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини собиқ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ шурӯъ гардид. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чунин шароити сахт ва хатарнок барои таъмин ва истиқрори ҳарчи зудтари сулҳу салоҳ дар Ватан ва оромии миллат дар душвортарин шароит ду рӯз музокироти хеле муҳим ва сарнавиштсозро муваффақона анҷом дод. Натиҷаи музокироти сатҳи олӣ дар Кобул барои ташвиқ ва тарғиб намудани барқарории фазои сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар Тоҷикистон аҳамияти фавқулода дошт. Дар Изҳороте, ки аз тарафи ду роҳбар ба имзо расид, аз ҷумла чунин ишора шуда буд: **«Ҷонибҳои тоҷикон ба хотири рафъи низоъ аз тариқи сиёсӣ, тавассути музокирот, бунёди шароити сулҳи пойдор дар сарзамини тоҷикон тамоми ҷидду ҷаҳди хешро дареғ нахоҳанд дошт»**.

Пас аз баргаштани ҳайати ҳукуматии Тоҷикистон ба Душанбе, вазири дифоъи Афғонистон шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд дар мулоқот бо хабарнигорон аз хусуси мавқеи гуманистӣ ва ватандӯстона доштани Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, чунин гуфт: **«Раҳбари Тоҷикистонро ман ҳамчун шахсияте дарёфтам, ки халқи кишвараш, миллати тоҷикро, ватанаш – Тоҷикистонро хеле амиқ ва самимона дӯст медорад. Барои беҳбудии халқу марзу бумаш омода аст ҷонбозиҳо кунад. Бо чунин Раис тоҷикон ҳатман ба сулҳу оштӣ даст хоҳанд ёфт»**.

Дар худи Тоҷикистон низ ҳамон сол дар минтақаҳои зери нуфузи мухолифини собиқи мусаллаҳ Президенти Тоҷикистон дар шароити хеле хатарнок мулоқоту гуфтушунидҳои зиёде бо гурӯҳҳои гуногун анҷом дод, ки баъдан натиҷаи хуб доданд.

Музокироти бениҳоят душвори дигар дар сатҳи олӣ дар Хустдеҳи Афғонистон дар зимистони басо сарди соли 1996 сурат гирифт. Ин музокирот дар як деҳаи дурдаст–Хустдеҳ, ки дар он ҷо на ҷойи хоби мувофиқ мавҷуд буд ва на барқ баргузор шуд. Ҳайатҳои музокиракунандаи сулҳи тоҷикон ду шабонарӯз то субҳ баҳс карданд ва дар натиҷа Протокол дар бораи танзими авзои ҳарбию сиёсии минтақаҳои доғ дар 8 банд таҳия ва ба имзо расид, ки дар натиҷаи он оташбас барқарор гардид ва неруҳои низомии мухолифони собиқ ба мавзеъи пештараашон баргаштанд. Президенти Тоҷикистон дар ин музокирот пешниҳод намуд, ки ҷиҳати таъмин ва таҳкими сулҳ дар Тоҷикистон бояд Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) таъсис шавад ва роҳбари он бояд намояндаи мухолифин бошад. Чунин пешниҳоди ҷасурона дар он давра кори саҳлу осон набуд.

Дар маҷмӯъ, дар натиҷаи музокироти тӯлонӣ, ки аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон: Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Туркманистон идома ёфт, муяссар шуд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои сулҳ 9 даври музокирот, 6 мулоқоти сарон ва 21 маротиба музокирот анҷом дода шавад, ки дар натиҷа 40 санади тақдирсози миллат ба имзо расид. Дар ҷараёни гуфтушунидҳо тоҷикон ба хубӣ фаҳмиданд, ки ҷанги таҳмилӣ бояд фавран қатъ гардад, чунки ин даргирии бародаркуш миллати тоҷикро метавонист аз байн барад ва ба давлатдории тоҷикон хотима бахшад. Бегонагоне, ки ин

ҷангро ба сари миллат таҳмил карданд, маҳз таназзулу нобудии давлатдории тоҷиконро мехостанд. Аммо, шукри Парвардигор, ки тирашон хок хӯрд.

Бояд таъкид намоям, ки баъзе кишварҳои дуру наздик намехостанд дар Тоҷикистон сулҳу оромӣ бошад ва бо ҳар роҳ ба раванди сулҳу салоҳ халал мерасонданд. Тавре ки маълум аст, аз нахустин қадамҳои истиқлолият доираҳои муайяни бадхоҳ бо истифода аз таҷрибаи даврони гузашта ва усулҳои озмудаи худ, бо роҳи барангехтани низоъҳои дохилӣ ва бозиҳои сиёсӣ, давлати ҷавони Тоҷикистонро дучори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардонданд. Дар натиҷа беш аз сад ҳазор шаҳрвандони мо кушта шуданд, қариб як миллион нафар иҷборан хонаву дари худро тарк карда, ба кишварҳои ҳамсоя фирор намуданд. Мувофиқи ҳисобҳо, ҷанги таҳмилӣ ба иқтисодиёти мамлакат, дар маҷмӯъ, беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ расонид, ки он замон 105 маротиба аз буҷаи соли 1995-и Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд буд. Зиёда аз 30 ҳазор хонаҳои истиқоматӣ сӯзонда, садҳо биноҳою иншоот, корхонаю фабрикаҳо, муассисаҳои тиббӣ, маориф ва идораҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳо харобу валангор гардиданд. Зарари маънавии ҷанг ҳадду ҳисоб надорад, зеро бар асари он даҳҳо ҳазор модарон аз фарзандонашон, даҳҳо ҳазор занон аз шавҳаронашон маҳрум гардида, зиёда аз 55 ҳазор кӯдакон ятим монданд.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид, ба ҷаҳониён нишон дод, ки миллати бофарҳанг, ватандӯст, сулҳхоҳ ва сулҳпарвари тоҷик дар он давраи хеле сахт ва мудҳиш якпорча шуд, роҳи музокироти сулҳро пеш гирифт, аз ақлу фарҳанги азалии хеш истифода намуд, аз роҳи бо зӯрӣ ҳал кардани мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ даст кашида, сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлатамонро ба хотири таъмини сулҳи сартосарӣ самимона дастгирӣ намуд.

Бо кӯшишу ҷаҳду ҷадалҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои татбиқи давра ба давраи сулҳи сартосарӣ, таъмини фазои боварӣ ва эътимод ба ҳамдигар, аз байн бурдани фазои бадбинӣ ва даргириҳои мусаллаҳона, фаҳмондани ҳадафҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ, халъи силоҳ намудани баъзе қумондонони саркаш ва дар амал татбиқ намудани созишномаҳои имзошуда, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) дар шаҳри Душанбе таъсис гардид.

Имзо ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар ҷомеаи мо раванди Ваҳдати миллӣ, худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ба мисли парчам ва нишонҳои миллӣ, демократикунонӣ, таҳаммулпазирӣ ва гуногунандеширо тақвият бахшид ва сулҳи тоҷиконро пойдор кард. Дар натиҷа аз баракати сулҳу салоҳ дар кишварамон ҳизбу созмонҳои мухталиф, аз ҷумла ҳизби ҷанбаи динидошта низ арзи вуҷуд намуд. Ногуфта намонад, ки дар миқёси Осиёи Марказӣ ягона ҳизби динӣ дар Тоҷикистон фаъолият дорад ва ҳамин далел нишон медиҳад, ки дар ҷомеи мо фазои комилан демократӣ барқарор ва устувор аст.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба давлатҳои гуногуни ҷаҳон нишон дод, ки минбаъд тамоми мардуми ҷумҳурӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва эҳтиром карда, сохти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дуняviро интихоб ва қабул намуданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ итминон пайдо кард, ки Тоҷикистон роҳи сулҳ, ободӣ ва бозсозии кишварро пеш гирифт ва бад ин хотир кишварҳои мухталиф омодагии худро барои сармоягузорӣ дар ватанамон изҳор доштанд.

Истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ волоияти иҷрои қонунҳои ҷумҳурӣ, амру дастурҳои Президенти кишвар ва қарорҳои Ҳукумати ҷумҳуриро дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин намуд ва ба қумондонсолорӣ хотима бахшид. Мардуми тоҷик, ки аз қумондонсолорӣ хаста ва безор шуда буд, нафаси озод кашид. Ҳамагон фаҳмиданд ва дарк намуданд, ки танҳо бо роҳи сулҳу салоҳ метавонанд Ваҳдати миллиро таҳким бахшанд, миллатро зинда кунанд,

эҳтирому обрӯйи Ватанро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоранд ва насли навро дар рӯҳияи соҳибистиқлолӣ, муҳаббат ба марзу бум, ба таъриху адабиёту фарҳангу забони модарӣ, пешрафти ҷомеаи демократӣ, худшиносии миллӣ ва арзишҳои суннатӣ тарбия кунанд.

Баъд аз барқарории Ваҳдати миллӣ ва сулҳи сартосарӣ дар кишварамон бо ташаббус ва ибтикори ҳамешагии Сарвари давлат раванди бозсозии иқтисодии кишвар, рушди демократия, гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ, озодии сухан ва матбуот, ташаккули тафаккури миллӣ равнақу ривоҷи бештар пайдо намуда, ваҳдати миллиро мустаҳкам намуд, ки дар илми ҳуқуқи тоҷик як мактаби нави сулҳофарин ташаккул ёфта истодааст, ки аз ин таҷрибаи сулҳи тоҷикон дигар давлатҳои ҷангзада метавонанд дарси ибрат гиранд.

**Адабиёт**


1.Алексеев С. Теория права. 2-е изд. М., 1995. - С.327–328.
2. Аристотель. Политика // Сочинения: в 4 т. М., 1984. Т. 4. - С.378–379
3. Ахбори Маджлиси Оли РТ. 1998. № 22.- С.300.
4. Зауров С.О процессе репатриации таджикских беженцев и вынужденных переселенцев из ИГА и СНГ // Миротворческий процесс в Таджикистане: консолидация и гарантирование миротворческого процесса: Материалы V Междунар. науч.-практ. конф. Душанбе, 1999. - С.79. Тоҷикистон. 1997, 24 окт. Информационный бюллетень МИД Республики Таджикистан. Душанбе, № 9
5. Зауров С.О процессе репатриации таджикских беженцев и вынужденных переселенцев из ИГА и СНГ // Миротворческий процесс в Таджикистане: консолидация и гарантирование миротворческого процесса: Материалы V Междунар. науч.-практ. конф. Душанбе, 1999. - С.79.
6. Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. Душанбе, 2003. - С.242.
7.ИЛ МНООНТ. 1998. № 19. - С.1.
8. ИЛ МНООНТ. 1998. № 19. - С.3.
9. Информационный бюллетень МИД Республики Таджикистан. Душанбе, 1997. № 29. - С.8.
10.Информационный бюллетень МИД Республики Таджикистан. Душанбе, 1996№ 9 . - - С.38.
11.Малько А.В.Проблемы правовых средств // Проблемы теории государства и права:Учеб.По с. Под ред. М. Н. Марченко. М., 1999. - С.321.
12. Основы конфликтологии / Под ред. В. Н. Кудрявцева. М., 1997. - С.162–164.
13. Общее соглашение об установлении мира и национального Согласия в Таджикистане (Что оно представляет собой). Душанбе, 1997. - С.56; Комиссия по национальному примирению (ее функции и полномочия). Душанбе, 1998 . - С.6–10.
14. Общее соглашение об установление мира и национального Согласия в Таджикистане. Душанбе, 1997. - С.15.
15. РИА «Новости». 1999. 15 апр.
16. Ведомственное приложение к «Российской газете». 1996. 22 июня.
17.Справочник ОБСЕ. 2-е изд. / Секретариат Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе. Вена, 1996. - С.37.
18.Сапун В. А. Инструментальная теория права в юридической науке // Современное государство и право. Вопросы теории и истории. Владивосток, 1992. - С.20;
19.Саймудинов Ш. Национальное примирение в Таджикистане и его современное значение. Душанбе, 2003. - С.79.

# ПРАВОВАЯ И МИРОТВОРЧЕСКАЯ ПОЛИТИКА ЭМОМАЛИ РАХМОНА КАК ВСЕМИРНАЯ ШКОЛА МИРА

**ЗОИР ДЖУРАХОН МАДЖИДЗОДА,**
доктор юридических наук, профессор,
Главный научный сотрудник Института философии,
политологии и права НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 33.
Тел.: (+ 992) 985-03-85-85. E-mail: zoirov2009@mail.ru
**ЗУХУРЗОДА ШАХЛО ДАВЛАТМУРОД,**
ассисент кафедры международного права
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33
Тел.: (+992) 918-96-96-89. E-mail: shahlozuhurzoda95@gmail.com

*Устоновление мира и национального согласия, обеспечило верховенство исполнения законов республики, распоряжений Президента страны и постановлений Правительства республики на всей территории Таджикистана. Повсеместный мир в нашей стране по иницативе Главы государства дал дальнейшее развитие процессу экономического востоновления строны, развитию демократии, плюрализма, толерантности, свободы слова и печати, формирование национального минталитета, и укрепил национальное единство, что сформировало в науке таджиского права новую школу миротворчества, а другие страны охваченные войной могут извлечь уроки из этого мирного опыта таджиков. Следует отметить, что беспримерное мужество и отвага Эмомали Рахмона на этом очень трудном пути, его огромное чувство патриотизма, заставили его рискнуть своей жизнью, чтобы совершить опасные поездки для обеспечения единства и восстановления мира в Таджикистане.*

***Ключевые слова:*** *Историческая XVI сесия Верховного совета Республики Таджикистан, Общее соглашение об устоновлении мира и национального единства, Организация Объединённых Наций, Резолюция,ОБСЕ, устоновления мира.*

# LEGAL AND PEACEMAKING POLICY EMOMALI RAHMON AS THE WORLD SCHOOL OF PEACE

**ZOIR JURAKHON MAJIZODA,**
Doctor in Law, Professor,
Chief Researcher, Institute of Philosophy,
Political Science and Law NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 985-03-85-85. E-mail: zoirov2009@mail.ru
**ZUHURZODA SHAHLO DAVLATMUROD**,
Assistant of the Department of International Law of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 918-96-96-89. Email: shahlozuhurzoda95@gmail.com

*Establishing peace and national accord, ensured the supremacy implementation of the laws of the republic, orders and instructions of the President of the State and decrees of the Government of the republic throughout the territory of Tajikistan. Nationwide peace in our country with the undertaking initiative of the Head of the State brought even greater prosperity to the process of economic reconstruction of the country, development of democracy, pluralism, tolerance, freedom of speech and press, formation of national thinking, moreover, it strengthened national unity that in the Tajik*

*law science a new peacemaking school from which other belligerent states can learn a lesson from the peaceful experience of the Tajiks. It should be noted that the unparalleled courage of Emomali Rahmon on this very difficult path, his tremendous sense of patriotism made him risk his life to make dangerous trips to ensure unity and restore peace in Tajikistan.*

***Key words:*** *Historical XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, General Agreement on the of Peace and National Accord, United Nations, Resolution, OSCE, establishment of peace.*

УДК: 336.02

# ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ДАВРОНИ ТОИНҚИЛОБӢ (БАЪДИ АСРИ МИЁНА ТО СОЛИ 1917)

**АБДУАЛИМЗОДА ИСМОИЛ ИБРОҲИМ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*Мақолаи мазкур ба ташаккули қонунгузории молиявӣ дар даврони тоинқилобӣ (баъди асри миёна то соли 1917) бахшида шудааст. Муаллиф инкишофи муносибатҳои молиявӣ дар даврони тоинқилобӣ (баъди асри миёна то соли 1917)-ро таҳлил намуда, хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди ин муносибатҳоро ошкор намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ташаккули қонунгузории молиявӣ, даврони тоинқилобӣ, инкишофи қонунгузории молия, муносибатҳои қарзӣ ва молиявӣ.*

Дар нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди Осиёи Миёна як қатор ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла, кассаҳои қарздиҳӣ, бонкҳо, ташкилотҳои хурди қарзӣ, ширкатҳо ва рафоқатҳои маҳаллӣ амал менамуданд, ки онҳо як ё якчанд намуди амалиётҳои бонкиро амалӣ менамуданд. Дар давраи мазкур фаъолият намудани чунин ташкилотҳо ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, дастгирии соҳаҳаи афзалиятноки хоҷагӣ, рушди истеҳсолот мусоидат намуд.

Дар ин давраи таърихӣ кассаҳои қарздиҳии уездӣ арзи вуҷуд доштаанд, ки онҳо дар рушди иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Миёна таъсири калон расонидаанд. Дар шароити Осиёи Марказӣ асоси истеҳсолотро истеҳсолкунандагони хурд – хоҷагии пахтакорон, ғаллакорон, ҳунармандон, косибон ва чорводорон, яъне онҳое, ки худ бо истеҳсолот машғул буданд, ташкил менамуданд. Онҳо ҳар сол ба фоидаи давлат навъҳои гуногуни андоз супорида, хазинаро пур мекарданд. Аз ин рӯ дар шароити кишвари Туркистон ҳукуматдорони подшоҳӣ бенавогардии ин қисми аҳолиро намехостанд, зеро чунин ҳолат на танҳо барои ҷамъоварии андоз, балки барои мавҷудияти худи системаи мустамликавӣ хавфи ҷиддӣ дошт. Ҳукуматдорони подшоҳӣ ба хубӣ эҳсос мекарданд, ки истеҳсолкунандагони хурди кишвар муҳтоҷи дастгирии молиявӣ мебошанд ва ҳамин ҳолат онҳоро ба доми судхӯрон кашидааст. Судхӯрон ба ивази қарзи додаашон 60-80 фоиз ва ҳатто аз он зиёд фоида талаб мекарданд. Баъзе амалдорони подшоҳӣ дар шароити Осиёи Марказӣ роҳи халосиро дар ҷорӣ намудани фаъолияти кассаҳои қарздиҳии уездӣ медиданд.

Кассаҳои қарздиҳии уездӣ – ин муассисаҳои маъмурӣ-молиявие мебошанд, ки аз тарафи ҳокимияти маҳаллӣ барои дастгирии истеҳсолоти хурд ташкил карда шудааст. Дар шароити Осиёи Миёна ин кассаҳо танҳо дар кишвари Туркистон ташкил гардида буданд [9. С, 71]. Дар кишвари Туркистон кассаҳои қарздиҳии уездӣ муассисаҳои аввалине ба ҳисоб мерафтанд, ки аз тарафи Ҳукумати Россия барои дастгирии муносибатҳои молиявӣ, бевосита барои дастгирии истеҳсолкунандагони хурд ташкил гардида буданд.

Соли 1870 генерал-губернатори Туркистон, Кауфман дар шароити кишвар зарурати кассаҳои қарздиҳии уездиро ба миён гузошта буд. Бо фармони вай аз вилоятҳои губернаторӣ маълумот оид ба ташкили ин кассаҳо маълумот ҷамъ карда шуд ва минбаъд барои баррасӣ ва ҳал намудан ин маълумотҳо ба комиссияи махсус

супорида шуданд [4. С. 353]. Соли 1873 барои кишвари Туркистон оинномаи чунин кассаҳо тартиб дода шуд. Лекин ташкили худи чунин кассаҳо бо гуноҳи Вазорати молияи Россия тӯл кашид, ки асоси дар мурочиати яктарафаи генерали губернатории Туркистон ба ҳукумати подшоҳӣ тавассути Вазорати мудофиаи Россия зоҳир мегашт [11]. Мувофиқи он пешниҳод шуда буд, ки ба хоҳишмандон-муҳточон қарз ба миқдори аз 10 то 300 сӯм (он солҳо дар вилояти Самарқанд ба 30 сӯм як гов ва ё як асп харидан мумкин буд) ба муҳлати аз 3 моҳ то як сол, ба ивази 6%-и солона дода шавад [4. С. 533]. Дар асоси ҳамин оинномаи умумии кишвар, минбаъд ҳар як кассаи нав бавуҷудомада оинномаи хоси худро тартиб медод.

Ба андешаи Н.Б. Ҳотамов дар ҳудуди кишвари Туркистон аввалин кассаҳои қарздиҳӣ соли 1876 дар шаҳри Намангони вилояти Фарғона, соли 1882 дар Каттақӯрғони округи Зарафшон (баъд вилояти Самарқанд) ташкил карда шуд [9. С. 73.]. Вобаста ба санаи муайяни пайдоиши кассаҳои қарздиҳии уездӣ дар адабиёт гуногунандешагӣ ҷой дорад. Ёрдамчии генерал губернатори вилояти Фарғона дар баромади худ қайд менамояд, ки аввалин маротиба соли 1882 дар Намангон кассаҳои қарздиҳӣ ташкил карда шуд ва он танҳо соли 1889 расман иҷозаи қонунро гирифт [3. С. 81]. Доираи фаъолияти кассаи Каттақӯрғон ҳудуди минтақаи Панҷакентро низ, ки тумани Нагорний меномиданд, дар бар мегирифт. Соли 1885 кассаи қарздиҳии уезди Хуҷанд бо сармояи 7,514 рублу 62 копек ташкил ёфт, ки сармояи он дар муқосиа бо кассаҳои қарздиҳии Самарқанд ва Каттақурғон миқдори камтарро ташкил менамуд. Фонди пулии кассаҳо аз маблағи даромади худи уезд ва вилоят таркиб меёфт. Чунин даромад аз ҳисоби андоз, махсусан андози кишоварзон, даромади шаҳрҳо ва ғайра иборат буд.

Миқдори кассаҳои қарздиҳии уездӣ дар кишвари Туркистон соли 1903 ба 21 ташкилот, бо сармояи 342,5 ҳазор сӯм расид. Ин маблағ соли 1909 ба 1159 ҳазор сӯм ва дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳон ба 1,6 млн сӯм расид. Масалан, маблағи кассаи Хуҷанд агар ҳангоми ташкилшавӣ (с. 1885) 7,5 ҳазор сӯмро ташкил диҳад, пас соли 1909 он ба 12 ҳазор сӯм расид. Албатта, ин миқдор маблағ талаботи рӯзафзуни истеҳсолкунандагони хурдро қонеъ гардонида наметавонист. Барои аксари онҳо чунин қарз дастнорас низ буд. Фаъолияти чунин кассаҳо танҳо ҳудуди кишвари Туркистонро фаро гирифта, онҳо дар ҳудуди аморати Бухоро ва хони Хева ҳанӯз вуҷуд надоштанд. Фаъолияти рафоқатҳо ва ширкатҳои маркази рафоқатҳо ва тиҷоратии Русия, ки манфиати саноати ширкатҳои бофандагиро ҳимоя мекарданд, махсусан ширкатҳои маркази Русия тарафдори рушди пахтакорӣ буданд.

Кассаҳои қарздиҳии уездӣ тартиботи хоси додани қарз ва пардохти онро доштанд. Дар оинномаи кассавии вилояти Фарғона дарҷ гарида буд, ки «муҳлати баргардонидани қарз мумкин аст, ки бо ворид намудани тағйирот ба бадастоварандаи қарз дар шакли фоиз ва замонати нав ба муҳлати як соли дигар, вале на аз ин зиёд дароз карда шавад». «Дар сурати барнагардонидани қарз пардохт нисбат ба молу мулки қарздор ва баъдан ба зомини он, дар ҳолати зарурӣ ба молу мулки шахсе, ки ба қобили пардохт будани вай (қарздор) шаҳодат додааст, равона карда мешавад». Дар баробари ин, дар бисёр кассаҳои қарздиҳӣ барои он шахсоне, ки бо сабабҳои узрнок қарзро баргардонида наметавонистанд, пеня дар ҳаҷми $^1/_2$ % бо рубл дар моҳ руёнида мешуд [4. С. 353]. Танҳо дар се кассаҳои қарздиҳии вилоятҳои маҳаллӣ, яъне Чимкент, Ҷиззах ва Хуҷанд пеня гирифта намешуд.

Аз 1 январи соли 1909 ба оинномаи кассаҳои қарздиҳии се вилоятҳои маҳаллӣ дар асоси қоидаҳои Шӯрои генерал-губернатории Туркистон аз 19 июни соли 1908 як

қатор тағйироту иловаҳо ворид гардида буд. Аз ҷумла, илова карда шуд, ки «кормандони маъмурият ва политсия дар ягон маврид» наметавонанд қарз ва хазинаро истифода намоянд. Чунин қарор пештар дар оинномаи кассаҳои қарздиҳии вилоятҳои Фарғона ва Самарқанд ҷой доштанд ва танҳо ин муқаррарот дар оинномаи кассаи қарздиҳии Сирдарё вуҷуд надошт.

Чуноне ки қайд намудем, мақсади асосии ташкили кассаҳои қарздиҳии уездӣ ин асосан дастгирии истеҳсолкунандагони хурд ба ҳисоб мерафт, яъне ин кассаҳо бояд сараввал ба аҳолии дар деҳот зиндагикунанда, ки касби асосии онҳо истеҳсолот, махсусан истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ қарз диҳанд. Аммо оид ба вайрон кардани тартиби аввалиндарҷа ба исеҳсолкунандагони хурд додани қарз дар таҷрибаи ин кассаҳо вайрон карда мешуд. Дар низоми қарздорони кассаҳои қарздиҳӣ, на танҳо кишоварзон, инчунин истиқоматкунандагони шаҳрҳо низ ҷой доштанд. Масалан, дар соли 1907 дар кассаи қарздиҳии Қӯқанд барои аҳолии деҳот 141 қарз дар ҳаҷми 4,200 рубл, ба аҳолии шаҳр бошад, 338 қарз дар ҳаҷми 7.700 рубл дода шуда буд. Ин ва дигар ҳолатҳо шаҳодати он мебошанд, ки кассаҳои қарздиҳии уездро асосан истиқоматкунандагони ба онҳо наздик истифода мекарданд. Истифодаи ин кассаҳо ба деҳотҳои алоҳидаи вилоятҳо, махсусан деҳотҳои кӯҳистонӣ қариб, ки дастнорас буд. Дар алоҳидагӣ, масалан, волости Кӯҳистон (Зарафшони боло) аз кассаҳои уездӣ дар масофаи 200-300 километр ҷой гирифта буданд [5. С. 32].

Чунонки қайд намудем, маҳз бо ташаббуси онҳо дар ҳудуди Осиёи Марказӣ кишти пахтаи навъи амрикоӣ паҳн гардид. Маҳз он рафоқатҳо ва ширкатҳо зарурати қарзро барои рушди пахтакорӣ эҳсос намуда, чунин хоҷагиҳоро ба қадри имкон бо пул таъмин карданд

Масалан, рафоқати «Мануфактураи бузурги Ярослав» шурӯъ аз соли 1887 барои кишти пахтаи навъи амрикоӣ, ба ивази 8 дарсади солона қарз медод. Ин рафоқат дар амалиёти қарздиҳии худ бо рафоқати «Владимир Алексеев» якҷоя фаъолият мекард. Ин ду рафоқат соли 1900 дар 14 волости уезди Андиҷон ба 5632 нафар деҳқонон қариб 415 ҳазор сӯм қарз додаанд. Деҳқонон ба ивази ин қарз пахтаи худро бояд маҳз ба намояндагони ҳамин рафоқатҳо месупориданд. Намояндаи ин рафоқатҳо на танҳо дар ҳудуди вилоятҳои гуногуни кишвари Туркистон, балки дар қаламрави аморати Бухоро ва хонигарии Хева ҳам амал мекарданд.

Рафоқати «Кудрин ва К°», ширкатҳои бародарон Шлоссберг, Познанскийҳо, Крафт, Л.Кноп ва ғайра, ки дар ноҳияҳои гуногуни кишвар фаъолият доштанд, ба мисли рафоқатҳои номбурда, бо шартҳои гуногун ба деҳқонон қарз медоданд. Масалан, рафоқати «Кудрин ва К°» (рафоқати тиҷоратию саноатии осиёимиёнагии Кудрин ва К°) 27-уми июли соли 1884 (марказаш дар Москва) аз тарафи 56 нафар саҳмдорони москвагӣ, аз ҷумла ширкати Савва Морозов бо мақсади аз ҳудуди Осиёи Марказӣ ва Эрон харидани пахта ташкил карда шуда буд. Ин рафоқат дар Оренбург, Тошканд, Қӯқанд, Кошғар, Бухоро, Чорҷӯй, Марв, Ашқобод, Кучан ва Машҳад идора ва анборҳо дошт. Рафоқат деҳқонони ноҳияҳои пахтакор ва нуктаҳои ба он наздикро бо қарзҳои гуногун таъмин менамуд.

Умуман фаъолияти қарздиҳии рафоқатҳо ва ширкатҳои маркази Русия дар роҳи рушди иктисоди Осиёи Марказӣ, махсусан пахтакорӣ, қадами ҷиддие буд. Маҳз онҳо дар ҳудуди кишвар барои фаъолияти васеи сармояи бонкӣ шароити мусоид ба вуҷуд оварданд.

Дар шароити Осиёи Миёна ташкил намудани бонкҳоро асосан суст гардидани тиҷорат дар ин ҳудуд вобаста ба кам будани манбаъҳои маблағгузорӣ ҷиҳати рушди

соҳаҳои савдо ба миён гузошт. Зарурати дар шароити Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама кишвари Туркистон, оғоз намудани фаъолияти бонкҳои марказии Русияро рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии тиҷоратӣ ба миён гузоштанд, зеро намояндагони онҳо, ки дар кишвар бо корҳои тиҷорат машғул буданд, на ҳама вақт бо пули зиёд ба ин сарзамин омада метавонистанд.

Гурӯҳи савдогарони тошкандӣ оид ба ташкили муассисаҳои бонкӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна бо номаи худ аз 16 ноябри соли 1874 ба генерал-губернатории Туркистон К.П. фон-Кауфман муроҷиат намуданд, ки дар номаи худ дар ҳолати суст қарор доштани савдои дар Осиёи Миёна вобаста ба набудани муассисаҳои кредитиро зикр намуданд. Дар номаи онҳо зикр шуда буд, ки «дар Тошканд филиал ё шуъбаи Бонки давлатӣ ташкил карда шавад, ки қарзро таҳти гарави мол диҳад» [12].

Аз ин рӯ, онҳо аз ҳукумати подшоҳӣ талаб мекарданд, ки дар кишвари дурдаст шуъбаи бонкҳои Русияро ташкил намоянд. Мувофиқи талаби онҳо, 10-уми майи соли 1875 дар Тошканд аввалин ташкилоти давлатии қарздиҳӣ дар кишвар – шуъбаи Бонки давлатии Русия кушода шуд. Ҳангоми ташкили шуъбаи Бонки давлатии Россия дар маркази генерал-губернатории Туркистон шаҳри Тошканд, пеш аз ҳама ҳолати рушди маъмурӣ-давлатӣ, нақши иқтисодӣ-молии Осиёи Миёнаро ба инобат гирифтанд [10. С. 54].

Шуъба то соли 1890 дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ягона ташкилоти калони қарздиҳӣ ба ҳисоб мерафт ва он ба ширкату тоҷирони калон қарзи кӯтоҳмуддат (то 1 сол) медод. Шуъбаи тошкентии Бонки давлатии Россия дар муддати дароз ҳамаи функсияҳои зарурии муассисаҳои молиявиро иҷро мекард.

Дар натиҷаи рушди муносибатҳои савдоӣ-иқтисодӣ, махсусан истеҳсоли пахта, зиёд шудани маҳсулоти саноатии Россия дар Осиёни Миёна зарурати ташкили шуъбаҳои Бонки давлатиро дар дигар минтақаҳои Осиёи Миён ба вуҷуд овард. Минбаъд ин бонк дар шаҳрҳои Самарқанд (соли 1890), Қӯқанд (соли 1893), Бухоро (соли 1894), Ашқобод (соли 1895), Андиҷону Верний (соли 1911) шуъбаҳои худро кушод.

Аз аввали солҳои 90-уми асри XIX дар Осиёи Марказӣ бонкҳои тиҷоратӣ ё худ хусусии Русия ҳам шуъбаҳои худро кушоданд. Шумораи онҳо асосан дар ибтидои асри XX афзуд. 9 адади чунин бонкҳо дар кишвар 45 ташкилот доштанд. Он бонкҳои тиҷоратии русиягӣ, ки дар Осиёи Марказӣ ташкилотҳои худро доштанд, инҳоянд: Бонки русию осиёӣ (дар асоси собиқ бонки Русияю Чин бунёд гардидааст), Бонки тиҷорати Сибир, Бонки Азову Дон, Бонки Волгаю Кама, Бонки Муттаҳида (дар асоси собиқ Бонки тиҷорати байналмилалии Москва бунёд гардидаанд), Бонки русии тиҷорати беруна, Бонки тиҷорати Москва, Бонки саноати Москва ва Бонки ҳисоби Москва. Инчунин як бонки нимҳукуматии Русия – Бонки ҳисоби қарздиҳии Эрон низ дар Осиёи Марказӣ ташкилотҳо дошт. Ғайр аз ин, бонкҳои Русия боз 18 адад бонкҳои маҳаллӣ дар шакли ҷамъиятҳои қарздиҳии байнихудӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва шаҳрӣ мавҷуд буданд. Шумораи умумии ташкилоти бонкҳои марказӣ ва маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ ба 72 адад расида буд, ки аз онҳо дар арафаи Инқилоби Октябр 61 ададашон амал мекарданд.

Шуъбаҳои бонкҳо бештар дар вилояти Фарғона (22 ташкилот) ҷойгир шуда буданд. Боқӣ дар вилоятҳои Сирдарё, Моварои Хазар (Закаспий) (дар ҳар кадом 10 ташкилот), Самарқанду Ҳафтрӯд (дар ҳар кадом 9 ташкилот), яъне дар кишвари Туркистон ҷамъан 60 ташкилоти бонкӣ ҷойгир буданд. Дар аморати Бухоро 11 ташкилот ва дар хонигарии Хева ҳамагӣ як ташкилоти бонкӣ амал мекард.

Дар байни шаҳрҳо дар ҷойи аввал Қӯқанд, ки 10 ташкилоти бонкӣ (як шуъбаи Бонки давлатӣ, 8 ташкилоти бонкҳои хусусии марказӣ ва як бонки маҳаллӣ), дар ҷойи дуюму сеюм Бухорою Самарқанд (дар ҳар кадоми онҳо 8 ташкилоти бонкӣ) ва дар ҷойи чаҳорум Тошканд (бо 7 ташкилоти бонкӣ) қарор дошт.

Ғайр аз бонкҳои номбурда, дар ҳудуди кишвари Туркистон боз ду бонки маркази кишоварзӣ: Бонки Нижегороду Самара (аз соли 1899) ва Бонки Полтава (аз соли 1902) амал мекарданд. Онҳо ба соҳибони мулкҳои ғайриманқул – соҳибони заводҳо, замин, хонаҳо ва ғайра ба муҳлати аз 10 то 66 сол қарзи дарозмуддат медоданд, вале хусусиятҳои кишварро ба назар гирифта, ин бонкҳо қарзро асосан ба муҳлати 20 солу 7 моҳ додаанд.

Бонкҳои тиҷоратии марказӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ мустақилона амал мекарданд. Онҳо танҳо ба садорат (правление) - ашон итоат намуда, дар асоси ойинномаҳои худ фаъолият мекарданд, яъне дар маҳалҳо ҳукуматдорони подшоҳӣ ба фаъолияти бонкҳо дахолат намекарданд.

Дар баробари ташкили шуъбаҳои Бонки давлатии Россия дар ҳудуди Осиёи Миёна дар ин давра инчунин, дар ин сарзамин муассисаҳои Бонки россиягӣ-чинӣ таъсис дода шуд. Худи ин бонк 10 декабри соли 1985 таъсис дода шуда буд. Дар солҳои 1900-1910 Бонки россиягӣ-чинӣ дар 12 минтақаи Осиёи Миёна шуъбаҳои худро кушода буд. Аз ҷумла, соли 1900 – дар шаҳрҳои Самарқанд ва Қӯқанд, соли1901 – дар шаҳрҳои Бухоро ва Андиҷон, соли 1903 – дар шаҳрҳои Верно, Тошканд ва Марғелон, соли 1905 – дар Ашқобод, соли 1909 – дар шаҳрҳои Керки, Намангон ва Нови Урганҷ, соли 1910 – дар шаҳри Марв шуъбаҳои ин бонк кушода шуданд [8].

Ҳамзамон дар баъзе аз минтақаҳои Осиёи Миёна равобити иқтисодӣ ва савдоӣ бо кишварҳои ҳамсарҳад рушд карда буд. Бо мақсади рушди алоқаҳои иқтисодӣ дар баъзе аз минтақаҳо Бонки баҳисобгирӣ-қарздиҳии Форс ташкил карда шуда буд. Дар алоҳидагӣ муассисаҳои алоҳидаи ин бонк дар Ашқобод (соли 1899) ва Марв (соли 1910) ташкил гардида буд [2].

Дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон расман ягон ташкилоти бонкӣ ҷойгир нашуда буд. Фақат дар шаҳри Хуҷанд як ташкилоти хазинахона (казначейство) амал мекард, ки корҳои хурди бонкӣ, аз ҷумла қабул ва фиристодани қарзҳо, ба қайд гирифтани қарзҳои векселӣ ва ғайраро иҷро мекард. Вале ин чунин маъно надорад, ки сармояи бонкӣ ба сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон сар надаровардааст. Пеш аз ҳама, бояд ба эътибор гирифт, ки сармояи бонкӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ сарҳади амалиёт надошт. Аз ҳамин сабаб бисёр тоҷирону кордонҳои Хуҷанду Уротеппа ҳам аъзои фаъоли шуъбаҳои бонкии дар Самарқанд, Қӯқанд ва дигар шаҳрҳо амалкунанда ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, шуъбаи самарқандии Бонки давлатии Русия (дар асоси маълумоти 1-уми январи соли 1915) дорои 440 нафар шахсони ваколатдор (аккредитатсияшуда) буд, ки аз онҳо 111 нафарашон аз уезди Хуҷанд (танҳо аз ш.Хуҷанд – 101 нафар, аз Ӯротеппа – 2 нафар, аз Ғӯлакандоз – 2 нафар ва ғайра) буданд.

Дар ин давра дар ҳудуди Осиёи Миёна як қатор муассисаҳои бонкии дигар, ба монанди Бонки байналмилалии москвагии тиҷоратӣ (дар соли 1891 дар Қӯқанд ва дар соли 1892 дар Бухоро ташкил шуда буд) [10. С. 283-291], Бонки россиягӣ-осиёӣ (аз 2 октябри соли 1910), Бонки тиҷоратии сибирӣ (дар солҳои 1908-1911 муассисаҳои он дар Бухоро, Андиҷон, Қӯқанд, Самарқанд ва ғайра кушода шуд), Бонки баҳисобгирии москвагӣ ва ғайра фаъолият намудаанд.

Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ташкилоти бонкӣ дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ пайдо шуда бошад ҳам, сармояи бонкӣ, бо воситаи механизми миёнаравӣ, ба ин минтақа дар солҳои аввали ҳамроҳшавии қисми Осиёи Миёна ба Империяи Русия ворид шуд. Бонки давлатии Русия, ки соли 1875 шуъбаи худро дар Тошканд кушода буд, хазинаҳои қарзии бонки худро дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, Исфара ва Панҷакент таъсис дод. Яъне аз охири асри XIX то Инқилоби Октябр ҳудуди шимолии Тоҷикистони имрӯза, ки ба Империяи Русия дохил мешуд, аз системаи бонкии ин давлат бевосита вобаста буд. Дар ин давра бонкҳои калонтарин, ба монанди Бонки давлатии Русия, Бонки Русӣ – Осиёӣ, Бонки москвагии савдои байналхалқӣ ва дигар бонкҳо намояндагиҳои худро дар ҳудуди Осиёи Миёна ташкил карданд. Системаи бонкии Тоҷикистон дар тараққиёти худ роҳҳои гуногунро аз системаи бонкии тоинқилобии Империяи Русия сар карда, то бонкҳои системаи иқтисодии собиқ давлати Шӯравӣ, ки дар назорати марказонида аз болои истеҳсолот ва тақсимоти захираҳо асос ёфта буд, гузашт. Дар шароити сохти Шӯравӣ фаъолияти бонкдории тоҷикон аз системаи бонкии Иттиҳоди Шӯравӣ вобаста буд, ки якчанд бонкҳои калони давлатиро дар бар мегирифтанд ва амалиёти онҳо барои таъмини иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ равона карда мешуданд. Дар Тожикистон 6 шуъбаҳои бонкҳои Шӯравӣ амал мекарданд: Бонки давлатӣ Россия, Бонки Агросаноатии СССР, Промстройбонки СССР, Бонки фаъолияти иқтисодии берунаи СССР ва Бонки амонатгузории СССР. Хусусияти хоси ин бонкҳо вобастагии мутлақи шуъбаҳои маҳаллӣ аз аппаратҳои марказии худ буданд [8. С. 84]/

Мутасаддиёни бонкҳо бо мақсади ҳарчи васеътар паҳн намудани фаъолияти худ аз хизмати миёнаравҳо: рафоқатҳо, ширкатҳо, тоҷирони бонуфуз, даллолон (комиссионерҳо) ва аробакашҳо моҳирона истифода мекарданд, зеро худи бонкҳо имкон надоштанд, ки бевосита бо истеҳсолкунандагон – деҳқонон, ҳунармандон, косибон, чорводорон ва дигарон сарукор дошта бошанд. Бинобар ин шуъбаҳои бонкҳо пулро ҳамчун қарз ба рафоқату ширкатҳо ва тоҷирони бонуфуз (бештари онҳо соҳиби заводҳои гуногун, махсусан, заводҳои пахтатозакунӣ буданд) медоданд. Рафоқату ширкатҳо ва тоҷирони калон дар навбати худ қарзи аз бонк гирифтаашонро дар байни миёнаравони нисбатан хурд: тоҷирони миёна ва хурд, даллолон (комиссионерҳо), аробакашҳо ва дигарон тақсим мекарданд. Ин гурӯҳ дар навбати худ қарзро ба истеҳсолкунандагон, аз ҷумла ба деҳқонон мерасониданд.

Ширкатҳо ва рафоқатҳои маҳаллӣ низ бо мақсади дастрасии васеъи аҳолӣ дар ин давра фаъолияти назаррас доштанд. Нуқтаи охири қарз аз маркази ташкилотҳои бонкӣ ҳар қадар дур бошад, суди қарз ҳамон қадар ҳам меафзуд. Яъне, агар бонкҳо ба рафоқату ширкатҳо ё худ тоҷирони калон қарзро ба ивази 8-10% диҳанд, пас дар маҳалҳои наздики бонк он қарз баъзан ба ивази 12 – 15% дастраси деҳқонон мешуд. Вале дар гӯшаҳои дурдаст, ки рақобат вуҷуд надошт, суди қарз 50 – 60% ва ҳатто аз он ҳам зиёд мешуд. Аз ин рӯ, баъзе ширкатҳо манфиатдор буданд, ки қарзро аз бонкҳо гирифта, ба маҳалҳои дурдаст баранд. Зеро дар чунин маҳалҳо, аз як тараф рақобат вуҷуд надошт, аз тарафи дигар ширкатҳо суди қарзро мувофиқи хости худ метавонистанд баланд кунанд.

Дар шароити Осиёи Марказӣ амалиёти пахта шурӯъ аз кишти пунбадона то ба марказҳои саноатӣ расонидани нахи он – ҳама дар зери назорати сармоягузорони бонкҳо буданд. Тавре ишора шуд, барои мутобиқ гардонидани фаъолияти бонкҳо дар шароити Осиёи Марказӣ, махсусан, барои амалӣ гардидани амалиёти қарздиҳии онҳо, рафоқатҳо ва ширкатҳо нақши муҳим бозидаанд. Ширкатҳо ва рафоқатҳое, ки солҳои

70-80-уми асри XIX дар Осиёи Марказӣ амал мекарданд, аксар рафоқат ва ширкатҳои москвагӣ ё худ аз дигар шаҳрҳои марказии Русия буданд, вале онҳо ҳам дар амалиёт баҳри рушди фаъолияти худ, ба тоҷирони маҳаллӣ такя мекарданд. Дар натиҷа, минбаъд аз ҳисоби тоҷирони маҳаллӣ бунёдкунандагони ширкатҳо, баъдтар рафоқатҳои бузург сабзида расиданд, ки мисоли онро дар симои ширкатҳои бародарон Вадяевҳо, Р.Ш. Потеляхов ва дигарон дида метавонем.

Масалан, 24-уми ноябри соли 1894 шуъбаи қӯқандии Бонки давлатии Русия ба тоҷирони начандон номӣ бародарон Вадяевҳо (яҳудиёни бухороӣ) 50 ҳазор сӯм қарз дода буд. 21-уми июли соли 1900 ҳамон шуъба кордонии онҳоро ба назар гирифта, миқдори қарзро то ба 100 ҳазор сӯм зиёд намуд. Ин гуна кумаки бонкӣ ба бародарон Вадяевҳо имкон дод, ки 28-уми феврали соли 1902 дар Қӯқанд бо номи «Хонаи тиҷоратии бародарон Вадяевҳо», бо сармояи 70 ҳазор сӯм ширкати мустақиле бунёд кунанд. Мақсади ин ширкат асосан хариду фурӯши пахта, фурӯши маҳсулоти саноатӣ ва ғайра ба ҳисоб мерафт. Кордонии Ёқуб ва Сион Вадяевҳо диққати амалдорони бонкҳои марказии Русияро ҷалб карда буд. Пас аз ташкил ёфтани ширкат, Бонки давлатӣ миқдори қарзи Вадяевҳоро боз ҳам зиёдтар намуд, ки он соли 1903 то ба 200 ҳазор сӯм ва соли 1907 то ба 250 ҳазор сӯм афзуд.

Бародарон Вадяевҳо баъди дар Осиёи Марказӣ паҳн гардидани фаъолияти бонкҳои марказии тиҷоратии русиягӣ шахсони боэътимоди бисёре аз онҳо гардида буданд. Дар натиҷа, бародарон Вадяевҳо дар қатори Бонки давлатӣ аз дигар бонкҳои тиҷоратии марказӣ низ қарзҳои зиёди нисбатан имтиёзнок гирифта, ба амалиёт даровардаанд. Дар замони афзудани рақобати байни бонкҳо наздикшавии ширкати Вадяевҳо бо Бонки тиҷоратии марказии Русияю Осиё аҳамияти махсус дошт ва он 11-уми майи соли 1912 ба ташкил дода шудани ширкати боз ҳам калонтари «Рафоқати тиҷоратию саноатии Вадяевҳо» боис гардид.

Дар рафоқат низ бародарон Сион ва Ёқуб нақши пешбар бозиданд. Аз ширкати собиқи Вадяевҳо амалиёти пахта ва заводҳои пахтатозакунӣ ба рафоқат гузашт. Охири соли 1913 дар ихтиёри ин рафоқат 9 заводи шахсии пахтатозакунӣ ва 15 заводи иҷора, яъне ҷамъ 24 заводи пахтатозакунӣ кор мекард. Охири соли 1912 шумораи он заводҳои пахтатозакунӣ ба 28 адад расид, ки аз онҳо 12 завод моли худи ширкат ва 16 завод иҷора буд.

Бонки Русияю Осиё, ки дар қатори бародарон Вадяевҳо бунёдгузори рафоқат ба ҳисоб мерафт, дар муддати фаъолияти муштарак ба ширкат (солҳои 1912-1915) маблағи хеле бузурги имтиёзнок дода буд. Рафоқат маҳз ба шарофати ин бонк аз 1-уми ноябри соли 1913 то майи соли 1914 ба деҳқонони пахтакор ба миқдори зиёда аз 12,5 млн сӯм қарз додааст. Дар натиҷа, миқдори умумии қарзи ба деҳқонон додаи рафоқат зиёда аз 36 млн сӯмро ташкил намудааст.

Рафоқати Вадяевҳо сол то сол пурқувват мегардид. Аз панҷ як ҳиссаи пахтаи Осиёи Марказӣ танҳо ба воситаи ҳамин рафоқат ба марказҳои саноатии Русия фиристода мешуд. Дар соли 1915 рафоқат бо бонкҳои гуногун робита дошт. Вай ҳиссаи асосии саҳмҳои яке аз ҷамъиятҳои калонтарини саҳомии Русия «Салолин»-ро низ соҳиб шуд. Дар натиҷа, рафоқати Вадяевҳо дар арафаи маҳви низоми подшоҳии Русия ба қатори рафоқатҳои бузургтарини соҳаи саноати сабуки империя (махсусан, дар соҳаи пахта, равған ва маргарин) дохил гардид.

Фаъолияти рафоқатҳо нисбат ба ширкатҳо хеле васеъ буд. Аз ин ҷиҳат ташкилёбии рафоқати Вадяевҳо ва баъд рафоқати Потеляхов аз кӯшиши бунёди иттиҳодияҳои монополистӣ дар Осиёи Марказӣ дарак медод.

Дар давраи мазкур ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ низ арзи вуҷуд доштанд ва дар баробари бонкҳо фаъолият менамуданд. Дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX чун дар тамоми империяи Русия дар шароити кишвари Туркистон ҳам яке аз вазифаҳои навбатии ҳукумати подшоҳӣ наҷот додани хоҷагиҳои деҳқонони миёнаҳол ба ҳисоб мерафт. Онҳо дар ин соҳа роҳи ягонаи наҷотро дар ҷорӣ намудани амалиёти ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ медиданд.

Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ, чун дар тамоми Русия, дар кишвари Туркистон ҳам бояд мувофиқи қонуни 7-уми июни соли 1904 қабулшуда бунёд мегардиданд. Дар асоси он қонун се навъи чунин ташкилотҳо пешбинӣ шуда буд: рафоқати қарздиҳӣ, рафоқати қарздиҳии амонатӣ ва кассаҳои ҷамъиятии амонатӣ. Соли 1905 оид ба ҳар кадоми ин шаклҳо ойинномаҳои махсус таҳия карда шуд. Мувофиқи он ҳуҷҷатҳо, рафоқати қарздиҳӣ танҳо аз ҳисоби маблағи Бонки давлатӣ ташкил меёфт, бинобар ин, нисбат ба аъзои худ ҳаққи узвият надошт. Ҳангоми амалиёти мусбати рафоқат Бонки давлатӣ нисбат ба он сари чанд вакт миқдори қарзи худро зиёд мекард. Даромад ва зарари рафоқати қарздиҳӣ ба уҳдаи давлат мегузашт.

Рафоқати қарздиҳии амонатӣ дар асоси ҳаққи узвияти бунёдкунандагонаш ташкил карда мешуд ва даромаднокӣ, яъне ҳаққи узвияти саҳм (дивиденд) ҳам ба фоидаи аъзои он буд. Фақат баъди як соли фаъолияти мусбат чунин рафоқатҳо метавонистанд аз қарзи Бонки давлатӣ истифода кунанд. Ҳангоми пароканда ва ё қатъ карда шудани фаъолияти онҳо тамоми маблағашон дар байни аъзо – бунёдгузоронашон тақсим карда мешуд. Барои ташкил намудани ҳар ду шакли рафоқатҳои номбурда, яъне рафоқатҳои қарздиҳӣ ва карздиҳии амонатӣ, ариза бо имзои зиёда аз 20 нафар шахсони алоҳида зарур буд. Яъне ташкил намудани чунин ташкилотҳо ба ташаббуси худи истеҳсолкунандагони хурд – деҳқонон, ҳунармандон ва косибон вобастагӣ дошт.

Фарқи шакли сеюми ташкилот, яъне кассаҳои ҷамъияти қарздиҳии амонатӣ аз рафоқатҳои номбурда он аст, ки ин ташкилот бо ташаббуси ҷамъиятҳои алоҳида ё деҳотӣ ташкил карда мешуд. Дар шароити кишвари Туркистон аз ҳар се шакли номбурда танҳо ду шакли аввала, рафоқатҳои қарздиҳӣ ва қарздиҳии амонатӣ ташкил карда шудаанд.  Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ қарзро ба таври имтиёзнок танҳо ба аъзои худ, ба миқдори барои ҳар як кас то ҳазор сӯм, ба ивази то 12%-и солона медод. Қарзи дарозмуддат то 5 сол ва кӯтоҳмуддат то 1 сол муайян шуда буд [9. С. 23] /

Дар қаламрави кишвари Туркистон соли 1907 аввалин рафоқати қарздиҳӣ дар вилояти Фарғона ташкил карда шуд. Аз соли 1910 чунин рафоқатҳо ба таври оммавӣ бунёд гардиданд. Соли 1917 шумораи умумии онҳо ба 900 адад расид. Аз ин ҳисоб тахминан 340 рафоқати карздиҳӣ ва бештар аз 500 рафоқати қарздиҳии амонатӣ мавҷуд буданд. Шумораи умумии аъзои ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ танҳо дар вилоятҳои Фарғона, Самарқанд ва Сирдарёи кишвари Туркистон то ба 200 ҳазор нафар расида буд. Аз сабаби он ки талаботи истеҳсолкунандагон ба қарз хеле зиёд буд, бинобар ин, баробари афзудани шумораи ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ, маблағи онҳо низ меафзуд. Фақат соли 1917 аз тарафи тамоми ташкилотҳои хурди қарздиҳии кишвар (ғайр аз вилояти Моварои Хазар) ба истеҳсолкунандагон қариб 51 млн сӯм қарзи имтиёзнок дода шуд. Фаъолияти ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ноҳияҳои пахтакор, ғаллакор, чорводор, маҳалҳои ҳунармандону косибон танҳо кишвари Туркистонро фаро гирифта буд. Бисёр хоҷагиҳои ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ низ ба доираи фаъолияти ин ташкилотҳо дохил мешуданд. Ба ин фаъолияти рафоқатҳои қарздиҳии Ӯротеппа, Нов, Қистакӯз, Исфисор, Ғӯлакандоз, Исфара, Маҳрам ва ғайра мисол шуда метавонанд.

Ташкилотҳои хурди карздиҳӣ баробари мустаҳкамшавӣ ва васеъ кардани фаъолияти худ инчунин, вазифаи миёнаравиро низ ба уҳда доштанд, яъне аъзояшонро бо олотҳои кишоварзӣ, пунбадонаи тухмӣ, тухми кирмак, ғалла ва ғайра таъмин мекарданд. Дар шароити кишвари Туркистон ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ барои дастгирӣ ва рушди хоҷагиҳои деҳқонони миёнаҳол, ҳунармандон ва косибон нақши муҳим бозидаанд. Ин раванд истеҳсолкунандагонро аз панҷаи миёнаравон, махсусан судхӯрон пурра халос карда натавониста бошад ҳам, ба ҳар ҳол, ба хоҷагиҳои миёнаҳол дасти ёрӣ дароз карда, қисми зиёди онҳоро аз фақру харобшавӣ эмин дошт.

Дар сарчашмаҳо вобаста ба фаъолияти бонкҳо ва амалиёти иҷроменамудаи онҳо дар ин давраи таърихӣ асосҳои муайян ҷой дорад. С.Айнӣ дар бораи амалиёти векселии бонкҳо ва миёнаравҳо, ки баъзан ба фоидаи худ, бо роҳи судхӯрӣ онро суистеъмол мекарданд, қайд менамояд, ки: «... дар вақтҳои болоравии амалиёти судхӯрии Қориишкамба дар Осиёи Миёна, аз он ҷумла, дар Бухоро аз тарафи буржуазияи молии Русияи подшоҳӣ бонкҳо кушода шуда, дар додугирифти савдогарон ва судхӯрони калон ба сифати ҳуҷҷати қарздорӣ вексел ҷорӣ шуда, васиқаи қозихонагӣ дар муомилотҳои пулӣ обрӯйи худро гум карда буд... бинобар ин, бештари савдогарон ва судхӯрони калон... дар муомилоти байни худ ва дигарон ба сифати як ҳуҷҷати қатъӣ векселро қабул карданд, ки ба муқобили вай дар маҳкамаҳои Бухоро даъвоеро бардоштан мумкин набуд. Вексел ду навъ буд – муҳлатнок ва бемуҳлат.

Дар вексели муҳлатнок рӯзи адои қарз муайян карда навишта мешуд ва қарздор маҷбур буд, ки дар ҳамон рӯзи муайянкардашуда қарзи худро адо намояд, вагарна молу мулкаш бо музояда (торг) фурӯхта шуда, маблағи қарз рӯёнида мешуд. Дар вексели бемуҳлат рӯзи адои қарз навишта намешуд ва вақти адои ин гуна қарз ба талаби қарзхоҳ вобаста буд, қарзхоҳ, кадом вақт ки хоҳад маблағи дар вексел қайдшударо аз қарздор талаб карда гирифта метавонист. Ана ҳамин хусусияти вексели бемуҳлат, ки онро вексели сафед ҳам мегуфтанд, барои пӯст кандани деҳқонони меҳнаткаши бесавод, дар дасти судхӯрон хидмати корди буррои қассобиро ба ҷо меовард. Чунончи, як судхӯр ба як деҳқон дусад сӯм пули нақд дода, фоидаи яксолаашро, масалан, сад сӯм ҳисоб карда, ин маблағро ба тани пул зам намуда, аз деҳқон вексели сафеди сесадсӯмиро даст монда мегирифт. Судхӯр ба деҳқон барои адои қарз забонӣ як сол муҳлат дода бошад ҳам, азбаски ин мухлат дар вексел қайд намеёфт, баъд аз ду моҳ векселро ба воситаи нотариус протест кунонда, маблағи дар вай қайдшударо, яъне тани пулро бо фоидаи яксолааш аз деҳқон меситонд ва агар деҳқон надиҳад ё дода натавонад, ба воситаи иҷрокунандаи ҳукми суд ва мулозими қозӣ молу мулки ӯро ба музояда (савдои «кӣ зиёд?») фурӯшонда маблағи дар вексел қайдшударо мерӯёнид» [1. С. 8-9].

Ҳамин тавр, дар соли 1917 дар ҳудуди Осиёи Миёна шумораи умумии муассиаҳои бонкӣ ба 72 адад расида буд, аз ҷумла, 7 шуъбаи Бонки давлатии Россия, 2 агентии нимҳукуматии Бонки баҳисобгирӣ-қарзии Форсӣ, 45 муассисаи 6 бонки тиҷоратии марказии Россия ва 18 бонки маҳаллӣ. Дар ҳудуди Осиёи Миёна бонкҳои марказии россиягӣ дар амалиётҳои кредитӣ ва савдоии худ ба монанди худи Россия ба қарори Шӯро ва талаботҳои Оинномa итоат менамуданд, инчунин тибқи қоидаҳои дохилии дар асоси онҳо барои ҳар як бонк дар маҳал таҳияшуда, амал менамуданд.

Баштари бонкҳои марказии Россия фаъолияти худро ба додани қарзҳои кӯтоҳмуддат амалӣ менамуданд. Масалан, тибқи моддаи 2, банди 14 Оинномаи Бонки россия-осиёӣ имконияти «додани қарз ва кушодани кредит ба муҳлати на бештар аз нуҳ моҳ» пешбинӣ гардида буд. Тибқи талаботи банди 210 ва 211 ин Оинномa

имконият бо хоҳиши қарзгиранда ба муҳлати бештар аз 9 моҳ мавҷуд буд ва ин муҳлат аз рӯзи додани қарз ба ҳисоб гирифта мешуд. Зиёд кардани муҳлат танҳо дар асоси аз тарафи муштарӣ имзо намудани эълони нав, уҳдадориҳои нав ва ба иваз додани маълумотномаи гарав анҷом дода мешуд.

Шакли додани кредит дар дастурамали худи бонк муайян карда мешуд. Бонкҳо маъмулан кредитро таҳти гарави молу мулк, ҳуҷҷатҳои молумулкӣ ба муштариён пешниҳод мекарданд. Дар фаъолияти кредитии аксарияти бонкҳои марказии Россия дар ҳудуди Осиёи Миёна нақши муҳимро амалиёт бо пахта ишғол мекард. Муассисаҳои бонкӣ истеҳсоли пахтаро шурӯъ аз коркарди аввалия то фурӯхтан, равон кардан бо минтақаҳои истеъмолӣ назорат мекарданд. Дар натиҷа ин бонк имконияти аз боло фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳисоботи ташкилотҳоро дар дасти худ қарор медод [6. С. 7-8].

Дар адабиёти ҳуқуқии пеш аз инқилобӣ тамоми амалиёти бонкӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешуданд: амалиёти фаъол ва ғайрифаъоли бонкҳо. Масалан, Г.Ф. Шершеневич қайд менамояд, ки: «таҳти мафҳуми амалиёти фаъоли бонкӣ чунин муомилоти ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки аз он ҳуқуқи бонк ба маблағи пулӣ ба миён меояд. Амалиёти ғайрифаъол мумомилоти ҳуқуқие мебошад, ки уҳдадории бонкро барои пардохти маблағи пулӣ муқаррар мекунад. Амалиёти фаъол муносибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ки дар он бонк нақши субъекти фаъолро дорад; амалиёти ғайрифаъол муносибатҳои ҳуқуқиеро ба вуҷуд меорад, ки дар он ба бонк нақши субъекти ғайрифаъол дода мешавад. Дар амалиётҳои фаъол бонк кредитори муштариёни худ ба ҳисоб меравад ва дар амалиёти ғайрифаъол бошад-қарздори онҳо» [13. С. 412].

Умуман бисёр аз меъёрҳое, ки қабул карда шуда буданд ба иқтисодиёти минтақа – дар марҳилаи мустамликавӣ бисёр натиҷанок буд ва ин таҷрибаи мубрам дар шароити ҳозираи мамлакти мо ба шумор меравад. Дар алоҳида, дар асоси таҷрибаи қаблӣ чунини ҳисобидан мумкин аст, ки: 1) кишварамонро зарур аст, ки гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, дуздие, ки монеа ба истеҳсолкунандагон ва тоҷирон ва бартараф намудани ҳолатҳое, ки ба корҳои муътадили соҳибкорон халал мерасонанд; 2) зарурияти таъсиси шароитҳое, ки имконият медиҳанд, ки истеҳсолкунандагон ба рушди истеҳсолот ва васеъ намудани он манфиатдор бошанд. Дар шароити минтақавӣ дар ин давра истеҳсоли пахта дар як муддати кӯтоҳ назар ба давраҳои пешина муваффақкиятҳои бештарро ба даст овард, гарчанде, ки худи деҳқонон дар ин манфиатдор буданд; 3) истеҳсолкунандагон бояд ба додани кредитҳои арзони дастрас таъмин бошанд. Дар алоҳидагӣ, таҷрибаи ташкили фаъолияти муассисаҳои қарзии хурд баръало дар шароити муосири кишвари мо пурра қобили қабул аст; 4) Соҳибони қоғазҳои қимматнок ва воситаҳои пулӣ бояд барои гузоштани мабалғҳои худ манифиатдор бошанд. На танҳо бонкҳо, балки давлат низ бояд кафолатдиҳандаи амонатгузорон бошад; 5) Бонкҳоро зарур аст, ки таҷрибаи интихоби муштариён, махсусан ҳангоми қарздиҳиро омӯзанд. Дар он давраҳо бонкҳо ҳангоми интихоби муштариён бештар ба виҷдони онҳо, қобилияти корӣ, сатҳи дониши корӣ, интизом ва муносибати хуби онҳоро бо одамон ба назар мегирфитанд. Андозаи кредит бо молу мулки ғайриманқул ва молу мулки муштариён кафолат дода мешуд; 6) худи давлат бояд барои инкишофи саноат, хоҷагии деҳқонӣ ғамхорӣ намояд ва соҳибкоронро дастгирӣ кунад [9. С. 120-121.].

**Адабиёт**

1. Айнӣ С. Марги судхӯр. Куллиёт. Ҷилди 4. – Душанбе, 1961. – С. 8-9.

2. История Туркменского ССр. Т. Кн. 2. – С. 158, 315.
3. Кокандский биржевой комитет. – 1908. – М., 1908. – С. 81.
4. Материалы к характеристике народного хозяйства в Туркистане. Ч.1. Отдел 2. – С. 353.
5. Назаров, Х. Социально-экономический строй Кухистана во второй половине XIX в // «Из истории Таджикистана», вып. I. Сталинабад, 1957. – С. 32.
6. Пластов П. Роль комерческих банков в хлопковом деле. – Биржа, 1913. – № 47. – С. 7-8.
7. Раҳмонов Р.В. Аз таърихи бонкдории тоҷикон // Ахбори ДДҲБСТ. – № 1 (37). – 2009. – С. 84.
8. Фабрично-заводские предприятие Российского империи. – Пгд., 1914. "М" №107, 108, 439, 440, 1165, 1256, 1377, 1586, 1587, 1588, 1589, 1725.
9. Хотамов Н.Б. История банков и предпринимательства в Средней Азии (60-е гг. XIX в. – 1917г.). – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 73.-23-54
10. Хотамов Н.Б. Роль банковского капитала в социально-экономическом Среднеё Азии – С. 283-291.
11. ЦГВИА, Ф. 400. Оп. 1. Д. 412. – Лл. 2$^{об}$, 4.
12. Центральный Государственный архив Респ.Узб. (ЦГА РУз.) Ф. – 1. Оп. 16. Д. 2317 – Лл. 3-3$^{об}$.
13. Шершеневич Г.Ф. Курс торгового права. Т. II: Товар. Торговые сделки. – М., 2003. – С. 412.

## ФОРМИРОВАНИЕ ФИНАНСОВОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В ДОРЕВОЛЮЦИОННЫЙ ПЕРИОД (ПОСЛЕ СРЕДНЕВЕКОВЬЯ ДО 1917 Г.)

**АБДУАЛИМЗОДА ИСМОИЛ ИБРАГИМ,**
соискатель кафедры административного
права и государственной службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*Статья посвящена формированию финансового законодательства в дореволюционный период (после средневековья до 1917 г.). Автор анализирует развитие финансовых отношений в дореволюционный период (от средневековья до 1917 г.) и раскрывает особенности становления и развития этих отношений.*

***Ключевые слова:*** *формирование финансового законодательства, дореволюционный период, развитие финансового законодательства, кредитно-финансовые отношения.*

## FORMATION OF FINANCIAL LEGISLATION IN THE PRE-REVOLUTIONARY PERIOD (AFTER THE MIDDLE AGES UNTIL 1917)

**ABDUALIMZODA ISMOIL IBROHIM,**
Applicant of Administrative Law and Civil Service Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*The article is devoted to the formation of financial legislation in the pre-revolutionary period (after the Middle Ages until 1917). The author analyzes the development of financial relations in the pre-revolutionary period (from the Middle Ages to 1917) and reveals the features of the formation and development of these relations.*

***Key words:*** *the formation of financial legislation, the pre-revolutionary period, the development of financial legislation, credit and financial relations.*

**УДК: 342.4:**

# ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ШАҲРВАНДОН ВА ИЗҲОРИ ИРОДАИ ОНҲО ДАР НИЗОМИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Дашнбе. к. Саид Носир, 33.
E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru

*Дар мақола мазкур масъалаҳои ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандор ва изҳори иродаи онҳо дар низоми худидоракунии маҳаллӣ таҳлил гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Аз сабабе, ки масъалаҳои овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ муҳим ва доғи рӯз ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони ҷомеашиносро ба худ ҷалб намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи конститутсионӣ, овоздиҳӣ, сатҳ, низом, мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандон, масъала, маҳаллӣ.*

Дигаргунсозиҳои демократии ҷомеаи муосир, созмон додани давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон ба такмили шаклҳои ҳокимияти халқӣ, рушд ёфтани воситаҳои иштироки халқ дар идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта мусоидат намуданд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи шаклҳои гуногуни иштироки аҳолӣ дар низоми худидоракунии маҳаллӣ аҳамияти илмӣ дорад.

Масъалаҳои мухталифи инкишофи тамаддуни муосир, аз ҷумла овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ дар шароити имрӯза ба яке аз масъалаҳои муҳим ва актуалӣ дар низоми илмҳои ҷомеашиносӣ, бахусус ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Аз сабабе, ки масъалаҳои овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ муҳим ва доғи рӯз ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони ҷомеашиносро ба худ ҷалб намудааст. Паҳлуҳои гуногуни масъалаи овоздиҳӣ аз ҷиҳати назариявию методологӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дар дараҷаҳои гуногун мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Пӯшида нест, ки овоздиҳӣ ҳамчун падидаи муҳимтарин ҳаёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, аз арзишҳои маъмулгаштаи ҷомеаи демократӣ маҳсуб мегардад.

Овоздиҳии аҳолӣ ин унсури асосӣ ва зарурии сиёсӣ аст, ки дар инкишофи муттасили ҷомеа мақом ва нақши фаъол дорад. Овоздиҳӣ ин воситаест, ки тавассути он таҳкиму такмили сохторҳои сиёсии ҷамъиятӣ таъмин мегардад. Аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш овоздиҳиро дар сатҳи гуногун истифода менамояд. Раванди овоздиҳӣ мураккабу пурҷараён аст, масъалаҳои мухталифро пеш мегузорад. Ҳал намудан ё ба инобат гирифтани онҳо талаби замон *аст. Махсусан дар замони ҳозира, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро мақсади хеш карор додааст, рӯ овардан ба овоздиҳӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои бузург ва умуман инкишофи ҷомеа амри воқеӣ аст. Ҳолати зайл аҳаммияти омӯзиши овоздиҳии аҳолиро дар маъракаҳои сиёсӣ, навъу шаклҳои зоҳиршавии онро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ рӯзмарра*

*мегардонад. Аз ин хотир, дарки амиқу фаҳми дурусти моҳияту хусусияти овоздиҳии аҳолӣ дар маъракаҳои сиёсӣ аҳаммияти воқеӣ пайдо намудаанд.*

*Бояд қайд намуд, ки таҳқиқи назариявии масъалаи овоздиҳӣ дар маъракаҳои сиёсӣ таърихи тӯлонӣ надорад. Ҳарчанд овоздиҳӣ ва масъалаҳои ба он алоқаманд ҳанӯз дар аҳди қадим низ мавриди истифодаи васеъ қарор доштанд, лекин таҳқиқи илмии масъала танҳо дар садсолаи гузашта, яъне дар асри ХХ аз ҷониби муҳаққиқони ҷомеашинос сурат гирифтааст.*

*Бояд тазакур дод, ки масъалаи овоздиҳӣ мураккабтарин ва печидатарин масъала ҳамеша ниёз ба омӯзиш ва баррасии илмӣ-тадқиқотӣ дорад. Ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ ва баробар чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи шаҳрвандони ба синни муқарраркардаи қонун расида бояд ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта бошанд.*

Овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ тавассути шаҳрвандон ба воситаи раъйпурсӣ, интихоботҳо ва дигар шаклҳои ифодаи бевоситаи ирода амалӣ карда мешавад. Овоздиҳии аҳолӣ ин иродаи озод ва ихтиёрии хар як шахс мебошад, ки дар доираи он овози худро бо тариқи пинҳони ё ошкоро дар раъйпурсӣ изҳор менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар солҳои наввадуми асри гузашта дар миқёси ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳое қабул гардиданд, ки дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ [3] ва овоздиҳии халқӣ[1] ном доштанд ва онҳо асосан масъалаҳои марбут ба раъйпурсиро ба танзим медароварданд. Ин меъёри ҳуқуқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот[2] пешбинӣ шудааст, масалан дар моддаи 10-и қонуни мазкур, ки ба ваколатҳои ҷамоат дар соҳаи ташкили фаъолияти он бахшида шудааст, ки таъйин ва гузаронидани овоздиҳии аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро пешбинӣ менамояд. Муҳаққиқони тоҷик Имомов А.И. ва Гадоев Б.С. мазмуни ин меъёри қонунро таҳлил карда онро як навъ раъйпурсии маҳаллӣ номидаанд[3,756].

Дар фазои (гардиши) илми ҳуқуқи конститутсионӣ истилоҳоти овоздиҳии халқӣ, овоздиҳии аҳолӣ, пурсиши аҳолӣ, муайян кардани афкори аҳолӣ ва ё халқ ва ғ. мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд, вале дар қонунгузории ҶТ, ки истилоҳоти овоздиҳии аҳолӣ пешбинӣ шуданаш ба мазмуни раъйпурсии маҳаллӣ ва ё раъйпурсии худидораи маҳаллӣ бояд дониста шавад, чунки раъйпурсии сатҳи худидораи маҳаллӣ яке аз унсурҳои муҳимми низоми худидораи маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Дар мавриди таҳқиқи ин масъала мо бештар ба таҳқиқи раъйпурсии маҳаллӣ аҳаммият медиҳем.

Бояд гуфт,ки дар тули таърих инсон ҳамазамон кушидааст то низомеро барқарор намояд, ки ҷавобгӯи ормонҳои ӯ бошад ва адолати ичтимоӣ дар он таъмин гардад. Аз ин рӯ, инсон барои худ унсурҳои сиёсиеро кашф кард, ки онҳо то ҳадди зарурӣ таъминкунандаи манофеъи инфиродӣ ва дастҷамъии он бошанд. Дар миёни ин аносир накш ва мавқеи раъйпурсӣ ба сифати падидаи муҳими ҳуқуқи конститутсионӣ мавқеи хоса дорад, зеро маҳз ба василаи он шаҳрвандони кишвар имконияти изҳори андешаи худро оид ба масъалаи мавриди назар пайдо намуда, дар ҳалли сарнавишти хеш ва умури давлат мустқиман ширкат меварзанд.

Олими шӯравӣ К. Тахтерев менависад, ки «раъйпурсӣ дар худ як навъ рушди минбаъдаи мантиқии ҳуқуқҳои умумии интихобкунандагон, истифодаи овоздиҳии умумиро на фақат барои интихоби намояндагони матлуб, балки ҳамчунин барои интихоби қонунҳои матлуб ва чорабиниҳои матлуби ҳукуматӣ ифода менамояд»[10,64]. Дар низоми худидораи маҳаллӣ ба ҳамин маънӣ демократияи мустақим далолат мекунад. Раъйпурсӣ ҳамчун воситаи самаранок барои ифодаи

афкори ҷамъияти маҳаллӣ, механизми қабули санадҳои моҳиятан муҳим ва қарорҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси арзишҳои демократӣ баромад мекунад.

Бо дарназардошти аҳаммияти падидаи раъйпурсии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардан дар хусуси тавсифоти дараҷабандии қонунгузорӣ дар бораи раъйпурсии маҳаллӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар иҷлосияи IV-и Шӯрои вакилони халқии шаҳри Ленинобод аз 26-27-уми сентябри соли 1990 дастурамал оид ба тартиби гузаронидани раъйпурсӣ дар шаҳри мазкур «Оид ба иваз намудани номи шаҳр бо номи шаҳри таърихии Хуҷанд» тасдиқ карда шуд. Бо дастурамали мазкур муайян гардид, ки қарор оид ба гузаронидани раъйпурсӣ аз ҷониби шӯрои шаҳрии вакилони халқи шаҳри Ленинобод қабул карда мешавад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки санади номбурда фақат бо мақсади ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ оид ба масъалаи табдили номи Ленинобод ба Хуҷанд тасдиқ гардид.

Моҳияти мавзӯи раъйпурсӣ дар суоли зерин ифода меёфт: «Оё Шумо тағйири номи шаҳри Ленинободро ба шаҳри Хуҷанд ҷонибдорӣ менамоед?». Дар варақаҳои овоздиҳӣ, тибқи дастурамал, ду намунаи ҳалли мавзӯъ ворид карда шуда буд: «Барои Ленинобод» ва «Барои Хуҷанд»[8,99].

Мавриди зикр аст, ки «таҳиягарони ин дастурамал нисбат ба ворид намудани ду намунаи ҳалли мавзӯъ дар варақаҳои овоздиҳӣ нодуруст муносибат намуданд. Беҳтар он буд, ки аз рӯи масъалаи ба миён гузошташуда посуххои овоздиҳандагон –«ҳа» ё «не» (муқобил) баррасӣ карда мешуд, чуноне ки маъмулан дар рафти аксар раъйпурсиҳо ҳамин тавр амал менамоянд.

Дар баробари мавзӯи раъйпурсӣ дар дастурамал ҷанбаъҳои дигари марбут ба ташкил ва гузаронидани раъйпурсӣ муайян карда шуд, аз ҷумла:

- «талаботи умумии гузаронидани раъйпурсӣ;
- тарғибот оид ба гузаронидани раъйпурсӣ;
- омодагӣ ва гузаронидани раъйпурсӣ;
- баргузории овоздиҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои раъйпурсӣ;
- баҳсҳо ва арзу шикоятҳои марбут ба ташкил ва гузаронидани раъйпурсӣ;
- иҷрои қарорҳои раъйпурсӣ»[8,99].

Дар банди 4-и қисми 4-и ин дастурамал зикр ёфта буд, ки «қарор ба манфиати тағйири номи шаҳр дар раъйпурсӣ қабулгардида ҳисобида мешавад, агар ба ҷонибдории он аксарияти шумораи иштирокдорони овоздиҳӣ раъй дода бошанд» ва ҷумлаи дувуми банди мазкур бошад барои барпошуда эълон кардани раъйпурсӣ чунин меъёр пешбинӣ мекард: «нисфи овоздиҳандагон ва ҷамъ як овоз аз ҳисоби шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи иштирок кардан дар раъйпурсиро доранд». Мавриди зикр аст, ки «мантиқан дар ҳамаи раъйпурсиҳо барои эълон доштани он ки раъйпурсӣ доир мегардад, сараввал ҳиссаи аниқи (50%+1) иштирокдорон (кворум) муқаррар карда мешавад ва баъдан овозҳо барои қабули қарорҳо дар раъйпурсӣ. Тибқи ҳамин дастурамал низ муқаррар карда шуда буд: қарори раъйпурсӣ, ки майлу рағбати шаҳрвандони шаҳри Ленинободро инъикос менамояд, барои Шӯрои шаҳрии вакилони халқи Ленинобод хусусияти ҳатмиро дорост. Дар мавриди қабули қарор ба нафъи табдили номгузорӣ, шӯрои шаҳрӣ ин масъаларо ба Президиуми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд»[8,99].

Дар ҳамин асос дар моҳи январи соли 1991 раъйпурсии маҳаллӣ гузаронида шуд, ки дар он аксари шаҳриён ба ҷонибдории табдили номи Ленинобод ба Хуҷанд овоз доданд.

24 декабри соли 1990 дар Анҷумани вакилони халқи ИҶШС қонун «Дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ (раъйпурсии ИҶШС) қабул гардид». Тибқи қарори мазкур «тартиби ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ пешбинӣ нашуда буд, балки фақат дар банди 2 моддаи 8-и он қайд шуда буд, ки тартиби гузаронидани раъйпурсии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тибқи қонунҳои ИҶШС Р ва қонунҳои ҷумҳуриҳо муайян карда мешавад»[5].

Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми декабри соли 1991 қонун «Дар бораи овоздиҳӣ (раъйпурсӣ) қабул намуд, ки дар он зикр шуда буд: «Раъйпурсӣ - ин воситаи аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои хеле муҳимми давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ ва аҳаммияти маҳаллидошта мебошад»[6].

Тибқи ҳамин қонун муайян карда шуд, ки дар Тоҷикистон раъйпурсии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (дар ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудӣ) гузаронида мешаванд[5].

Дар асоси қарори мазкур мавзӯи раъйпурсии маҳаллӣ метавонад он масъалаҳое бошад, ки қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёри худидораи маҳаллии дахлдори воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ вогузор намудаанд.

Бо ҳамин қонун номгӯи масъалаҳо барои ворид намудан ба раъйпурсӣ мансубнабуда низ муайян карда шуд, аз ҷумла:

- «дар бораи бекор кардани қарорҳои қонунии мақомоти болоии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ;

- масъалаҳое, ки ба ихтиёри мақомоти судӣ ва прокуратура вогузор карда шудаанд;

- масъалаҳои марбут ба интихоби шахсоне, ки ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯрои маҳаллии вакилони халқ, мақомоти иҷроия ва мақомоти амрдиҳандаи он мансуб мебошанд[6].

Дар ин маврид ақидаи И. А. Старостинаро метавон ҷонибдорӣ намуд, ки «мавзӯи раъйпурсӣ метавонад масъалаҳое бошанд, ки тибқи қонунгузорӣ ба салоҳияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллӣ дар мавриде вогузор карда шудаанд, ки худи мақомоти мазкур имкон надоранд, оид ба масъалаҳои марбута қарор қабул намоянд»[9].

Мутаассифона, раъйпурсии маҳаллӣ ҳангоми амали қонуни мазкур гузаронида нашуд.

Дар қонуни айни замон амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 1995 бо тағйиру иловаҳояш аз соли 2008, раванди ташкили баргузории раъйпурсии маҳаллӣ ба танзим дароварда нашудааст.

Барои ҳалли масъалаҳои худидораи маҳаллӣ қабули санади махсуси меъёрии ҳуқуқии марбут ба гузаронидани раъйпурсӣ ба мақсад мувофиқ хоҳад буд, ки санади мазкур мафҳуми раъйпурсии маҳаллӣ, талаботи он, қоидаҳои гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ ва назорат оид ба гузаронидани онҳоро муайян намояд. Қабули чунин санад имкон медиҳад, на танҳо ба қонунгузориҳои амалкунанда тағйирот ворид карда шавад, балки ҳамчунин он барои такмили соҳа мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин, ворид намудани тағйирот ва иловаҳоро ба қонуни конститутсионии «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар қисматҳои ба танзимдарории ҳуқуқӣ, тартиби ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ

мувофиқи матлаб аст. Ҳамчунин пешниҳод менамоем, ки банди 5-и моддаи 10 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот тағйир дода шавад, ки дар он гуфта мешавад: «овоздиҳиро барои аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта таъин мекунад ва мегузаронад». Ҷумлаи мазкур ба ҷумлаи зерин иваз карда шавад: «Раъйпурсиро барои аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта таъин мекунад ва мегузаронад» [4]. Истифодаи раъйпурсии маҳаллӣ дар кишвар дар мавриде манфиатбахш хоҳад буд, ки агар: ин маърака дар асл маъракаи самараноки демократӣ ба шумор равад, аз ҷониби табақаҳои васеи аҳолии худидораи маҳаллӣ пазируфта шавад ва дастгирӣ ёбад; ҳадафи равшан ифодаёфтаи башардӯстона ҳангоми қабули қарорҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ дошта бошад; ва ниҳоят, агар тамоми шароитҳои зарурии ташкилӣ-техникӣ ва дигар имкониятҳо барои омодагӣ ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ фароҳам оварда шаванд.

Дар маҷмӯъ, раъйпурсии маҳаллӣ яке аз шаклҳои олии демократияи мустақим дорои як қатор арзишҳо мебошад:

- ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки оид ба мавзӯи раъйпурсии маҳаллӣ изҳори ақида намоянд;
- барои тарбияи сиёсӣ- ҳуқуқии аҳолии худидораи маҳаллӣ хизмат мерасонад;
- ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ғояҳои навро ба мақомоти худидораи маҳаллӣ пешниҳод намоянд;
- ба рушди худидораи маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Раъйпурсии маҳаллӣ ҳамчун унсури ҷудонопазири демократия шакли муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки афкори ҷамъиятиро оид ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ муайян мекунад.

Дар ин ҳолат ба назари мо роҳи беҳтарини ҳалли ин мушкилот раъйпурсии маҳаллӣ – шакли бевоситаи изҳори иродаи халқ аст, ки он хислати ҳатмиро доро мебошад. Гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ дар Тоҷикистон метавонад омили фаъолгардонии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ бошад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи овоздиҳии халқӣ (референдум)// Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1992.-№3. –Мод. 34.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №7-8, мод.503; соли 2012,№4,мод.277; №8,мод.833;соли 2015,№11,мод.964; соли 2017,№5,мод.288.
3. Қонуни ИҶШС дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ (референдум)// Известия. 1990.- Январ.
4. Закон Республики Таджикистан об органах самоуправления посёлков и сёл. // Действующий закон. Дата принятия: 05. 08. 2009 г. № 549.// [Захираи электронӣ]URL: http://base.mmk.tj. …
5. О всенародном голосовании (Референдуме СССР): Закон СССР //Известия. - 1991. - 25 ноября.

6. О народном голосовании (референдуме) Республики Таджикистан: Закон Республики Таджикистан //Ахбори Шурои Оли Республики Таджикистан. - Душанбе, 1992. - № 3. - Ст.34.
7. А.И. Имомов Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ.Нашри чорум. Бо тағйироту иловаҳо. Душанбе. 2017. –С.756.
8. Гадоев Б.С. Конституционно-правовые институты непосредственной демократии в Республике Таджикистан.– Типография ТНУ. – Душанбе, 2014. – 222 с.
9. Старостина И.А. Законодательные новеллы в регулировании вопросов референдума субъектами Российской Федерации. //Конституционное законодательство субъектов РФ: проблемы совершенствования и использование в преподавании: материалы научной конференции 25–27 марта 1999 г./Отв.ред. проф. С.А.Авакьян. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1999. – С.120.
10. Тахтарев К. Тахтарев, К.М. От представительства к народовластию / К.М. Тахтарев. – СПб., 1907. – С. 164.

## КОНСТИТУЦИОННЫЕ ПРАВА ГРАЖДАН И ИХ ВОЛЕИЗЪЯВЛЕНИЕ В СИСТЕМЕ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
старший преподаватель кафедры права и сравнителное права
Академии государсвенного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*В данной статье анализируются вопросы конституционных прав граждан и их волеизъявления в системе местного самоуправления. Его всестороннее изучение и анализ стали реальной необходимостью. В связи с тем, что вопрос о голосовании в системе местного самоуправления является важным и актуальным вопросом, он привлек внимание многих социологов.*
***Ключевые слова:*** *право, конституционное, голосование, уровень, система, государственные органы, гражданское общество, проблема, местное.*

## CONSTITUTIONAL RIGHTS OF CITIZENS AND EXPRESSION OF THEIR WILL IN THE SYSTEM OF LOCAL SELF-GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**OLIMZODA DAVLATMUROD ABDULKHAIR,**
Senior Lecturer of the Department of Law and Comparative Law,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Dushanbe, 33Said Nosira str.
E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*This article analyzes the issues of constitutional rights of citizens and the expression of their will in the system of local self-government. Its comprehensive study and analysis has become a real necessity. Due to the fact that the issue of voting in the system of local self-government is important and topical, it has attracted the attention of many sociologists.*
***Key words:*** *law, constitutional, voting, level, system, state authorities, civil society, issue, local.*

УДК: 349.422.

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕРОСӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШ БА ТАРТИБИ МЕРОСГУЗОРИИ ЗАМОНИ ШӮРАВӢ

**РАҲИМОВ ИЛҲОМ МАҲМАДОВИЧ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.:(+992) 934-08-43-22. E-mail : ilhom@mail.ru

*Масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии меросӣ вобаста ба хусусиятҳои худ дар ҳар давру замон гуногун ба чашм мерасид. Ин ҳолат давраҳои гуногуни ташаккули қонунгузорӣ ва рушди ин падидаро ба вуҷуд овардааст, ки таҳлили хусусиятҳои алоҳидаи ҳар яке аз ин давраҳо аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.*

*Мақолаи мазкур маҳз ба таҳлил ва баррасии махсусияти яке аз давраҳои ташаккули қонунгузории меросӣ ва падидаи мерос бахшида шудааст, ки асосан баъзе аз масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меросӣ дар давраи гузариш ба тартиби меросгузории замони шӯравиро дар бар мегирад. Дар он оид ба сарчашмаҳои танзими амалии муносибатҳои меросии замони шӯравӣ маълумоти дақиқ дода шудааст. Инчунин, навбати меросгузории ворисон мавриди таҳлил қарор дода шуда, нуқтаҳои назари олимон ва муҳаққиқон вобаста ба мавзӯи мазкур таҳлилу баррасӣ гардидааст.*

*Баъди ғалабаи инқилоби халқӣ-демократии Бухоро як қатор санадҳои меъёрие қабул гардиданд, ки ба асосҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқи меросӣ тағйиротҳои муайян ворид намуд. Танзими муносибатҳои ҳуқуқи меросӣ эътибори худро бо як қатор маҳдудият то замони шӯравӣ оид ба мерос нигоҳ дошт. Меъёрҳои ҳуқуқи мусалмонӣ ва қисман ҳуқуқи одатӣ (одатҳои ҳуқуқӣ) дар Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ таъсири худро нигоҳ медоштанд.*

*Меросгузорӣ ба шумули он институтҳое дохил мешавад, ки дар он махсусан анъанаҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ асоснокии мавҷуд будани фарқиятро дар соҳаи ҳуқуқи меросӣ нигоҳ медорад.*

***Калидвожаҳо:*** *кодекси граждании ҶФШСР, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, ҳуқуқи меросӣ, мерос, меросгузорӣ, ворис, фарзандон, фарзандхоншудагон, ҳамсарон, падару модари ғайриқобили амал ва дигар шахсони ғайри қобили амал.*

Баъди ғалабаи Инқилоби Сотсиалистии Октябр муносибатҳои меросӣ бо дарназардошти талаботи замони инқилобӣ рушд ёфт. Декрети КИМУ аз 27 (14) апрели соли 1918 “Дар бораи бекор кардани меросгузорӣ”[1.456] , яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим дар доираи чораҳои умумие, ки Давлати Шӯравӣ дар ҷараёни дигаргуниҳои куллии гузаронидашуда анҷом дод ба ҳисоб рафта, ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонд. Новобаста аз номи худ Декрет “Дар бораи бекор кардани меросгузорӣ”, меросгузориро пурра бекор накард, танҳо меросгузории моликияти хусусии капиталистиро барҳам дод.

Бояд қайд намоем, ки қаламравӣ ҳозираи Тоҷикистон қисман дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии халқии Бухоро (Тоҷикистони марказӣ, ҷанубӣ ва ВМКБ) ва қисми дигараш дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Туркистон (шимоли Тоҷикистон) дохил мешуд. Татбиқи санадҳои меъёри ҳуқуқии қабулкардаи Давлати Шӯравӣ дар ин ҷумҳуриҳо бо дарназардошти шароити маҳаллӣ қисман амал мекард ё ин ки мавриди амал қарор дода намешуд.

Баъди ғалабаи инқилоби халқӣ демократии Бухоро соли 1920 ҳукумати ҶШХБ як қатор санадҳои меъёрие қабул намуд, ки ба асосҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқи

меросӣ тағйиротҳои муайян ворид намуд. Вале дар ҳудуди Ҷумҳурии Шӯравии халқии Бухоро (ҶШХБ) ва минбаъд ҶШАС Тоҷикистон, ки ба ҳайати он Тоҷикистони маркази ва ҷанубӣ дохил мешуд, Декрети КМИУ ҶШСФР аз 27 апрели соли 1918 "Дар бораи бекор кардани меросгузорӣ" мавриди амал қарор дода нашуд.

Дар баробари онҳо эътибори худро бо як қатор маҳдудиятҳо қисми зиёди қонунгузории то инқилобӣ оид ба мерос нигоҳ дошт. Ин зарур буд, зеро меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва қисман ҳуқуқи одатӣ (одатҳои ҳуқуқӣ) ҳоло дар Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ таъсири худро нигоҳ медоштанд. Меросгузорӣ ба шумули он институтҳое дохил мешавад, ки дар он махсусан анъанаҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ асоснокии мавҷуд будани фарқиятро дар соҳаи ҳуқуқи меросӣ нигоҳ медорад. Низомнома "Дар бораи судҳои қозигӣ" аз 2 апрели соли 1926 тахти рақамӣ № 60, ки бо қарори Ревкоми ҶШАС Тоҷикистон қабул карда шуда буд, зарурияти нигоҳ доштани судҳои шариатиро дар ҳудудӣ ҷумҳурӣ асоснок намуда, дар ихтиёри судҳои зикршуда нигоҳ доштани парвандаҳои гражданиро оид ба никоҳ, васигӣ, мерос ва ғ. пешбинӣ менамуд [2.386].

Дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Туркистон (Шимоли Тоҷикистон ба ҳайати он дохил мешуд) бо Амри Шӯрои муваққатии халқии Туркистон №21 аз 8 феврали соли 1918 эълон карда шуд, ки то қабули қонунҳо аз тарафи Маҷлиси муассисони Умумироссиягӣ ва Туркистонӣ ва нашри онҳо, дар ҳудуди Туркистон шариат, ҳуқуқи одатӣ ва қарорҳои Ҳокимияти муваққатии Ҷумҳурии Россия, ки ба талаботи демократӣ, автаномӣ ва федератсия мухолиф нестанд, инчунин қарор ва фармоишҳои Ҳукумати муваққатии Туркистон ва қарорҳои ҳатмии муассисаҳои маҳаллӣ ва шаҳрӣ, ки барои бо зуддӣ ташкил намудани онҳо муассисаҳои шаҳрвандӣ, ҳукуматӣ ва шахсонӣ мансабдор даъват намудаанд, амал менамоянд.

Аз 7 ноябри (25 октябри) соли 1917 то 27 апрели соли 1918 дар Россияи Шӯравӣ санади меъёрии махсус дар бораи мерос қабул карда нашуда буд. Ҷавоб ба саволе, ки дар ин давра ҳангоми пайдошавии масъалаҳои мерос талаботи кадом санади меъёрӣ бояд ба инобат гирифта шавад дар Декрет оид ба суд №1 аз 7 декабри (22 ноябри) соли 1917 дода шуда буд. Тибқи он ҳангоми ҳаллӣ баҳсҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар ин давра судҳо бояд декретҳои Ҳокимияти Шӯравиро ба роҳбари гиранд. Ҳамзамон, татбиқи қонунҳои то инқилобиро дар он қисме амали намоянд, ки агар онҳо аҳамияти худро гум накарда бошанд ва "ба виҷдонӣ инқилобӣ ва шуурнокии инқилобӣ мухолиф набошанд" [3.5]. Минбаъд Қарори КМИТ № 6163 аз 9 июли соли 1919 қабул карда шуд, ки тибқи он дар ҳудуди Туркистон амали декрети КМИУ ҶШСФР аз 27 апрели соли 1918 "Дар бораи бекор кардани меросгузорӣ", Дастурамал дар бораи тартиби амалӣ декрет "Дар бораи бекор кардани меросгузорӣ" ва як қатор қонунҳо ва декретҳои ҶШСФР раво дониста шуд.

Дар моддаи 1 Декрети КМИУ қайд карда шуда буд, ки "Меросгузорӣ ҳам аз рӯи қонун ва ҳам аз рӯи васият бекор карда мешавад". Тибқи муқаррароти мазкур Декрет ҳуқуқи меросӣ буржуазиро бекор кард ва тартиби навъи меросгузории моликияти меҳнатиро муқаррар намуд. Тибқи моддаи 2 Декрат "минбаъд то қабули декрети таъминоти иҷтимоии умумӣ, ҳамаи муҳтоҷон (яъне, шахсоне, ки ҳадди камтари маблағи рӯзгузаронӣ надоштанд), хешовандони ғайри қобили амал аз рӯи пушти падарию модарӣ, бародарҳо ва хоҳарони хунӣ ва угай, инчунин ҳамсари фавтида аз ҳисоби молумулки меросмондаи шахси фавтида таъмин карда мешаванд". Тибқи моддаи 5 Декрет молумулки шахси фавтида бояд ба ихтиёри шӯрои маҳаллие мегузашт, ки ба воситаи он, аз арзиши молумулки шаҳрванди фавтида нигоҳбини

шахсони ғайриқобили амалӣ дар моддаи 2 номбаршуда таъмин карда мешуданд[4. 20-25].

Қайд карда мешуд, ки “агар молумулки шахси фавтида аз 10 ҳазор рубли тиллоӣ зиёд набошад, ва аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ, асбобу анҷоми рӯзгор ва воситаҳо истеҳсолоти хоҷагии меҳнатӣ дар шаҳр ва деҳот иборат бошад, онҳо ба идоракунии бевосита ва ихтиёрдории ҳамсари мавҷуда ва хешовандоне, ки дар м.2 Декрет номбаркардашуда мегузарад (м.9). Ин моҳиятан институти меросро ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ барҳам дод. Дар адабиёт қайд карда шуд, ки декрети мазкур шакли ҳуқуқи хусусии таъминоти иҷтимоии муҳтоҷон ва хешовандони наздики ғайри қобили амалӣ шахси фавтида мебошад[5. 4-5, 14-15].

Аҳамияти таърихии Декретӣ зикршударо баҳо дода, бояд эътироф намоем, ки вай дар ҳуқуқи анъанавии меросӣ табадулотро бавуҷуд овард. Муқарраротҳо дар бораи барҳам додани мероси моликияти хусусии капиталистӣ, бекор кардани мерос аз рӯи васият, муқаррар кардани ду тартиби меросгузорӣ (моддаи 2-барои оилаҳои ғайримеҳнатӣ ва моддаи 9-барои оилаҳои меҳнатӣ), характери меҳнатии молу мулк қабулкунӣ, тартиби ягона меросгузорӣ барои оилаҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ ва ғайра дар Декрет мустаҳкам карда шуда буданд.

Аз 1-уми январи соли 1923 аввалин Кодекси гражданӣ ҶФШСР, ки сессияи чоруми КМИУ 31-уми октябри соли 1922 [6.423] тасдиқ намуд, мавриди амал қарор дода шуд. Қабули ин санади кодификатсия кардашуда ва аз 1 январи соли 1923 мавриди амал қарор додани он боиси беъэтибор донистани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии пеш дар бораи мерос қабулкардашуда гардид. Вале дар таҷриба фавран амали намудани қонунҳои гражданӣ ҳам дар шароити Россия ва ҳам Туркистон ( аз ҷумла Тоҷикистони то Инқилоби Октябр муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буд) ғайриимкон буд. Бо ҳамин сабаб Президиуми КИМ Шӯроҳои Ҷумҳурии Туркистон қарорро дар бораи аз 1 январи соли 1923 дар ҳудуди ҶШСА Туркистон мавриди амал қарор додани КГ ҶШСФР қабул намуда, ҳамзамон Ҷумҳурии Туркистонро вазифадор намуд, ки бо дарназардошти шароити маҳаллӣ тағйирот ва иловаҳои заруриро таҳия намуда, бо пешниҳодҳо барои тасдиқ муроҷиат намояд.

Ҳамин тавр, танзими минбаъдаи муносибатҳои меросӣ дар Шимоли Тоҷикистон, ба монанди ҳамаи Ҷумҳурии Туркистон дар асосӣ КГ ҶШФСР соли 1922 сурат гирифт.

Кодекси граждании соли 1922 инчунин имконияти фармоиши васиятиро дар ҳолати фавт иҷозат медод. Дар ин маврид доираи фармоиши васиятӣ аниқ муқаррар карда шуда, дар он меросгузор метавонист молумулки худро бе вайрон кардани ҳолати молумулкии оила ихтиёрдорӣ намояд. Маҳдудияти асосии озодии ихтиёрдори кардани васият, ки Кодекси гражданӣ муқаррар карда буд, аз он иборат буд, ки тибқи он васият кардан ба манфиати шахсони бегона ҳатто ҳангоми набудани ворисон аз рӯи қонун манъ буд. Тибқи моддаи 422 КГ васияткунанда ҳуқуқ дошт ҳама ё баъзе ворисонро аз рӯи қонун аз мерос маҳрум намояд ва ҳиссаи ворисонро бо дарназардошти худ ба ҷойи ҳиссаҳои баробаре, ки дар моддаи 420 Кодекси гражданӣ пешбини карда шуда буд, муқаррар намояд.

Кодекси граждании соли 1922 танҳо як намуди васият, ин ҳам бошад хаттиро пешбинӣ менамуд. Меросгузорӣ аз рӯи қонун дар ҳолати набудани васият ҳам мавҷуд буд. Ҷавобгарии ворисонеро, ки дар баробари давлат молумулки бесоҳибро қабул намуда буданд аз рӯи қарзҳои меросдиҳанда дар доираи арзиши воқеии ҳамаи молумулки меросӣ маҳдуд менамуд (м. 434 КГ). Бо хоҳиши ворисон суди халқӣ шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи ворисиро медод (м.435 КГ).

Ифодаи волои қонунии худро ҳуқуқи меросии Шӯравӣ дар моддаи 10 Конститутсияи ИҶШС соли 1936 [7.386] ва моддаи 10 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937 [8. 749-768] ёфта буд. Моддаҳои мазкур эълон намуданд, ки ҳуқуқи шахсии шаҳрвандон ба даромадҳои меҳнатӣ ва пасандозҳои онҳо, хонаи истиқоматӣ ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ба предметҳои истеъмолии шахсӣ ва асбобу анҷом, ҳамзамон ҳуқуқӣ меросгирии моликияти шахсии шаҳрвандонро қонун ҳифз менамояд. Ҳамин тавр, меросгузорӣ ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд эълон карда шуд. Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ зарурияти фаврии содда кардани шакли васияти хизматчиёни ҳарбӣ ба вуҷуд омад. Тибқи қарори ШКХ ИҶШС аз 15 сентябри соли 1942 “Дар бораи тартиби тасдиқи ваколатномаҳо ва васиятҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар давраи ҷанг” [9.67], ба васияти бо таври нотариалӣ ба расмият даровардашуда, васияти хизматчиёни ҳарбӣ, ки аз тарафи фармондеҳони баъзе қисмҳои ҳарбӣ тасдиққардашуда буданд, баробар дониста шуд. Васияти хизматчиёни ҳарбие, ки дар беморхонаҳои ҳарбӣ табобат мегирифтанд аз тарафи сардорони беморхонаҳои ҳарбӣ тасдиқ карда мешуд. Бо фармони Призидиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 10 майи соли 1942 “Дар бораи боҷи давлатӣ” [10.№13] ва қарори ШКХ ИҶШС “Дар бораи меъёри боҷи давлатӣ” аз 29 апрели соли 1942 [11.71] андозаи боҷе, ки барои шаҳодатнома дар бораи меросгузорӣ гирифта мешуд тағйир дода шуд. Бо фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 9 январи соли 1943 [12. №3]. андоз аз молумулке, ки бо тартиби меросгузорӣ ва тухфа мегузашт бекор карда шуда, инчунин оид ба боҷи давлатӣ ворисони шахсе, ки ҳангоми ҳимояи ватан фавтидаанд, имтиёзҳо муайян карда шуд.

Нақши муҳимро дар таърихи институти ҳуқуқи меросӣ фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 14 марти соли 1945 “Дар бораи меросгузорӣ аз рӯи қонун ва аз рӯи васият” [13. №15] иҷро намуд. Марги оммавии одамон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ зарурияти васеъ кардани доираи ворисон аз рӯи қонунро бавуҷуд овард. Бо ҳамин сабаб ба шумораи ворисон падару модарон, бародарон ва хоҳарони меросгиранда дохил карда шуд. Тибқи он навбати меросгирии ворисон муқаррар карда шуд. Ворисон аз рӯи қонун ба се навбат ҷудо карда шуданд:

1)Ба ворисони навбати аввал фарзандон, аз он ҷумла, фарзандхоншудагон, ҳамсарон, падару модари ғайриқобили амал ва дигар шахсони ғайри қобили амал, ки дар нигоҳбини фавтида буданд, дохил мешуданд;

2)Ҳангоми набудани ворисони навбати аввал ба меросгирӣ ворисони навбати дуюм, аз ҷумла падару модари қобили амал даъват карда мешуд;

3)Ҳангоми набудани ворисони навбати дуюм ба меросгирӣ ворисони навбати сеюм-бародарон ва хоҳарони меросгузоранда даъват карда мешуданд. Мерос бояд дар байни ворисони навбатҳои дахлдор бо ҳиссаи баробар тақсим карда мешуд. Фармон то дараҷае доираи озодии васиятро (ҳангоми набудани ворисон аз рӯи қонун) бо додани ҳуқуқи васияти молу мулк ба ҳамаи шахсон васеъ намуд. Дар ин ҳолат васияткунанда наметавонист, ки фарзандони нобилиғи худ ва дигар хешовандони ғайриқобили амалро аз ҳиссае, ки ҳангоми меросгузорӣ аз рӯи қонун ба онҳо тааллуқ дошт маҳрум созад.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 декабри соли 1963 қабул карда шуда ва аз 1 январи соли 1965 мавриди амал қарор дода шуд [14. 75].

Фасли 7 Кодекси гражданӣ ба ҳуқуқи меросӣ бахшида шуда буд. Вай аз низоми иқтисодии мавҷудбудаи ҳамонвақта сарчашма мегирифт, ки моликияти давлатӣ асоси онро ташкил медод. Ҳифзи моликияти шахсии шаҳрвандон ва ҳуқуқи меросгирии онҳо дар моддаи 13 Конститусияи ИҶШС ва моддаи 13 Конститусияи ҶШС Тоҷикистон мустаҳкам карда шуда буд. Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон ҳамаи

муқарроротҳои асосҳои қонунгузории граждании умумиитифоқиро дар худ ифода намуда онро бо дарназардошти мазмуни асосии асосҳои қонунгузорӣ инкишоф ва мушаххас намуд.

Шаҳрвандоне, ки метавонанд ворис (меросгиранда) бошанд дар моддаи 524 КГ ҶШС Тоҷикистон муайян карда шуда буданд. Ба ҳайси шаҳрвандони меросгиранда метавонистанд шаҳрвандонӣ Шӯравӣ, хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд баромад намоянд. Доираи шахсоне, ки аз рӯи қонун ворисони ҳуқуқӣ шуда метавонистанд шаҳрвандоне ба ҳисоб мерафтанд, ки дар лаҳзаи фавти васияткунанда зинда буданд, инчунин фарзандони пас аз марги ӯ таваллудшуда. Ҳангоми мерос аз рӯи васият бошад шаҳрвандоне ворис буда метавонистанд, ки дар лаҳзаи марги шахси фавтида дар ҳаётанд, инчунин шахсоне, ки дар ҳаёт будани шахси фавтида дар батни модаранд ё пас аз марги он таваллуд шудаанд.

Ворисон аз рӯи қонун шахсоне шуда метавонистанд ки пас аз фавти васияткунанда ҳуқуқ ба мерос доштанд ва тибқи қонун ба мерос даъват карда мешуданд (м.526 КГ ҶШС Тоҷикистон). Рӯйхати ин шахсон дар моддаи зикршуда нишон дода шуда буд.Бо сабабе, ки ба ин шахсон молумулки васияткунанда дар асоси қонун мегузашт барои ҳамин ҳам ворисони қонунӣ номида мешуданд. Қонунгузор доираи ворисонро муқаррар намуда, онро дар назар дошт, ки ба категорияи шахсони мазкур васияткунанда пеш аз ҳама ба меросгирӣ онҳоеро даъват намояд, ки ҳангоми дар ҳаёт будани худ нисбат ба онҳо иродаи худро ифода накарда буд. Ин фарзия бар он асос меёфт, ки доираи ворисон аз рӯи қонун аз шахсоне иборатанд, ки бо шахси фавтида дар муносибатҳои наздики хешӣ, никоҳ қарор доштанд, яъне аксар вақт онҳое, ки бо васияткунанда як оиларо ташкил мекарданд. Ба онҳо ҳамсарон, фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, бобою бибӣ дохил мешуданд. Ба ғайр аз ин хешовандон, ба доираи ворисон аз рӯи қонун метавонистанд (бо будани баъзе шартҳо) хурандагони шахси фавтида, гарчанде ки онҳо ба ӯ робитаи хешӣ надоштанд, вале воқеан дар ҳайати оилаи Ӯ буданд, дохил мешуданд.

Бояд қайд намоем, ки қобилияти меросгир будан ба мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандон дохил мешавад ва то охири умра ба онҳо нигоҳ дошта мешавад. Ҳамзамон қонун шартҳоеро муқаррар менамояд, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо шаҳрванд аз ҳуқуқи гирифтани мерос бо сабаби рафтори ношоистаи худ маҳрум карда мешуданд.

Дар моддаи 525 Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аввалин маротиба бо таври қонунӣ аз ҳуқуқӣ мерос гирифтан дар ҳолати аз тарафи ворис содир намудани ҷинояти вазнин нисбат ба меросгузор ё ягон ворисони он ба танзим дароварда шуд. Тибқи он шахсоне, ки дар ҳаққи меросдиҳанда, ё дар ҳаққи ягон касе аз ҷумлаи меросхӯрони Ӯ ҷинояти вазнин содир намудаанд, агар ин ҷиноят ба ҳукми ба қувваи қонун даромадаи судӣ тасдиқ гардида бошад, на аз рӯи қонун ва аз рӯи васият мерос гирифта наметавонистанд. Ҳамзамон дар қисми 2 моддаи мазкур омада буд, ки падару модаре, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шуда ва ин ҳуқуқҳояшон барқарор нашудаанд, пас аз вафоти фарзандонашон аз рӯи қонун мерос гирифта наметавонанд. Инчунин, падару модарон ё фарзандони болиғ, ки аз иҷрои ӯҳдадориҳои ба таъмин намудани меросдиҳанда, ки онҳоро қонун ба зиммаашон гузоштааст, қасдан саркаши кардаанд, агар ин ҳолатҳо бо тартиби судӣ исбот шуда бошанд, аз рӯи қонун низ мерос гирифта наметавонистан.

Ворисони қонунӣ ба мерос на ҳамаашон дар як вақт, балки бо тартиби навбати муайян ба мерос даъват карда мешуданд. КГ ҶШС Тоҷикистон дар фарқият ба қонунҳои то қабули он амалкунанда ду навбати ворисиро аз рӯи қонун пешбинӣ намуд.

Ба ворисони навбати аввал фарзандони васияткунанда (аз ҷумла кӯдакони фарзандхондшуда), ҳамсар ва падару модар (фарзандхондагон) -и дар ҳаёт будаи шахси фавтида, инчунин кӯдаки шахси фавтида, ки пас аз фавташ зинда ба дунё омадаанд дохил карда шуданд.

Ба навбати дуввуми ворисон бародарон ва хоҳарон шахси фавтида, бобою бибӣ ҳам аз ҷониби падар ва ҳам модар дохил карда шуданд.

**Адабиёт**


1. СУ РСФСР.1918-№34.-С.456.
2. Центральный государственный архив (ЦГА) Тадж. ССР. -С. 386.
3. СУ РСФСР, 1917, №4, -С.5.
4. Антимонов Б. С., Граве К. А. Советское наследственное право -М., 1955. -С.25-26.
5. Серебовский В. И. Наследственное право. Комментарий к ст. 416- 435 ГК РСФСР . -С. 4 - 5; Орловский П. Е. Некоторые вопросы закондательства о наследовании. -/Советское государства и право, 1936, № 2. –С. 63; Райхель М. Право наследования.-/ Советская юстиция, 1937, №5.- С.14 -15.
6. СУ РСФСР.1922-№36.-С.423.
7. Конституция (Основной Закон) СССР.-М., 1953.
8. Съезди Советов (в документах), 1923-1937г.-М.,1965, Т.7. -С.749-768.
9. СП СССР.1945. -№5. С.67.
10. Ведомости Верховного Совета СССР. -1942. -№13.
11. СП СССР.1942. -№4. -С.71.
12. Ведомости Верховного Совета СССР. -1943. -№3.
13. Ведомости Верховного Совета СССР. -1945. -№15.
14. Гражданский кодекс Таджикиский ССР.-Душанбе, Ирфон,1964. -С.75.


## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ НАСЛЕДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ В ПЕРИОД ПЕРЕХОДА К ПОРЯДКУ НАСЛЕДОВАНИЯ СОВЕТСКИХ ВРЕМЕН


**РАХИМОВ ИЛХОМ МАХМАДОВИЧ,**
ассистент кафедры административного права и государственой службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
г.Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 934-08-43-22. E-mail: ilhom@mail.ru


*Вопросы, связанные с правовым регулированием наследования, в разные периоды менялись в зависимости от их особенностей. Сложившаяся ситуация привела к появлению разных этапов формирования законодательства и развития этого явления, и анализ отдельных особенностей каждого из этих периодов имеет большое научное и практическое значение.*

*Данная статья посвящена анализу и рассмотрению специфики одного из периодов становления наследственного законодательства и феномена наследования, который в основном охватывает некоторые вопросы правового регулирования наследственных отношений в период перехода к советской эпохе. В ней представлена подробная информация об источниках практического регулирования наследственных отношений советской эпохи. Также проанализирован порядок наследования наследников и рассмотрены точки зрения ученых и исследователей на эту тему.*

*После победы народно-демократической революции в Бухаре был принят ряд нормативных актов, внесиших определенные изменения в основы регулирования*

*наследственного права. Регулирование наследственных правоотношений сохраняло свою силу с рядом ограничений наследования до советских времен. Нормы мусульманского права и отчасти обычного права (правовые обычаи) остались в силе в центральном и южном Таджикистане.*

*Наследование входит в число институтов, в которых национальные, исторические и культурные традиции, в частности, сохраняют действительность различий в области права наследования.*

***Ключевые слова:*** *Гражданский кодекс РСФСР, Гражданский кодекс Республики Таджикистан, нормативно-правовые акты, наследственное право, наследство, наследование, наследники, дети, приемные дети, супруги, недееспособные родители и другие недееспособные лица.*

## LEGAL REGULATION OF HEREDITARY RELATIONS DURING THE TRANSITION TO THE ORDER OF INHERITANCE OF THE SOVIET PERIOD

**RAHIMOV ILHOM MAHMADOVICH,**
assistant of Administration Law and Civil Service Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republis of Tajikistan.
734003 Republis of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 934-08-43-22, E-mail : ilhom@mail.ru

*Issues related to the legal regulation of inheritance changed at various time depending on their characteristics. The current situation has led to different stages of the formation of legislation and the development of this phenomenon, and the analysis of individual features of each of these periods has great scientific and practical importance.*

*This article is devoted to the analysis and consideration of the specifics of one of the periods of the formation of hereditary legislation and the phenomenon of inheritance, which mainly covers some issues of legal regulation of hereditary relations during the transition to the Soviet era. It provides detailed information on the sources of practical regulation of hereditary relations of the Soviet era. There is also analyzed the order of inheritance of heirs and considered the views of scientists and researchers on this topic.*

*After the victory of the people's democratic revolution in Bukhara, a number of normative acts were adopted that introduced certain changes to the foundations of the regulation of inheritance law. The regulation of hereditary legal relations remained in force with a number of inheritance restrictions until Soviet times. The norms of Muslim law and partly customary law (legal customs) remained in force in central and southern Tajikistan.*

*Inheritance is one of the institutions in which national, historical and cultural traditions, in particular, preserve the validity of differences in the field of inheritance law.*

***Key words****: Civil Code of the RSFSR, Civil Code of the Republic of Tajikistan,normative legal regulations, inheritance law, inheritance, inheritance, heirs, children, adopted children, spouses, disabled parents and other disabled persons.*

УДК: 347

# СУЩЕСТВЕННЫЕ УСЛОВИЯ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО КРЕДИТОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ХАУТОВ ГЕОРГИЙ МУРАТОВИЧ,**
преподаватель кафедры предпринимательского права
Российско-Таджикского (Славянского) университета
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Ул. М. Турсунзаде, 30.
Тел.: (+992)555-59-55-53. E-mail: g.khautov@mail.ru

*В современном мире доступ к кредитным отношениям является основой для построения полноценного гражданского общества. Доступ к денежным средствам для самореализации может возникнуть у любого субъекта, участвующего в гражданских правоотношениях. В частности, в последнее время набирает популярность кредитование физических лиц, при котором организации, обладающие особым правовым статусом (кредитные организации), выдают кредиты физическим лицам, на использование их только на целевую основу, а именно на личные нужды, семейные нужды, бытовые. Данное направление кредитования стало особо популярным в Таджикистане на фоне короновирусной инфекции и отсутствием у населения способности удовлетворить свои индивидуальные нужды. Развитие кредитования физических лиц, также способствует росту экономики государства за счет увеличения покупательной способности населения.*

***Ключевые слова:*** *банк, банковская система, потребительский кредит, банковские операции.*

При необходимости получения денежных средств у кредитных организаций с физическим лицом заключается договор потребительского кредита.

Потребительский кредит имеет схожие черты с другими договорами кредитования, но и имеет собственные особенности, которые выделяют его на фоне других договоров. Так, в качестве примера, обратимся к сайту двух кредитных организаций, осуществляющих услуги по осуществлению потребительского кредитования. ЗАО «Хумо», которая выдает потребительские кредиты гражданам РТ достигшим 20-летнего возраста, и в качестве залога для данного кредита указывается недвижимое имущество. Следующей организацией осуществляющей услуги потребительского кредитования является ОАО «Тоджиксодиротбанк», которое также выдает потребительские кредиты лицам, достигшим 20-летнего возраста, но в качестве залога требует «благородные металлы (золото)». В целом установление возраста для получения потребительского кредита устанавливается самим банком, так как правовой основы для установления возрастной планки в законодательстве Республики Таджикистан нет.

В целом упоминание потребительского кредитования, указывается в Законе Республики Таджикистан от 19 мая 2009 года, № 524 «О банковской деятельности», а именно в статье 3 Банковские операции и другие сделки кредитных организаций.

К банковским операциям относятся:

- привлечение депозитов и сбережений;
- выдача кредитов (обеспеченных и необеспеченных), в том числе:

а) потребительские, ипотечные и межбанковские кредиты;

б) факторинг;

в) форфейтинг;

- открытие и ведение банковских счетов;
- купля и продажа для себя или клиентов средств

В соответствии со статьей 839 Гражданского кодекса Республики Таджикистан указывается, что:

1. По кредитному договору одна сторона - банк или иная кредитная организация (кредитор) обязуется предоставить денежные средства (кредит) другой стороне (заемщику) в размере и на условиях, предусмотренных договором, а заемщик обязуется возвратить полученную денежную сумму и уплатить проценты на нее.

2. В случаях, когда в соответствии с законодательством допускается осуществление кредитования коммерческими организациями, не являющимися кредитными организациями, правила о кредитном договоре применяются к отношениям по кредитованию, осуществляемому такими коммерческими организациями.

3. К отношениям по кредитному договору применяются правила настоящего Кодекса о договоре займа, если иное не предусмотрено правилами настоящего параграфа и не вытекает из существа кредитного договора.

Частично, потребительские отношения закрепляются в Законе Республики Таджикистан от 9 декабря 2004 года, № 72 «О защите прав потребителей».

Развитие потребительского кредитования в Республике Таджикистан находится на самых ранних стадиях, отсутствует четкое определение понятия потребительского кредита, используются общие условия, которые установлены для заключения кредитных договоров. По нашему мнению, существует необходимость в использовании опыта Российской Федерации для развития потребительского кредитования в Республике Таджикистан. А именно, нормы федерального закона «О потребительском кредите (займе)» от 21.12.2013 г., N 353-ФЗ [3. С.21-23].

В Законе прописаны основные условия и рамки, которые способствуют развитию потребительского кредитования в Российской Федерации и устанавливают барьеры для кредитных организаций для защиты прав заемщиков потребительских средств [1. С. 396-399].

На сегодняшний день кредитные организации Таджикистана имеют правовую свободу в области установления условий для заключения договора потребительского кредита. А именно, возможность включать в договор условия о страховании заемщика, изменение процентной ставки по выплате потребительского кредита, установление дополнительных плат за использование банковского счета, кабальные условия при возврате кредита досрочно и т.д.

По нашему мнению, при принятии нового закона «О потребительском кредитовании» в Республике Таджикистан, необходимо установить обязанность кредитора, о предоставлении полной информации об условиях заключаемого договора, так заёмщик-потребитель будет понимать обязательства, которые он возлагает на себя, заключая такой договор.

Согласно, статье 840. Гражданского кодекса Республики Таджикистан кредитный договор должен быть заключен в письменной форме. Несоблюдение письменной формы влечет недействительность кредитного договора. Такой договор считается ничтожным.

Также к существенным условиям кредитного договора относятся условия о сумме кредита, сроке и порядке его предоставления заемщику, размере процентов за пользование кредитом, сроке и порядке уплаты процентов по кредиту и возврата суммы кредита.

Без соблюдения данных условий договора, кредитная организация может быть оштрафована государством, поэтому под страхом наказания кредитные организации делятся данными с заемщиками.

На практике встречаются случаи недобросовестного осуществления выдачи потребительских кредитов кредитными организациями, так при заключении договора потребительского кредита, в целях осуществления своей защиты, кредитная организация обязывает заемщика застраховать заложенное имущество, тем самым увеличивая затраты заемщика на получение потребительского кредита, Заметим, что потребительский кредит не связан с предпринимательской деятельностью, а используется только для осуществления личных потребностей гражданина [5. С. 182-184]. Также, интересной особенностью выдачи потребительских кредитов в Таджикистане является ограничение круга лиц, способных получить такой вид кредитования, а именно граждан Республики Таджикистан. По нашему мнению, включение иностранных лиц в данную категорию, способствовало бы большему росту экономики Таджикистана.

Нередки случаи, когда кредитная организация, пользуясь правовой безграмотностью субъекта, навязывает ему дополнительные условия, которые на первый взгляд кажутся вполне актуальными, но в последующем увеличивают процентную ставку или же обязывают клиента к иным условиям включенными в договор кредитной организацией [2. С. 78-89]. К примеру, заемщик подписывает договор потребительского кредитования, выражая тем самым свое согласие, но кредитная организация пользуюсь нуждой своего клиента, обязывает его подписать договор страхования, хотя заемщик не имеет желание на это. Так же одним из факторов давления на заемщика является обещание кредитной организации о том, что заемщик может расторгнуть договор страхования в любой момент и вернуть страховую премию. По стандартным правилам закрепленным в праве, возвращение страховой премии при досрочно прерванном договоре страхования не предусматривается, если иное не указано в договоре. Порядок страхования в Республике Таджикистан определяется законом Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года, № 1349 «О страховой деятельности».

В данном случае мы видим, что со стороны кредитной организации информация, которая должна была быть предоставлена заемщику в полной мере, искажается, что может привести к нарушению прав заемщика. Если гражданин этого государства воспользуется своим правом прервать страхование заложенного имущества, кредитная организация, пользуясь своей привилегией куратора данного вида кредита, может повысить процентную ставку по выплате кредита или заявить заемщику о прекращении отношений в области потребительского кредита, с требованием выплаты оставшейся сумы единовременно и с возможными процентами.

Законодательство Республики Таджикистан предусматривает административную ответственность за предоставление недостоверной информации.

Для совершенствования законодательства Республики Таджикистан в области потребительского кредита, необходимо внести разъяснения по поводу некоторых моментов, а именно, условий для заключения и расторжения потребительского договора. Во-вторых, необходимо ограничить правовую свободу банков в этом направлении и выразить границы доступных средств влияния на заемщиков.

При заключении договора потребительского кредита, заемщик имеет право на получение всей информации о получаемом кредите, также, в случае если сотрудник,

будет требовать оформить страховой договор, в условиях современного законодательства Таджикистан в области потребительских кредитов, заемщик будет обязан исполнить требование банка, так как отсутствуют иные механизмы влияния на кредитные организации.

В случае несогласия с условиями предлагаемыми банком, заемщик может обратиться к другому кредитору, с привлечением специалиста детально проанализировать все обстоятельства, которые могут возникнуть в ходе заключения потребительского договора, и узнать возможность возвращение страховой премии, выбрать страховую компанию с наиболее благоприятными условиями страхования [4. С. 215-220]. Часто встречаются случаи, когда кредитная организация ограничивает заемщика в выборе страховой организации для оформления страхования имущества, которое будет в залоговом обложении у кредитной организации, хотя согласно нормам, предусмотренными в Республике Таджикистан, выбор страховой организации является свободным, кроме случаев, установленных законом.

К договору потребительского кредитования, применяются правила, закрепленные в Гражданском кодексе Республике Таджикистан, а именно статьи 482 главы 28:

1. Изменение и расторжение договора возможны по соглашению сторон, если иное не предусмотрено настоящим Кодексом, другими законами или договором.

2. По требованию одной из сторон договор может быть изменен или расторгнут по решению суда только: а) при существенном нарушении договора другой стороной; б) в иных случаях, предусмотренных Кодексом, другими законами или договором.

По нашему мнению, основания расторжения потребительского кредита, должны быть проработаны более детально, с учетом того что данный кредит направлен на личную выгоду субъекта, а не на использование данных средств на предпринимательские нужды.

Гражданин, который решил воспользоваться возможностью получить потребительский кредит, должен осознавать, что в случае неисполнения взятых на себя обязательств, он поставит своё материальное положение и свою репутацию в неблагоприятное положение. Поэтому, при принятии условий договора заемщик должен рассчитать свои финансовые возможности заранее [7. С. 10-12]

Также ответственность может возникнуть, если не благонадежный заемщик исказил информацию, которую он предоставил в банк по поводу своей финансовой самостоятельности.

По итогам, Автор делает вывод, что развитие сферы потребительского кредитования может стать ещё одним шагом для укрепления экономики Республики Таджикистан, уже сейчас многие кредитные организации реализуют правомочие по выдаче потребительских кредитов гражданам Республики Таджикистан, но непроработанность законодательства в этой сфере, может затрагивать как права кредитора, так и права потребителя. Использование опыта зарубежных стран позволит усилить контроль государства над столь актуальной сферой и установить правовые рамки деятельности банковских организаций в области осуществления потребительского кредитования.

**Литература**

1. Астапова Е.В. Проблемы защиты прав граждан по потребительским кредитам. Ростов на Дону.: Международная конференция, 2015. С. 396-399. 543 с.

2. Богатырева С.Н. Банкротство физического лица как способ погашения просроченной задолженности по потребительскому кредиту. М.: Российская юстиция, 2014. С. 78-89. 241 с.
3. Васильева Е.В., Кадалова О.В., Вишневская Н.Г. Потребительские кредиты в современной России. М.: В сб.: Наука третьего тысячелетия, 2016. С.21-23. 439 с.
4. Олейник А.О. Проблема просроченной задолженности по потребительским кредитам. М.: В сб.: Финансы, денежное обращение и кредит: фундаментальные и прикладные научные исследования, 2016. С. 215-220. – 644 с.
5. Столбовская Н.Н., Омельянченко Т.Р. Особенности работы банков с проблемными потребительскими кредитами. М.: Вестник научных конференций, 2016. С. 182-184. – 476 с.
6. Федеральный закон от 21.12.2013 N 353–ФЗ «О потребительском кредите (займе)» // СЗ РФ. – 23.12.2013. – N51. – Ст. 6673.
7. Хайретдинова Л.Р. Оценка современных тенденций развития просроченной задолженности по потребительским кредитам. М.: Научная перспектива, 2016. С. 10-12. – 241 с.

## ТАРТИБИ ХАТМ ВА ХАТМ КАРДАНИ ШАРТНОМАИ ҚАРЗИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҲАУТОВ ГЕОРГИЙ МУРАТОВИЧ,**
устоди кафедраи ҳуқуқи соҳибкории
Донишгоҳи славянии Русия –Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 555-59-55-53. E-mail: g.khautov@mail.ru

Дар ҷаҳони муосир дастрасӣ ба муносибатҳои қарзӣ асоси бунёди ҷомеаи шаҳрвандии комилҳуқуқ мебошад. Барои хар як субъекти иштирокчии муносибатхои хукукии граждани дастраси ба маблагхои худтаъминкуни ба вучуд омада метавонад. Аз ҷумла, дар вақтҳои охир қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ шӯҳрат пайдо кардааст, ки дар он ташкилотҳои дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ (ташкилотҳои қарзӣ) ба шахсони воқеӣ барои истифодаи онҳо танҳо дар асоси мақсаднок, яъне барои эҳтиёҷоти шахсӣ, эҳтиёҷоти оилавӣ ва эҳтиёҷоти хонавода қарз медиҳанд.

Ин самти қарздиҳӣ дар Тоҷикистон дар пасманзари сирояти коронавирус ва набудани имкони қонеъ кардани ниёзҳои инфиродии аҳолӣ маъмул шудааст. Рушди карздихии шахсони алохида низ тавассути баланд бардоштани кобилияти харидории ахолй ба пешрафти иктисодиёти давлат мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** бонк, низоми бонкӣ, қарзи истеъмолӣ, амалиёти бонкӣ

## ESSENTIAL CONDITIONS FOR CONSUMER LENDING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**KHAUTOV GEORGY MURATOVICH,**
Lecturer of the Department of Entrepreneurial Law,
Russian-Tajik (Slavonic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 30, M. Tursunzade str.
Phone: (+992) 555-59-55-53. E-mail: g.khautov@mail.ru

*In the modern world, access to credit relations is the basis for building a full-fledged civil society. Access to funds for self-realization can arise for any subject participating in civil legal*

*relations. In particular, lending to individuals has recently been gaining popularity, in which organizations with a special legal status (credit organizations) issue loans to individuals, for their use only on a targeted basis, namely for personal needs, family needs, household needs. This kind of lending has become especially popular in Tajikistan on the background of coronavirus infection and the lack of the population's ability to meet their individual needs. The development of lending to individuals also contributes to the growth of the state's economy by increasing the purchasing power of the population.*

***Key words:*** *bank, banking system, consumer credit, banking operations*

УДК: 35.075

# ТАСНИФИ МАҚОМОТИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ИЗАТУЛЛОЗОДА ПАЙРАВИ НУСРАТУЛЛО**,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва
хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, 734003, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 502-02-81-87. E-mail: payrav-izatullozoda@mail.ru

*Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маҳсуб гардида, дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ ташкил шуда, функсияҳои гуногуни ба зиммаи онҳо гузошташударо дар соҳаҳои дахлдор ба амал мебароранд. Гарчанде дар қонунгузорӣ ба таври дақиқ номгӯи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида бошад ҳам, вале дар сатҳи илм асосҳои тасниф ва омили дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ ташкил гардидани онҳо тадқиқ нагардидааст.*

*Мақолаи мазкур бошад, дарбаргирандаи масъалаи мафҳуми мақомоти давлатӣ, навъҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия, таснифи ин мақомоти дар асоси нуқтаҳои назари илман асоснок ва ниҳоятан таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар мақола аз ҷониби муаллиф нуқтаҳои назари олимони соҳа вобаста ба масъалаҳои мазкур таҳлил гардида, дар заминаи онҳо таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст, ки аз нигоҳи илмӣ мубрам ва аҳамиятнок буда, метавонад дар ҳалли масоили ба вазъи ҳуқуқии ин мақомот марбута мусоидат намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия, вазорат ва кумитаҳои давлатӣ, мақомоти маслиҳатӣ ва машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Ҳокимият ин низоми гуногунҷанбае мебошад, ки дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ, усулҳои баамалбарорӣ, мақсадҳо ва низоми муносибатҳои муайян ифода мегардад. Давлат бошад, ин қувваи иҷтимоии дар давраи муайяни таърихӣ ташаккулёфтае мебошад, ки таъиноти асосии он идоракунии ҷамъият ва тавассути иқтидори худ таъсир расонидан ба ҳаёти шахсони алоҳида ва кулли ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳокимияти давлатӣ - ин маҷмӯи муносибатҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳукмронии давлатро дар ҷамъият ва тавассути маҷбуркунии давлатӣ таъмин гардидани иродаи давлат дар ҷомеа ифода менамояд[3]. Бинобар ин таъиноти худ давлат бояд заиф набошад ва дар баробари ин давлат набояд, ки зулмпарвар бошад. Яъне аз як тараф давлат барои таъмини сиёсати худ ва танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ бояд қувваи махсуси таъсиррасонӣ дошта бошад ва ҳадду ҳудуди таъсиррасонии худро нисбат ба ҷамъият дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намояд. Ин амал метавонад таъсиррасонии давлатро ба ҳаёти шахсони алоҳида ва ё дар маҷмӯъ ба ҷамъият қонунӣ ва асоснок гардонад.

Қувваи таъсиррасонии давлат тавре аз амалияи давлатдорӣ бармеояд, ин мақомоти давлатӣ мебошад, ки вобаста ба ҳар як соҳаи алоҳида ва ё умумисоҳавӣ ташкил карда шуда, бо салоҳияти махсус мусаллаҳ карда мешаванд, то ки сиёсати давлатиро дар самтҳои дахлдор таъмин намоянд.

Низоми мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар матни мазкур минбаъд ҶТ) дар асоси муқаррароти моддаи 9 Конститутсияи ҶТ[1], ки принсип тақсими ҳокимияти давлатиро дар бар гирифтааст, бунёд мегардад. Тибқи моддаи мазкур

ҳокимияти давлатӣ дар заминаи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мегардад.

Мувофиқан, яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатиро ҳокимияти иҷроия ташкил менамояд, ки нисбат ба мақоми қонунгузорӣ дуюминдараҷа буда[4], таъиноти асосии он ба иҷро расонидани қонунгузорӣ ва ба амал баровардани идоракунии давлатӣ иборат мебошад.

Вале ба хусусияти дуюминдараҷагии ҳокимияти иҷроия нигоҳ накарда, қайд намудан бамаврид аст, ки ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия бениҳоят мураккаб мебошад, зеро идоракунии давлатӣ маҳз тавассути ин шохаи ҳокимият ба амал бароварда мешавад, яъне ҳокимияти иҷроия аз маҷмӯи мақомоти давлатӣ иборат мебошад, ки маҳз ин мақомот таъминкунандаи мудофиаи кишвар, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, идораи амволи давлатӣ, ба амал баровардани хизматрасонии давлатӣ ва дигар функсияҳои ҳаётан муҳими давлатиро амалӣ менамоянд[5].

Мақомоти ҳокимияти иҷроия намудҳои гуногун доранд. Бо назардошти дарки ин масъала зарур аст, ки таснифи мақомоти ҳокимияти иҷроияро баррасӣ намоем.

Тавре дар адабиёти илмӣ ба назар мерасад, мақомоти ҳокимияти иҷроияро вобаста ба асосҳои гуногун таснифбандӣ менамоянд. Дар таснифи мақомоти ҳокимияти иҷроия андешаҳои гуногунро дарёфтан мумкин аст. Масалан, ба андешаи П.П. Глущенко мақомоти ҳокимияти иҷроияро вобаста ба асоси ташкилшавӣ (мақомоте, ки ташкили онҳо дар Конститутсияи Федератсияи Россия (минбаъд ФР) пешбинӣ гардидааст ва мақомоте, ки ташкили онҳо аз қонунгузории ҷорӣ бармеояд); вобаста ба тарзи ташкилшавӣ (интихобӣ ва таъиншавӣ); вобаста ба хусусияти салоҳият (салоҳияти умумидошта, салоҳиятӣ соҳавидошта ва салоҳияти байнисоҳавидошта (махсус); вобаста ба тартиби ҳалли масъалаҳо (дастаҷамъӣ ва яккасардорӣ); вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ (мақомоти буҷетӣ (федеролӣ ва маҳаллӣ (субъектони федератсия)[6] ва ғайра.

Ба андешаи олими ватанӣ Х.О. Ойев мақомот ҳокимияти иҷроияро вобаста ба ҳудуди фаъолияти (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ); вобаста ба хусусияти ваколат (умумӣ, соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва махсус); вобаста ба тартиби ҳалли масъалаҳои иддорӣ (яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ); вобаста ба тарзи таъсисдиҳӣ (интихобӣ ва таъиншавандагӣ); вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ (Ҳукумати ҶТ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, агентиҳо, сарраёсатҳо ва ғ.)[7] таснифбандӣ кардан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки таҷрибаи ташкил намудани мақомоти ҳокимияти иҷроия вобаста ба ин ё он асос дар аксари давлатҳо, хосатан давлатҳои пасошуравӣ ягона мебошад. Бинобар ин дар масъалаи таснифбандии мақомоти ҳокимияти иҷроия нуқтаҳои назари аз ҳам ба куллӣ фарққунандаро дарёфтан мушкил аст. Аммо ба ин нигоҳ накарда, таснифоти олим В.Я. Кикотя назар ба таснифоти олимони дигар фарққунанда аст. Ба андешаи олим, мақомоти ҳокимияти иҷроияро вобаста ба мавқеи онҳо дар низоми ҳокимияти оммавӣ ва махсусияти шакли такшилӣ-ҳуқуқӣ чунин тасниф кардан мумкин аст:

- мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдоре, ки аз номи ин мақомоти баромад мекунанд, масалан – Ҳукумати ФР;
- мақомоти идоракунии давлатӣ, ки бевосита ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил намешаванд (қушунҳо, баталионҳо ва ғайра);
- дигар мақомоти давлатӣ, ки ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил намешаванд, вале фаъолияти маъмурӣ-оммавии беруниро ба амал мебароранд (прокуратура, Палатаи ҳисоб ва ғайра);

- шахсони мансабдори давлатие, ки ягон мақомоти давлатиро намояндагӣ накарда, бевосита аз номи давлат баромад менамоянд (Президенти ФР, Ваколатдор оид ба ҳуқуқ инсон, президентони ҷумҳуриҳои аъзои ФР, губернаторҳо ва ғайра).

Вобаста ба функсияи онҳо дар механизми фаъолияти маъмурӣ-оммавӣ:

- мақомоти маъмурӣ-танзимӣ (мақомоти соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, хоҷагӣ, фарҳанг ва ғайра);
- мақомоти мушоҳидавӣ (назоратӣ ва контролӣ) – (мақомоти андоз, Палатаи ҳисоб, хадамотҳои назорати давлатӣ ва ғайра);
- мақомоти маъмурӣ-муҳофизатӣ – мақомоте, ки таъмини амният ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳифзи манфиатҳои аҳолиро амалӣ мекунанд (прокуратура, амният, корҳои дохилӣ ва ғайра)[8].

Бояд қайд намуд, ки мавҷудияти мақомоти наздипрезидентӣ таърихи зиёда аз бисту панҷсола дорад, лекин сатҳи тадқиқи илмии онҳо то ин замон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ҳамин нуқтаи назар масъалаҳои гуногуни ба вазъи ҳуқуқӣ-ташкилии ин мақомот далхдошта норавшан мебошанд. Махсусан яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ ин таснифи мақомоти назди Президенти ҶТ мебошад, ки дар адабиёти илмии ватанӣ дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва таҳлил нагардидааст. Ин ҳолатро дар мисоли давлатҳои пасошӯравӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст. Ба ҳамин хотир дар асоси таснифоти мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки дар адабиёти илмӣ пешбинӣ гардидаанд, таснифи шартии мақомоти назди Президенти ҶТ-ро пешниҳод кардан мумкин аст.

Пеш аз оне, ки таснифи мақомоти назди Президенти ҶТ-ро пешниҳод намоем, мувофиқи мақсад мебуд, ки ҳайати мақомоти назди Президенти ҶТ ва баъзе масоили ба вазъи ҳуқуқии онҳо алоқамандро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Мақомоти назди Президенти ҶТ ҳамчун мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, тибқи талаботи қонунгузории ҶТ бевосита аз ҷониби Президенти ҶТ бо мақсади таъмини сиёсати давлатӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, назорат ва контроли давлатӣ таъсис дода шуда, оид ба натиҷаи фаъолияти худ дар назди Президенти ҶТ ҳисоботдиҳанда мебошанд[14]. Тибқи Фармони Президенти ҶТ "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 19 ноябри соли 2013, № 12[2] ба мақомоти назди Президенти ҶТ дохил мешаванд:

- Шӯрои амнияти ҶТ;
- Кумитаи рушди маҳали назди Президенти ҶТ;
- Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ;
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ;
- Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти ҶТ;
- Агентии омори назди Президенти ҶТ;
- Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ.

Аз адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ бармеояд, ки Президенти ҶТ дар баробари Сарвари давлат будан, инчунин Раиси Ҳукумати ҶТ низ маҳсуб меёбад. Бо истифода аз мақоми констутитутсионии худ Президенти ҶТ ҳуқуқи ташкил намудани сохторҳоеро, ки метавонанд ба ташкил ва баамалбарории фаъолияти Президенти ҶТ мусоидат намояд, дорост. Ин гуна мақомот – мақомоти назди Президенти ҶТ ба ҳисоб меравurl. Лекин бояд қайд намуд, ки тибқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ мақомоти наздипрезидентиро бештар мақомоти маслиҳатӣ ва машваратӣ низ меноманд. Мақомоти маслиҳатӣ ва машваратӣ асосан дар шакли комиссия ва шӯроҳо ташкил

карда мешаванд[9], ки таъиноти асосии онҳо мусоидат намудан ба амалишавии салоҳиятҳои Президент мебошад.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуме бо номи "дастгоҳи Президент" маълум аст. Дар аксари давлатҳои ҷаҳон "Дастгоҳи Президент" сохторҳоеро дар бар мегирад, ки фаъолияти онҳо ҷиҳати мусоидат намудан ба амалишавии салоҳияти Президент равона карда шудааст. Мувофиқан, дар ҶТ низ ин гуна мақоми назди президентӣ – Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ таъсис дода шудааст. Тибқи талаботи моддаи 8 Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ" – Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияти он бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои конститутсионии Президенти ҶТ ва Ҳукумати ҶТ амалӣ карда мешавад". Вале гарчанде Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ мақоме махсуб меёбад, ки таъсис додани он барои шакли идоракунии президентӣ ногузир мебошад, аммо ба ҳар ҳол он тибқи қонунгузорӣ шомили мақомоти назди Президенти ҶТ намегардад.

Мақомоти назди Президенти ҶТ ба мазмуни васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Ба мазмуни васеъ ба сифати мақомоти назди Президенти ҶТ тамоми сохторҳое фаҳмида мешавад, ки дар номгузории онҳо ибораи "назди Президенти ҶТ"[1] муқаррар гардидааст. Ба ин гуна сохторҳо инчунин мақомоти машваратӣ ва машваратии назди Президенти ҶТ, ки дар шаклҳои ташкилӣ ҳуқуқии зерин: комиссия, марказ ва шӯроҳо ташкил гардидаанд; ва мақомоти дигар назди Президенти ҶТ, ки дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии зерин: агентӣ ва кумитаҳо ташкил карда шудаанд, дохил мешаванд. Хотиррасон бояд намуд, ки бо муқаррар намудани сохтори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ Президенти ҶТ дар Фармони худ "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ" аз соли 2013 ба сифати мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоти маслиҳатӣ ва машваратии назди Президенти ҶТ-ро, ки дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии комиссия ва шӯроҳои назди Президенти ҶТ ташкил карда шудаанд дохил наменамояд. Ин ҷо истисно танҳо нисбат ба Шӯрои амнияти ҶТ мавҷуд аст, ки ҳамчун мақоми машваратии назди Президенти ҶТ ба ин гурӯҳи мақомот дохил карда шудааст. Ин сабаби муайяни худро дорад. Дар ҶТ дар фарқият аз дигар давлатҳои пасошуравӣ ду гуруҳӣ мақомоти назди президентӣ вобаста ба навъашон[2] ҷудо карда шудааст[3] [4]. Барои муайян кардани ин масъала, аниқтараш суоле, ки чаро дар ҶТ мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти ҶТ ба гурӯҳи мақомоти назди Президенти ҶТ дохил карда намешаванд, фарқияти ин ду гурӯҳи мақомотро баррасӣ ва амиқ созем.

[1] Зимнан бояд қайд кард, ки номи мақомот ифодагари тамоми ҷанбаҳои он, аз ҷумла тобеият, шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва функсия он мебошад, бинобар ин дар номи мақомоти давлатӣ бояд камбудӣ ҷой надошта бошад ва он бо дарназардошти функсия ва тобеияти ин мақомот муқаррар карда шавад.

[2] Дар назар дошта мешавад на шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва функсияи мақомоти мазкур, балки навъи онҳо, яъне мақомоте, ки таъинот ва вазъи ҳуқуқии онҳо назар ба якдигар нисбатан дигаргун аст.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав, №233 аз 5 марти соли 2007// Ахбори Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, 20 апрели соли 2006. Душанбе, 2006. С 16.
5. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ. Душанбе: «Эҷод», 2017. 427 с.
6. Бунёди давлатдории навин. Москва: Радуница, 2002.-416 с.
7. Каримов К.М. Хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дар 2 ҷилд. Душанбе, «ЭР-граф»-2006. 496с.
8. Қосимов Г.Ҷ., Нуриддинов Ҳ., Искандаров Қ., Ализода Б.П. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Офсет” 2012, -168с.
9. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II.-Душанбе: “Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, 2019-430 с.
10. Саидов А.Т. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (андешаҳо, дурнамо), Душанбе: «Шарқи озод», 2006, 128 с.

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ И ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ В НЕЗАВИСИМОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

**ИСКАНДАРОВ КОСИМШО,**
доктор исторических наук, главный ученый секретарь
Национальной Академии наук Таджикистана,
734025, Душанбе, пр. Рудаки, 33.
Тел.: (+992 37) 221-50-83. E-mail: ikas_53@inbox.ru
**АЛИЗОДА БАХРИДДИНИ ПИРМУХАММАД,**
кандидат филологических наук, доцент,
ведущий научный сотрудник
НИИ государственного управления и государственной службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
Таджикистан, 734003, Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992 37) 228-91-51. E-mail b.p.alizoda63@mail.ru

*В статье анализируются вопросы совершенствования системы государственного управления и государственной службы в Республике Таджикистан в годы независимости.*

*Совершенствование системы государственного управления, отвечающей сегодняшним потребностям общества, является одним из важных факторов устойчивого развития государства и укрепления основ государственности. Принимая это во внимание, в статье рассматривается вклад Эмомали Рахмона в реформу управления и совершенствование структуры государственного управления Республики Таджикистан в период независимости.*

*Автор отмечает, что новые формы государственного управления в новом Таджикистане сформировались в результате обретения государственной независимости, а структура большинства органов государственного управления была реструктурирована и улучшена по инициативе Эмомали Рахмона.*

*Автор отмечает, что после достижения мира и национального согласия в стране, в результате конституционных реформ в системе государственного управления в Таджикистане, особенно в высшем представительном органе и законодательной власти, произошли существенные изменения, и парламент сформировался в двух уровнях. Вместе с тем, в результате реализации Стратегии реформирования государственного управления в*

*Республике Таджикистан органы управления были приведены в соответствие с современными требованиями и укреплением национальной государственности.*

*В статье отмечается, что, несмотря на достигнутые результаты, существует необходимость в улучшении и обеспечении эффективного функционирования всех ветвей государственной власти, особенно представительных и местных органов власти Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова**: становления, развития, реформа, органы управления, государственное управление, конституционная реформа, президентское правление, принцип разделения властей, представительные и законодательные органы, исполнительные органы, местные представительные и исполнительные органы, государственность.*

## IMPROVEMENT OF SYSTEM OF PUBLIC ADMINISTRATION AND CIVIL SERVICE IN THE INDEPENDENT TAJIKISTAN

**ISKANDAROV KOSIMSHO,**
Doctor of History, Chief Scintific Secretary of
National Academy of Sciences of Tajikistan.
734025, Dushanbe, 33, Rudaki ave.,
Phone: (+992 37) 221-50-83. E-mail ikas_53@inbox.ru
**ALIZODA BAHRIDDINI PIRMUHAMMAD,**
Candidate of Philology, Associate Professor, Leading Researcher of the Research Institute
of Public Administration and Public Service of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Tajikistan, 734003, Dushanbe,33, Said Nosir str.,
Phone: (+99237)228-91-51, E-mail b.p.alizoda63@mail.ru

*The article analyzes the issues of improving the system of public administration and civil service in the Republic of Tajikistan in the years of independence.*

*Improving the public administration system that meets the current needs of society is one of the important factors in the sustainable development of the state and strengthening the foundations of statehood. Taking this into account, the article examines the contribution of Emomali Rahmon to the management reform and improvement of the state administration structure of the Republic of Tajikistan during the period of independence.*

*The author notes that new forms of government in the new Tajikistan were formed as a result of gaining state independence, and the structure of most government bodies was restructured and improved by the initiative of Emomali Rahmon.*

*The author notes that after the achievement of peace and national accord in the country, as a result of constitutional reforms in the system of public administration in Tajikistan, especially in the supreme representative body and the legislative branch, significant changes took place, and the parliament was formed at two levels. At the same time, as a result of the implementation of the Strategy for Reforming Public Administration in the Republic of Tajikistan, the governing bodies were brought in line with modern requirements and the strengthening of national statehood.*

*The article notes that despite of achieved results there is a need in improvement and providing efficient activity of all branches of government and particularly representative and local bodies of state authority in the Republic of Tajikistan.*

***Key words:** formation, development, reform, government bodies, public administration, administrative bodies, constitutional reform, presidency, the principle of separation of powers, representative and legislative bodies, executive bodies, local representative and executive bodies, statehood.*

**УДК: 327**

# БОЗИИ БУЗУРГ: РАҚОБАТИ ГЕОПОЛИТИКИИ БРИТАНИЯ ВА РОССИЯ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАҚДИРИ ТОҶИКОН

**САЙНАКОВ САЙНАК ПАРПИШОЕВИЧ,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе. к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 934-16-20-99. E - mail: saynakov2012@mail.ru
**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru

*Дар мақола оид ба яке аз марҳаллаҳои "Бозии бузург" – рақобати Британия ва Россия дар Осиёи Миёна ва таъсири он ба тақдири тоҷикон сухан меравад. Муаллифон дар асоси сарчашмаҳо ва таҳқиқоти илмӣ масъаларо баррасӣ намуда, таъсири манфии рақобатро, ки ба халқи тоҷик расид, нишон додаанд.*

***Калидвожаҳо**: бозии бузург, геополитика, сиёсат, Осиёи Миёна, Британияи Кабир, Россия, тоҷикон.*

Мафҳуми «Бозии Бузург» - ро бори нахуст соли 1840 афсари ширкати Ост-Индия Артур Конолли дар мактуби худ ба губернатори Бомбай истифода бурд. Дар давраи «Бозии Бузург» ба таври васеъ тамаддуни европоӣ низ ба Шарқ сар даровардан оғоз кард. Вобаста ба мавзӯи мазкур суханони муаррихи машҳури Россия В. О. Ключевский ҳам бисёр ба мавриданд, ки аз заифии Осиё дар давраи мазкур дарак медиҳанд. Ӯ дар дафтари хотироти худ аз 16 майи соли 1904 менависад, замоне буд, ки Осиё Европаро маърифатнок намуд ва дар натиҷа Европа Осиёро фатҳ кард. Акнун Европа Осиёи хуфтаро маърифатнок менамояд [13, с. 305].

Дар ҳақиқат агар вазъи рушди мамлакатҳои ғарбу шарқро дар он давра муқоиса ва таҳлил намоем, ба чунин хулоса мерасем. Масалан, Хитой, ки як вақтҳо дар мавқеи давлати пешбарандаи тамаддун қарор дошт ва бо баъзе асоcноккуниҳо ба европоиҳо чун ба нимвахшиҳо нигоҳ мекард [15, с. 242], аммо дар замони «Бозии Бузург» дар ҳолати «failed state» қарор дошт, ба ибораи дигар гӯем, Хитой наметавонист ҳатто қаламравҳои худро пурра назорат намояд, қаламравҳои аз он вобастшуда бошанд он тараф истанд. Эрону Туркияи Усмонӣ ҳам он вақт давраи заифии худро аз сар мегузаронданд ва дар рақобатҳои сиёсию ҳарбӣ пайваста аз давлатҳои абарқудрати Ғарб шикаст мехӯрданд. Империяи Муғулҳои Бузурги Ҳинд ба таназзулёбии худ сар карда, оқибат аз ҷониби англисҳо барҳам дода шуд. Вазъи рушди давлатҳои Осиёи Миёна аз ин ҳам бадтар буд.

Сатҳи рушди саноатию иқтисодии мамлакатҳои Ғарб бошад дар муқоиса бо мамолики Шарқ хеле равнақёфта буд. Ба таври мисол меорем, ки дар соли 1860 53 % гудохтани чуян, 50 % истихроҷи ангишт, инчунин истеъмоли қариб нисфи ашёи хоми пахтаи Ҷаҳон ба Британияи Кабир рост меомад, ҳоло он ки аҳолии Шоҳигарии Муттаҳидаи Британия ва Ирландия он вақт 2% аз шумораи умумии аҳолии Ҷаҳон ё ин

ки 10 % аз шумораи умумии қитъаи Европаро ташкил медод. Дар дасти Британия 20 % тамоми тиҷорати ҷаҳонӣ ва 40% савдои молҳои саноатӣ қарор дошт. Ҳамин тавр, ин мамлакати ҷазиравӣ ба маркази тиҷорати ҷаҳонӣ табдил ёфта буд [12].

Дар доираи ҳукмрони Россия ба масъалаи забти Осиёи Миёна бори нахуст дар замони Иван Грозний ва Борис Годунов таваҷҷӯҳ зоир карданд, аммо он вақт ин фикрҳо то андозае хаёлӣ буданд, зеро давлати ҷавони Россия барои амалӣ кардани ин фикрҳо қудрат ва таҷрибаи кофӣ надошт [5, с. 3], лекин баъди забткориҳою кашфиёти географӣ то Шарқи Дур расидан, майли ворид шудан ба Осиёи Миёна аз нав зинда гардид, ниҳоят дар замони Пётри Кабир ин масъала, бо мақсади баромадан ба сарҳадоти Ҳинд, ба яке аз шиорҳои асосии сиёсати хориҷии Россия мубаддал мегардад [16].

Дар асри XIX бошад аз миёни мамлакатҳои ғарбӣ сиёсати фаъоли экспансиониро дар Осиёи Миёна Россия ва Британия ба роҳ монда буданд. Дар ибтидо Франсия низ нақшаҳои муайяни худро дошт, аммо баъди шикасти империяи наполеонӣ Париж аз ин нияти худ даст кашид. Барои ҳамин, маҳз ин ду абарқудрат дар тақсимоти минтақа иштирокчиёни асосӣ ба шумор рафта, сиёсати экспансионию анексионии доираи ҳукмрони худро сиёсатмадорон, ҳатто зиёиёни русу англис низ дастгирӣ мекарданд. Масалан, шарқшиноси рус М. И. Венюков иброз намудааст, ки «асри нӯздаҳ қарни ба таври ниҳоӣ тақсим намудани хушкии замин байни халқиятҳои бузург мебошад. Касе, ки дар ин аср ба хатогӣ роҳ диҳад, дар минбаъда наметавонад ба муддати дароз онро ислоҳ намояд ва аз ин ранҷ дида, аз кӯшишҳои мумкин комилан беҳуда заифу бемадор мегардад» [иқтибос аз 4, с. 31]. Аз ҷониби сиёсатмадорон ва ходимони давлатии Россия канслер А. М. Горчаков қонуни амали ҳаракаткунии Россияро дар Осиёи Миёна пешниҳод кард. Канслери Россия саҳеҳ ва равшан баён дошт, ки агар давлати ботамаддун дар роҳи худ бо халқҳои дар зинаи рушди пасттар қарордошта бархӯрад, ҳуқуқ дорад бар хилофи иродаи онҳо ва ҳатто бар зарари онҳо амал намояд ва ҳамрокунии онҳо зина ба зина ҳатмӣ мегардад [7, в. 69].

Дар асри XIX Британияи Кабир мавқеи худро дар Ҳиндустон мустаҳкам намуда, сиёсати худро дар самти Осиёи Миёна низ фаъол намуд. Солҳои 1812 – 1813 ба минтақа гурӯҳи ҷосусони Англия бо сардории Мириззатулло фиристонда мешавад [6, с. 138]. Шикасти Усмониён ва Эрон аз Россия дар солҳои 20 - уми асри XIX Британияро ба натиҷае овард, ки мумкин русҳо ба Ҳиндустон низ сар медароранд. Ибтидои асри XIX географи англис Уилям Муркрофт ҳам ба хулосае меояд, ки Россия метавонад дар самти Форс ва Афғонистон ба Британия зарба расонад. Солҳои 1829 – 1830 ҷосуси англис, капитан Артур Конолли сайёҳати худро аз Москва ба Афғонистон то сарҳади Ҳинд гузаронд ва ду хатти имконияти зарбазании Россияро пешниҳод намуд: Хева ва Форс. Баъдтар, аз рӯи гуфтаҳои котиби департаменти сиёсӣ ва махфии Вазорат оид ба корҳои Ҳиндустон сэр Ҷ. Кайе, ки мероси хаттии Артур Коноллиро хонда, дар онҳо ёдоварӣ аз «Бозии Бузург» - ро дарёфтааст, менигорад, ки ӯ ҳатто пешниҳод намудааст, ки аввал низомҳои деспотии давлатҳои Осиёи Миёнаро тавассути як қатор ислоҳот ба низоми нисбатан либералӣ табдил дода, сонӣ мамлакатҳои модернкардашудаи мазкурро дар як конфедератсия муттаҳид карда, барои гирифтани роҳи эҳтимолии воридшавии Россия ба Форс, Афғонистон ва махсусан Ҳиндустон истифода намоянд [21, с. 4].

Соли 1829 бошад полковник Ҷорҷ де Ласси Эванс самти Амударё, асосан тавассути ағбаи Хайбарро роҳи таҳдиди асосии воридшавии русҳо ба Ҳинд донист. Нуқтаи назари мазкурро губернатори Бомбай Ҷон Малкол ва роҳбари Шӯрои назоратӣ

оид ба Ҳиндустон, лорд Элленборо низ дастгирӣ мекарданд. Дар асоси маълумоти мазкур дипломати британӣ сэр Александр Бернс консепсияи буферӣ ё тагсарии бехатариро барои Ҳиндустон кор карда баровардааст. Дарояндаи наздик Британия аз рӯи стратегияи буферӣ сиёсати худро дар минатақа пеш мебурд [2].

Дар нимаи дуюми асри XIX ҳаракати Россия дар Осиёи Миёна омили ҷиддӣ гардид, ки муносиботи англо-русро тезу тунд намуд. Ҳамин тавр, дар Осиёи Миёна манфиатҳои мустамликавии Петербург ва Лондон бо ҳам бархӯрданд, ҳар ду давлат ба хулосае омаданд, ки беҳтарин дифоъ ин ҳуҷум мебошад ва беҳтарин тарзи ҳифз намудани қаламравҳои худ ин васеъ намудани онҳо аз ҳисоби минтақаҳои ҳамҳудуд ва зонаҳои буферӣ мебошад. Баробари ин, ҳам англисҳо ва ҳам русҳо дар тамоми давраи бозии бузург дар Осиёи Миёна ҳамдигарро дар «экспансиякунӣ» ва «таҷовузкорӣ» айбдор мекарданд, вале худашонро бошад ҳар кадоми онҳо баёнгари «прогресс» ва «тамаддун», «валинеъмату некӯкори халқҳои мустамликаҳо» муаррифӣ мекарданд [2]. Назари мазкур тавзеҳталаб мебошад. Дар ҳақиқат аз як тараф агар тавассути сиёсати мустамликадорӣ ба Туркистони Россия ва Ҳиндустони Британия прогресс омада бошад ҳам, аз ҷониби дигар факторҳои дигар: ғораткунии характери мустамликавӣ доштa, иқтисоди монокултурӣ, ки дар хизмати саноати метрополияҳо қарор дошт, низ ҷой доштанд.

Баҳори соли 1839 артиши 30 ҳазорнафараи Британия аз ҷониби Ҳиндустон ба Афғонистон зада даромада, амалиёти ҳарбии ҷанги якуми англо-афғонӣ оғоз гардид. Дар рафти он амири Афғонистон Дустмуҳаммад аз тахт барканор ва аз мамлакат ронда шуд. Англисҳо ба ҷойи ӯ дар тахт дастнишондаи худ Шуҷоулмулкро шинонданд, ки бо Британия як қатор созишномаҳоро имзо кард, ки тибқи онҳо ҳузури лашкари англис дар қаламрави мамлакат қонунӣ дониста шуда, сиёсати дохилию хориҷии Афғонистон ба манфиатҳои Британия тобеъ гардонда шуд. Зери назорати Британия шаҳрҳои калонтарин ва нуқтаҳои муҳим дар сарҳади мамлакат бо Осиёи Миёна гузаштанд. Аммо дар натиҷаи исёни озодибахши мардум сипоҳиёни Британия маҷбур шуданд, ки соли 1842 қаламрави Афғонистонро тарк намоянд. Англисҳо Дустмуҳаммадро аз бадарға оварда, ба ӯ имконият доданд, ки тахтро дубора соҳиб шавад. Амири лухтакмонанди англисҳо Шуҷоулмулк бошад моҳи апрели соли 1842 аз ҷониби исёнгарон ба қатл расонда шуд.

Сиёсати хориҷии Россия ба манфиатҳои Англия бар мехӯрд, ки он рақиби асосии Россия дар Осиёи Миёна ба шумор мерафт. Ҳар ду давлат мехостанд, ки назоратро аз болои давлатҳои Осиёи Миёна ба даст оранд. Англия аз ҷануб ва Россия бошад аз шимол оҳиста-оҳиста ба забти ин минтақа оғоз карданд. Россия Осиёи Миёнаро ҳамчун макони бойи пахта ва бозори зарурӣ барои молҳои саноатӣ меписандид. Барои ҳамин, Россия мехост, ки ҳукмрони ягонаи Осиёи Миёна шавад. Ба ғайр аз ин, агар русҳо Осиёи Миёнаро мегирифтанд, таъминоти бехатарӣ дар сарҳадҳои ҷанубии Россия ҳалли худро мееёфт. Россия тавассути Қазоқистон ба Осиёи Миёна ворид шуданро мекӯшид. Соли 1838 бо сабаби ҷанги якуми Англия ва Афғонистон дохилшавии ҷосусони англис ба Осиёи Миёна зиёд шуд. Ҷосусҳои Англия ба Қӯқанд, Хева ва Бухоро омада, мехостанд коалитсия (эътилоф) - ро зидди Россия ташкил диҳанд. Бо дастгирии агентураи Англия дастаҳои Хева ба корвонҳои Россия ҳамла мекарданд. Ҷавобан ба ин генерал-губернатори Оренбург В. А. Перовский ноябри соли 1839 бо дастаҳои 5 - ҳазора зидди Хева лашкар кашид. Аммо ними роҳ рафта, баъд аз дуюним моҳ ӯ лашкаркаширо манъ карда, баргашт. Соли 1846 аҳолии Жузи Калон даъват карданд, ки Россия онҳоро зери дасти худ гирад. Ин қариб, ки ҳамроҳшавии

тамоми Қазоқистонро ба Россия нишон дод. Соли 1853 Перовский бомуваффақият лашкаркашии навбатиро анҷом дод. Дар соли 1854 бошад қалъаи Верний (имрӯза шаҳри Алмато) бунёд гузошта шуд. Ҳамин тавр, дар миёнаи солҳои 50-ум Россия ба сарҳадҳои давлатҳои Осиёи Миёна расид. Масъалаҳои муносибатҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва тиҷоратии Россия бо давлатҳои Осиёи Миёна то миёнаи асри XIX дар асари профессор Ҳайдаршо Пирумшоев муфассал оварда шудааст [17]. Бо назардошти манфиатҳо моҳи декабри соли 1858 губернатори Оренбург Катенин ба ҳукумати шоҳии Россия оид ба идома додани экспансия дар Осиёи Миёна барномаи мушаххасро пешниҳод намуд [11, с. 203 – 204].

Умуман гирем, ҳам дар Петербург ва ҳам дар Лондон ба хулосае омада буданд, ки бархӯрди бевоситаи ҳарбии ду давлати бузурги мазкур дар Осиёи Марказӣ ба манфиати онҳо нест ва натиҷаҳои онро низ пешгӯӣ кардан аз имкон берун аст. Шароити вазнини табиӣ-иқлимӣ, дар масофаи дур қарор доштани минтақа аз марказҳои империяи Британия ва империяи Россия, инчунин рӯҳияи бархе аз мардумони таҳҷоӣ нисбати мустамликадорон онҳоро маҷбур намуд, ки ба сар задани низоъҳои калон байни худ роҳ надиҳанд. Маҳз барои ҳамин низои мазкур ба гуфтае «низои пасти интенсивӣ» боқӣ монд. Яъне Англия ва Россия бар зидди ҳамдигар бошитоб фитнаву найрангро ба кор мебурданд, қабилаҳои таҳҷоиро байни ҳам шӯру ғавғо меандохтанд ва минтақаро низ аз ҷосусон ва диверсантҳояшон пур карда буданд. Соли 1865 аз ҷониби Россия Тошканд забт карда шуд, соли 1868 бошад аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд тобеи Россия гардиданд.

Барои ҳамин, дар соли 1869 дар Петербург гуфтушунидҳои англо-русӣ оид ба тақсим намудани доираи таъсири ин ду абарқудрат дар Осиёи Миёна сар шуданд. 20 октябри соли 1869 дар машварати Санкт-Петербург байни вазири ҳарбии Россия Милютин ва намояндаи сиёсии ҳукумати Британия дар Пешовар Томас Форсайт, ки дар он директори департаменти Осиё, мушовири махфӣ Стремоухов низ иштирок дошт, масъалаи мазкур баррасӣ гардида, дар мувофиқа бо шартномаи Британия ва Россия Лондон ӯҳдадор гардид, ки лаҷоми лӯхтакмонанди худ, амири Афғонистон Шералихонро дар самти кӯшишҳои сиёсати васеъ намудани қаламравҳояш кашад. Дар навбати худ Россия ба ӯҳда гирифт, ки вассали худ – амири Бухороро аз ҳуҷум намудан ба қаламрави Афғонистон боз медорад [10, с. 89].

Петербург пешниҳод намуд, ки тартиботи дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омада риоя карда шавад. Аммо бо ин ҳукумати Британия розӣ набуд. Дар Лондон ҳаматарафа кӯшиш мекарданд, ки сарҳади Афғонистонро дар шимол васеъ намоянд, ки бо ин амал се масъалаи навбатиро ҳал мекарданд: 1) таъсири худро дар Афғонистон мустаҳкам мекарданд, зеро дар ҳамон замон ҳоло ҳам ба ин назар буданд, ки давлати хориҷӣ метавонад ба афғонҳо таъсири худро расонад; 2) ҳаракати русҳоро ба самти ҷануб боз доранд; 3) таъсири худро дар Ҳинд мустаҳкам намоянд [2].

Соли 1873 хонигарии Хева мутеи империяи Россия гардид. Рақобати англо-русӣ махсусан баъди соли 1874, вақте ки либерал Гладстонро дар мансаби нахуствазирӣ Дизраэли, ки тарафдори сиёсати ҷиддии мустамликадорӣ буд, иваз намуд, тезу тунд гардид [22, с. 136]. Ғоя дар бораи таъсис додани зонаи «буфер» - ӣ миёни Ҳиндустон ва Туркистони Россия ба як сӯ гузошта шуда, ҳукумати нави Британия ба Россия пешниҳод намуд, ки Осиёи Миёна тақсим карда шавад. Британия Афғонистонро аз они худ донист. Дар Петербург низ аз ин фурсати муносиб, яъне пешниҳоди Британия оид ба озодона амал намудан, истифода бурда, соли 1876 хонигарии Қӯқандро барҳам ва ба

қаламрави худ ҳамроҳ карданд. Яъне ҳамин сол хонигарии Қӯқанд барҳам ва ба сифати вилояти Фарғона ба ҳайати империяи Россия шомил карда шуд.

Дар ин давра дар Лондон ҷиддан роҳандозӣ намудани ҷанги нав бар зидди Россияро ба нақша гирифта буданд. Масалан, дар самти Осиё низ Британияи Кабир нақшаҳои муайянро дошт. Британия бо мақсади ташкил намудани муқовимат бар зидди пешравии Россия дар қаъри Осиё, шумораи сарбозони худро дар Ҳиндустон ба 226 694 нафар расонд, ки аз ин шумора 73 602 англис ва 153 092 ҳинду буданд [24, с. 145]. Британия ҳатто нақшаи ҷанги васеи зидди Россияро таҳия кард, ки лоиҳакаши он милитаристи ашаддии англис генерал Мак - Грегор буд. Моҳияти нақша чунин буд, ки эътилофи давлатҳои авруосиёӣ бар зидди Россия таъсис ва пас аз шикасти русҳо, империяи Россия бояд байни иттифоқчиён тақсим карда мешуд. Яъне, Мак - Грегор дар лоиҳааш ба ҳар як давлат ба сифати подоши кӯмакаш як қисми муайяни қаламрави Россияро, ки як вақтҳо русҳо аз иттифоқчиён кашида гирифта буданд, пешниҳод мекунад, Масалан, тибқи нақшаи ӯ мебоист мулкҳои мустақили тоҷикон – Рушон ва Шуғнон низ ба Афғонистон мегузаштанд [14, с. 207 – 211].

Дар навбати худ англисҳо аллакай аз соли 1874 ба ҷанги зидди Афғонистон ҳам тайёрӣ диданро оғоз намуда буданд. Ноиб - шоҳи Ҳиндустон лорд Норсбрук, ки зидди интервенсия (мудохила) ба Афғонистон баромад мекард, иваз карда шуда, ба ҷойи ӯ лорд Литтон, тарафдори сиёсати Дизраэли, сиёсати бо ном forward policy, яъне сиёсати экспансионии мустамликавӣ, омад [2]. Дар натиҷа Кветта забт карда шуда, тавассути дарёи Ҳинд купрукҳо сохта шуда, дар ноҳияҳои сарҳадии афғону ҳиндӣ ҷо ба ҷогузории лашкари англис оғоз гардид. Ба назар мерасид, ки англисҳо мехостанд бе ҷанг ба мақсади худ ноил шаванд, дар алоқамандӣ ба ин, соли 1877, дар давраи ҷанги русу турк онҳо фишори худро аз болои амири Афғонистон Шералӣ зиёд намуда, ӯро маҷбур мекарданд, ки сипоҳи англисҳоро ба хоки худ роҳ дода, дар якҷоягӣ бар зидди Туркистони Россия моҷарои ҳарбиро ташкил намоянд, то ки русҳоро маҷбур намоянд дар ду фронт ҷанг кунанд.

Аммо кӯшишҳои Лондон дар самти барқарору таъмин намудани назорат аз болои Афғонистон пурра барбод рафтанд. Дар рафти Ҷанги дуюми англо-афғонӣ (с. 1878 – 1880) Англия ба нокомӣ дучор гардид. Англисҳо назорати мамлакатро аз даст дода, дар бошишгоҳҳои ҳарбии худ паноҳ бурданд, вазъиятро бошад мардуми исёнбардоша зери назорат гирифта, англисҳо маҷбур шуданд, ки ба тахт омадани Абдурраҳмонхон ва ба муттаҳид шудани тамоми Афғонистон дар зери ҳукмронии ӯ қаноат намуда, мамлакатро тарк намоянд.

Петербург нокомии мазкури Англияро ба манфиати худ истифода бурда, замоне ки ҳоло англисҳо роҳи баромадан аз моҷарои афғониро мекофтанд, русҳо бошанд назорати худро аз болои минтақаҳои Туркманистони муосир таъмин намуданд. Барои он ки роҳи минбаъдаи ҳаракаткунии Россияро бигирад, Англия дар асоси шартномаи англо-афғонии соли 1880 ба масъалаи тақсимот миёни Афғонистон ва Россия мудохила намуд. Солҳои 1881 – 1884 қабилаҳои туркман ба Россия ҳамроҳ карда шуданд. Дар соли 1884 бо таҳрики англисҳо афғонҳо лашкари худро зери роҳбарии афсарони англис ба қаламрави туркманнишин равона намуданд. Дар моҳи марти соли 1885 сипоҳи мазкур ба соҳили чапи дарёчаи Кушка гузаштанд, лекин онҳо аз ҷониби русҳо шикаст дода шуданд. Ин зарбаи ҷиддӣ ба обрӯи сиёсати Англия дар Афғонистон ва ба муносиботи англо - русӣ буд.

Петербург аз маҳорати дипломатӣ истифода намуда, оқибат, бо амири Афғонистон – Абдурраҳмонхон низ алоқаҳо барқарор карда шуданд, ки ӯ низ қарор

намуд, ки ба хотири низои сарҳадӣ шуда, ҷангро оғоз намекунад. Дар натиҷа шароити ҳал намудани низоъ тавассути гуфтушунид ба вуҷуд омада, Панҷдеҳ (Кушка), ки ба Россия гузашт, бо Зулфиқор, ки ба Афғонистон гузашта буд, иваз карда шуданд. Азбаски Афғонистон зери доираи таъсири Лондон буд, ноиб-шоҳи Ҳиндустон, лорд Дафферин тарсида, сару садо баланд кард, ки русҳо, ки заминҳои туркманнишинро ба қаламравҳои худ ҳамроҳ намуданд, ба самти Ҳиндустон низ ҳаракат менамоянд. Ӯ аз амири Афғонистон талаб кард, ки бар зидди русҳо бароянд, барои ҳамин низои Панҷдеҳ сар зада буд. Аз ин пас охирин минтақа дар Осиёи Миёна Помир монд, ки он соли 1895 тақсим карда шуд. Бо ҳал намудани «Масъалаи Помир» байни Британия ва Россия дар соли 1895 доираи таъсири ин ду абарқудрат дар Осиёи Миёна муайян ва хатти сарҳади он дарёи Аму эътироф гардид [8, в. 74; 9, с. 500 – 501].

«Бозии бузург» ба тақдири таърихии тоҷикон таъсири манфии худро расонд. Дар натиҷаи он аввалин тақсимоти расмии ватани таърихии тоҷикон гузаронда шуд. Баъди истило гардидани қисмати калони Осиёи Миёна аз ҷониби Россия, тоҷикони Кӯҳистони Бадахшон, албатта бехабар аз нақшаҳои Россия ва Британия, ба хотири ҳифзи ҳувияти миллӣ бар зидди сиёсати истилогаронаи афғонҳо ва хитойиҳо, ки ғосибони мазкурро Британия бар зидди ҳузури сиёсии Петербург истифода бурда, ба ин амал таҳрик медод, 10 сол қаҳрамонона мубориза бурданд [6, с. 183]. Аммо онҳо ҳам, чун диданд, ки зӯрашон дигар намерасад, умед ба Россия бастанд. Россия низ, ба ақидаи яке аз иштирокчиёни «Бозии бузург» А. Е. Снесарев, аз нуқтаи назари сиёсию дипломатияи сиррӣ қариб, ки бозиро дар Осиёи Миёна бохт [23, с. 7]. Зеро мақсади олимақомҳои Петербург расидан ба Ҳинд буд ва дар ниҳояти кор русҳо зери таъсири дипломатияи моҳиронаи Лондон монда, аз ин нақша даст кашиданд. Россия дар тақсимкунии ноодилонаи Помир саҳм гузошта, бо ҳамин қаноат кард. Тақсимоти Помир ба манфиати Британия буд, зеро бо ҳалли он англисҳо роҳи ба Ҳиндустон ҳаракаткунӣ ва сар даровардани русҳоро гирифтанд. Бо ҳамин танҳо як қисми тоҷикони Помир ба доираи таъсири Россия даромаданд. Афсари империяи Россия А. Е. Снесарев оид ба натиҷаи масъалаи мазкур ба хулосае меояд, ки «ҳарчанд барои ифтихори миллӣ чӣ қадар дардовар бошад ҳам, аммо бояд иқрор шуд, ки ғалабаи сиёсӣ дар Осиёи Миёна қариб, ки ҳамеша дар тарафи Англия буд ...» [23, с. 7]. Иловатан ин, афсари рус иқрор мешавад, ки «дар мубориза бар зидди Англия, аз они Россия ва фарзандонаш маҳорати сиёсӣ намерасид ва дар натиҷаи бевоситаи ин, як нақшаи муайяни амалкард низ вуҷуд надошт» [23, с. 19]. Дар рафти «Бозии бузург» дар натиҷаи ба ҳам расидани манфиат ва сарҳадоту нуфузи се империя – Россия, Хитойи Синӣ ва Британия давлати ташкилнамудаи тоҷиктабор Яқуббеки Бадавлат низ дар Туркистони Шарқӣ барҳам зада шуд [22, с. 122 – 129; с. 142 – 153].

Ҳамин тавр, сарзамини тоҷикон миёни ҳамсоягону бегонагон тақсим карда шуд ва як қисмаш ба тобеияти Россия, қисми дигар бошад дар зери тасарруфи ҳукумати пуштунтабори Афғонистон ва қисмати дигаре дар зери таъсири Хитой гузашт. Аз ин марзбандӣ танҳо тоҷикон зарари ҷиддӣ ва ҳаматарафа диданд. Худи минтақаи Помир, бе розигӣ ва берун аз манфиати тоҷикон, ба се қисм ҷудо карда шуд ва дар ҳайати Россия, Афғонистон ва Хитой пароканда монд [19]. Одатан дар адабиёти таърихӣ нодуруст «Ба Россия ҳамроҳкунии Помир» зикр менамоянд, дуруставш бошад «Ба Россия ҳамроҳкунии як қисми Помир» мебошад [20, с. 100].

Ҳамроҳкунии Осиёи Миёна ба Россия ва воридшавии Афғонистон, инчунин Ҳиндустон ба зери доираи таъсири Британияи Кабир тарафҳои мусбӣ ва манфии худро дошт. Аксарияти онҳо дар тадқиқоти илмию китобҳои дарсӣ нишон дода шудаанд.

Аммо ба масъалаи оғози маҳдудшавии мавқеи забони форсии тоҷикӣ муаррихон камтар таваҷҷӯҳ кардаанд. Падидаи асосии манфӣ, ки дар натиҷаи забткориҳои мустамликадорони русу англис ба вуҷуд омад ин оғози раванди танг кардани мавқеи забони форсии тоҷикӣ дар генерал-губернатории Туркистони Россия ва Ҳиндустони Британия мебошад. Ҳатто он андаке баъдтар аморати Бухороро низ фаро гирифт. То ин дам забони форсӣ забони расмӣ - коргузорӣ дар империяи Темуриёни Ҳинд буда, дар аморату хонигариҳои Осиёи Миёна низ он чунин мавқеъ дошт. Аз ин пас дар минтақаи ишғолии Британия ҷойи онро забони англисӣ гирифта, дар манотиқи таҳти тасарруфи Россия даромада, забонҳои русӣ ва гурӯҳи забонҳои туркӣ афзалият пайдо карданд [19].

Ҳамин тавр, яке аз назару ниятҳои стратегҳои рус, аз ҷумла М. Венюков, ки ҳукумати Россияро барои ворид шудан ба Осиёи Миёна таҳрик дода, бо ҳамин мехостанд ҳукмронии як вақтҳо будаи ориёиҳоро дар минтақа барқарор намоянд, ба коми фаромӯшӣ супорида шуд [4, с. 30] ва ҳатто дар тақсимоти соли 1924 эроншиносони рус низ қариб, ки пурра аз манфиати сиёсии тоҷикон дастгирӣ накарданд ва раванди тайёрӣ дидану гузарондани марзбандии мазкур ҳам пурра зери назорати тотору бошқирдҳо ва хулосаҳои олимони туркшиноси Россия сурат гирифта буд, ки назария дар бораи турккунонии минтақаро ҳанӯз туркшиноси асосии Россия, академик В. В. Радлов дар соли 1868 пешниҳод намуда буд [18, с. 73 – 74] ва шогирдонаш бошанд дар амалишавии он саҳм гузоштанд, ки ин масъала баҳси дигар аст.

Ба ақидаи дурусти академик Бобоҷон Ғафуров дар вақти гузарондани тақсимоти соли 1895 «принсипи этнографии ҷо додани халқҳои ҷудогона ба назар гирифта нашуд» ва мазбур ин рафторро хоси «амалиёти мустамликадорӣ маҳсуб» донистааст [6, с. 186]. Академик В. В. Бартолд ин сарҳадгузориро «зиддитабиӣ» [1, с. 346] ва муҳаққиқи давраи тоинқилобии рус А. А. Бобринской амали сарҳадмуайянкунии мустамликадорони англису русро дар Помир шабеҳи тақсим кардани як деҳаи руснишин, аз миёни як кӯча, байни ду давлат донистааст [3, с. 4].

Албатта, ин ҷинояти азиме буд, ки нисбати тоҷикон раво диниста шуд. Профессор И. Ш. Шарипов менависад, ки тақсимбандии заминҳои тоҷикон, бо сабаби афзудани рақобати мустамликахоҳонаи мутлақияти подшоҳӣ ва Британия бағоят тезу тунд гардид. Мувофиқи созишномаи нангини соли 1895 қисмати бузурги Бадахшон: Вахон, Ишкошим, Шуғнон, Рушон, Дарвоз, Шӯробод (Даштиҷум), Фархор бо аҳолии тоҷик ба тобеияти Афғонистон гузаштанд. Ҳамин тавр, ҷинояти нобахшиданӣ дар мавриди ба пораҳо ҷудо кардани халқи ягона – тоҷикон содир карда шуд [25, с. 40; 26, с. 90].

Акнун як бор назар намуда, мухтасаран таърихи сиёсии англисҳо, русҳо ва тоҷиконро дар ҳазорсолаи дуюми мелодӣ муқоиса ва натиҷагирӣ намоем.

Англисҳо баъди шикаст додани Испания (с. 1588) ва созмон додани флоти мустаҳкам дар баҳр ҳукмрони мутлақ гардида, тавонистанд дар муддати кӯтоҳ қисмати зиёди заминро ба мустамликаи худ табдил диҳанд. Дар он давра қитъае ё уқёнусе набуд, ки англисҳо он ҷо ҳузури низомию сиёсӣ надошта буданд [19].

Россия низ пас аз шикаст додани тотору муғулҳо (с. 1380) дар сиёсати байналхалқӣ фаъол гардида, бори нахуст орзуи ҳукмрони Ҷаҳон шуданро ба миён гузошт, сиёсати дурандешонаи Москваи асримиёнагӣ буд, ки пас аз чанд аср сарҳади Россия аз ҳавзаи як уқёнус ба уқёнуси дигар, яъне аз соҳилҳои баҳри Балтика то уқёнуси Ором, ба самти шимол то ҳавзаи уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ васеъ гардид.

Ҳудуди Россия дар сесад соли охир ҳар сол ба андозаи як Голландия васеъ мешуд (аз рӯи ҳисоби Збигнев Бжезинский) ва дар самти ҷануб Помир охирин минтақае дар асри XIX шуд, ки дар он ливои империяи Россия барафрохта шуд [19].

Тоҷикон пас аз шикасти давлати Сомониён дар сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ заиф буданд. Аз ин истифода бурда, Ватани аҷдодии онҳоро пас аз шикасти Сомониён ҳукмронҳои бегонаи ҳар давр, мувофиқи табъи худ, соҳибӣ ва марзбандӣ мекарданд, чуноне ки дар соли 1895 карда шуд ва ин амали ғаразнок дар тақсимоти соли 1924 - ум низ ошкоро такрор гардид [19].

Ҳамин тавр, бо ҳал гардидани масъалаи Помир бартараф намудани марҳалаи аз ҳама хатарноктарини «Бозии Бузург» - и англо - русӣ дар Осиёи Миёна ба даст омад, аммо худи бозӣ бошад идома дошт. Сиёсати хориҷии империяи Германия ба абарқудратҳои мазкур таъсир гузошта, онҳо оид ба доираи таъсири худ дар Осиё ба як созиш омаданд. 18 (31) августи соли 1907 дар Петербург байни Англия ва Россия шартнома дар бораи тақсим намудани доираи таъсир дар Осиё баста шуд, ки он гӯё «Бозии бузург» - ро ҷамъбаст намуд.

**Адабиёт**

1.Бартольд В. В. Бадахшан. Статьи из «Энциклопедии ислама» // Сочинения. Т. III. М., 1965. С. 343 – 347.
2.Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
3.Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). М., 1908. – 150 с.
4.Бокиев О. Завоевание и присоединение Северного Таджикистана, Памира и Горного Бадахшана к России. Душанбе: Ирфон, 1994. – 276 с.
5.Гроссул-Толстой П. Дела Русского оружия и политики в Средней Азии. По поводу войны России с Хивой (Из Новоросийских ведомостей). Одесса, 1871. – 22 с.
6.Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби дуюм. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Душанбе: Ирфон, 1998. – 416 с.
7.Документ № 12 а. – Нота Великобританского посла в Петербурге Роберта Морьера тайному советнику Шишкину от 2-декабря 1892 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 68 – 71.
8.Документ – № 13. – Перевод ноты российского императорского посла в Лондоне к Великобританскому статс - секретаре по иностранным делам графу Кимберлею от 27-февраля /11-марта 1895 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанской автономной области. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 72 – 74.
9.Документ – № 470. – Собрание Трактатов и Конвенций, заключенных Россией с иностранными державами. По поручению Министерства Иностранных Дел составил Ф. Мартенс, непеременный член Совета Министерства Иностранных Дел. Т. XII. Трактаты с Англиею. 1832 – 1895. СПб.: Типография А. Бенке, 1898. С. 500 – 501.
10.Искандаров Б. И. Англо - русское разграничение 1872 – 1873 гг. // Вопросы истории Таджикистана. Ученые записки ДГПИ имени Т. Г. Шевченко. Т. XXVI. Серия общественных наук. Выпуск 4. Душанбе: Типография Минпроса, 1961. С. 84 – 103.
11.История агрессии царской России против Китая /ША Э ЦИНЬ ХУА ШИ/. Том III. Часть I. Главы I, II. Пекин: Жэньминь чубаньшэ, 1981. Для служебного пользования. Экз. № 17. Перевод № 86029. М.: Институт Дальнего Востока АН СССР, 1986. – 252 с.

12.Кеннеди П. Взлеты и падения великих держав. Экономические изменения и военные конфликты в формировании мировых центров власти с 1500 по 2000 г. Екатеринбург: Гонзо, 2018. – 846 с.
13.Ключевский В. О. Письма, дневники, афоризмы и мысли об истории. М.: Наука, 1968. – 528 с.
14.Мак - Грегор. Оборона Индии. – Часть I. С картою // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. – Выпуск XLIII. СПб.: Военная типография (в здании Главного Штаба), 1891. – 264 с.
15.Неру Дж. Китай толкает кочевников на Запад // Взгляд на всемирную истории. Письма к дочери из тюрьмы, содержащие свободное изложение истории для юношества. Часть 1. М.: Издательство «Прогресс», 1981. С. 242 – 246.
16.Пирумшоев Х. П. Русские дореволюционные исследователи о политике России в Средней Азии в XVIII в. Душанбе, 1996. – 110 с.
17.Пирумшоев Х. Российско - среднеазиатские отношение в XVI – середине XIX веков в русской историографии. Душанбе, 2000. – 338 с.
18.Радлов В. В. Средняя Зерафшанская долина // Записки Императорского Русского географического общества. По отделению этнографии. – Т.VI. – СПб., 1880. – С. 1 – 92. + 1 карта.
19.Сайнаков С. П. Масъалаи Помир ва ҳалли он аз нигоҳи Б. Ғафуров // Бобоҷон Ғафуров ва рушди таърихнигории миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. Душанбе: Ирфон, 2009. С. 213 – 224.; Масъалаи Помир ва ҳалли он аз нигоҳи академик Бобоҷон Ғафуров // Мероси ниёгон. № 20. Душанбе: Кайҳон, 2018. С. 75 – 78.; «Масъалаи Помир» ва ҳалли он аз нигоҳи академик Бобоҷон Ғафуров // Алломаи Машриқзамин. Маводи Конференсияи илмӣ - назариявии «Академик Бобоҷон Ғафуров – мутафаккири бузурги Шарқ» бахшида ба 110 солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров. Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. С. 168 – 173.
20.Сайнаков С. П. Из истории присоединения Памира к России // Вестник педагогического университета: издание Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, серия общественных, гуманитарных и филологических наук. № 3. (58 – 1). Ч. 1. Душанбе: ТГПУ, 2014. С. 88 – 100.
21.Сергеев Е. Ю. «Большая игра» в российско-британских отношениях второй половины XIX – XX в.: новый взгляд // Российская история. № 5. 2011. С. 3 – 15.
22.Сергеев Е. Ю. Большая игра, 1856 – 1907: мифы и реалии российско-британских отношений в Центральной и Восточной Азии. М.: Товарищество научных изданий КМК, 2012. – 454 с., 8 вкл.
23.Снесарев А. Е. Индия как главный фактор в средне - азиатском вопросе. Взгляд туземцев Индии на англичан и их управление. СПб.: Типография А. С. Суворина, 1906. – 175 с.
24.Тухтаметов Т. Г. Антирусские происки иностранцев в Бухаре и на Памире, политические течения в эмирате // Вопросы истории Таджикистана. Ученые записки ДГПИ имени Т. Г. Шевченко. Т. XXVI. Серия общественных наук. Выпуск 4. Душанбе: Типография Минпроса, 1961. С. 140 – 178.
25.Шарипов И. Ш. Хусусият ва заминаҳои сиёсии раванди ташаккули давлати миллии Тоҷикистон // Социализм: назария ва амалия. № 1 – 2 ( 35 – 36 ). Душанбе, 2008. С. 40.

26.Шарипов И. Особенности и политические предпосылки процесса образования национального государства Таджикистана // Социализм: теория и практика. № 1 – 2 (41 – 42). Душанбе: Бухоро, 2012. С. 79 – 94.

## БОЛЬШАЯ ИГРА: ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЕ СОПЕРНИЧЕСТВО БРИТАНИИ И РОССИИ В СРЕДНЕЙ АЗИИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СУДЬБУ ТАДЖИКОВ

**САЙНАКОВ САЙНАК ПАРПИШОЕВИЧ,**
кандидат исторических наук, доцент
кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
Тел.: (+992) 934-16-20-99. E - mail: saynakov2012@mail.ru
**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК,**
кандидат политических наук, доцент,
проректор по науке и инновациям
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru

*В статье рассматривается один из этапов “Большой игры” – соперничество Великобритании и России в Средней Азии и ее влияние на судьбу таджикского народа. Автор, на основе источников и научных исследований анализирует данную проблему и показывают негативное влияние результатов “Большой игры” на судьбу таджикского народа.*

***Ключевые слова:*** *Большая игра, геополитика, политика, Средняя Азия, Великобритания, Россия, таджики.*

## GREAT GAME: GEOPOLITICAL COMPETITION OF BRITAIN AND RUSSIA IN CENTRAL ASIA AND ITS INFLUENCE ON THE FATE OF THE TAJIKS

**SAYNAKOV SAYNAK PARPISHOEVICH,**
Candidate of History, Associate Professor
of Diplomacy and International Relations Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Phone: (+992) 934-16-20-99. E - mail: saynakov2012@mail.ru
**KOMILBEK AMID YORBEK,**
Candidate of Political Science, Associate Professor,
Vice-Rector for Science and Innovation of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru

*The article examines one of the phases of the Great Game - competition between Great Britain and Russia in Central Asia and its impact on the fate of the Tajik people. The author, analyzing this problem on the basis of sources and scientific researches, and show the negative impact of the results of the “Great Game” on the fate of the Tajik people.*

***Key words:*** *The Great Game, geopolitics, politics, Central Asia, Great Britain, Russia, Tajiks.*

УДК: 321.007

# ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲО ДАР АВРУПО ВА АМРИКО

**НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
E-mail: panurama@mail.ru

*Омӯзиши марҳалаҳои асосии пайдоиш ва таҳаввули назария ва амалияи идораи давлатӣ на танҳо барои таҳлили таърихии ин раванд дар афкори сиёсӣ, балки барои ошкор намудани таъсири онҳо ба роҳу воситаҳои идораи равандҳои кадрӣ дар асри XXI зарур аст. Бояд таъкид намуд, ки муҳаққиқони назария ва амалияи сиёсати кадрҳо асосан равандҳои ташаккули хадамоти давлатии фарҳанги сиёсии Ғарбро омӯхтаанд ва фақат гоҳҳо ба осори мутафаккирони Ҳинди Қадим ва Хитои Қадим мурочиат кардаанд.*

*Таҳлили муқоисавии сиёсати кадрҳои давлатҳои рушдёфта барои он зарур аст, ки аз таҷрибаи андӯхтаи мусбии онҳо барои пешгирӣ намудани хатогиҳо дар сиёсати кадрии миллӣ истифода намуда, норасоиҳои ин раванд ошкор ва бартараф карда шаванд. Омӯзиши таҷрибаи америкоӣ ва европоии сиёсати давлатии кадрҳо исбот менамояд, ки бо дарназардошти омилҳои гуногун онҳо аз якдигар тафовут доранд. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Франсия, Ҷумҳурии Федеративии Германия, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҳиндустон ва ғайра сиёсати давлатии кадрҳо дар доираи ду омили асосӣ – тиҷоратисозӣ ва назорати ин раванд ислоҳоти соҳаи мазкур амалӣ мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати давлатии кадрҳо, Европа, Америка, дастгоҳи идоракунӣ, идораи давлатӣ, сиёсати давлатӣ, хизмати давлатӣ, низоми маъмурӣ, мансабдорӣ давлатӣ ва ғ.*

Раванди сиёсати кадрии Европа дар Асрҳои миёна дар рушди назария ва амалияи давлатдорӣ саҳми муайян гузоштааст. Ба сиёсати кадрӣ тамоюлоти сода кардани сохтори иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ба муқоисаи давраи атиқа таъсири азим гузошт. Гузариш аз сиёсати кадрии Империяи Рим ба роҳу воситаҳои идоракунии ибтидои Асрҳои миёна амалан ҷанбаи ақибнишинӣ дошт. Тавре ки яке аз асосгузорони ҷомеашиносии муосир Г. Зиммел дар асараш «Фалсафаи меҳнат» қайд кардааст: «барои он ки ҷой дар мартабаи мансабдорони олӣ вуҷуд дошта бошад, бояд аввалан, дар соҳаи маъмуриятчигӣ кори зиёд анҷом дода шавад, бояд руҳия ва рушди фарҳанги умумӣ ин ҷойҳоро имконпазир ва зарурӣ созанд; дувум, ҳар гуна меҳнати алоҳидаи касби олӣ меҳнати пешакии касбҳои пойинро дар назар дорад»[8, с. 321].

Дар Асрҳои миёна зичии аҳолӣ шадидан коҳиш ёфт, хоҷагидорӣ сода шуд, дастгоҳи маъмурӣ ҷойро барои низоми идоракунии заминдорӣ, ки истисноан ба усулҳои анъанавӣ асос ёфта буд, холӣ кард. Таназзул ҳатто дар сатҳи маъноӣ баъзе унвонҳои ашрофзодагони Асрҳои миёнаи европоӣ ба мушоҳида мерасид. Масалан, унвони «граф» дар ибтидо дар феҳристи мансабии римӣ маънои мансабдори соҳаи коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ, дукс *(гертсог)* – сардори маъмурияти шаҳрвандӣ ё шаҳрдориро дошт. Ба хизмат дар Рим маҷбуран «ваҳшиён» – федератҳо ҷалб карда шуданд, ки ба пешвоёни онҳо ба иловаи моҳона, «вазифаи» муайян дода шуда, онҳо инро меросӣ мекарданд.

Вазифаҳои камшумор ва мулкҳои заминдорӣ меросӣ мешуданд ва шарти ин, ҷойгоҳи шахс дар мартабаи низоми феодалӣ буд. Ҳатто башардӯсти нахустини давраи

Эҳё Данте Алигери дар асари сиёсии худ «Ҳоким» навишта буд, «ашрофзодагон ба сабаби ашрофияти худ сазовори ҷойгоҳи махсусанд»[7]. Андешаи мутафаккири машҳури асримиёнагӣ М. Падуанский дар бораи ин ки шоҳ намояндаи сиёсии халқи худ мебошад, аз тарафи муосирон дарк нашуд. Дар айни ҳол, саҳми анъанаҳои европоии асримиёнагиро дар рушди сиёсати кадрӣ набояд фақат манфӣ арзёбӣ кард. Ба ақидаи ҷомеашиноси маъруф П. Сорокин, сарфи назар аз дастрасии зоҳирии элитаи асримиёнагӣ, аз он ҷумла элитаи маъмурӣ, таҳарруки амудии иҷтимоӣ дар онҳо нисбат ба давлатҳои европоии охири асри XIX, ки андешаҳои «озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ»–ро талқин мекарданд, болотар буд. Нақши лифти иҷтимоии интихоби кадрҳоро, ки холигии маъмуриро аз ҳисоби омма пур мекард, калисо бозӣ мекард. Ғояи хизмати содиқона аввал ба подшоҳ, баъдан ба давлат як қисми ахлоқи маъмурии европоии замони нав, махсусан «мансабдори намунавии пруссӣ» (ибораи М. Вебер) гардид.

Н. Макиавеллиро, ки ҳомии арзишҳои давраи навин ва чун охирин намояндаи анъанаи асримиёнагӣ меноманд, намунаҳои зерини интихоби кадрии ҳокимони даврашро ҷудо кардааст: интиқоли меросии ҳокимият, идоракунӣ бо иродаи мардум, тасарруфи ҳокимият «бо аслиҳаи худ ё далерӣ», «бо аслиҳаи бегона ё ба ҳукми тақдир», «бо бадкирдорӣ» (дасисаи пасипардагӣ ва табаддулоти давлатӣ). Ӯ бо истифода аз усули сайри таърихӣ ва мушаххасотӣ исбот намудааст, ки ду намунаи аввал ба ҳокимият ҷанбаи қонунӣ медиҳанд, аз ин рӯ, муассиртаранд. Муаллифи «Шаҳриёр» Н. Макиавелли ақида дошт, ки «дар бораи хиради ҳоким қабл аз ҳама бо он қазоват мекунанд, ки ӯ кадом ашхосро ба худ наздик мекунад»[11, с. 88]. Дар навбати худ, ҳокими намунавӣ барои дастрасӣ ба ҳокимият ва нигоҳдории мақоми худ бояд «ба шер ва рӯбоҳ монанд бошад»[11, с. 67]. Яъне дар худ ҳам қувва ва ҳам маккориро таҷассум намояд.

Бояд таъкид намуд, ки ақидаҳои Н. Макиавелли нисбат ба назарияи сиёсати давлатии кадрҳо хеле хос мебошанд. Масалан, чунин ақидаро метавон дар рисолаҳои ҳаммуосири ӯ Ф. Гвиччардини ёфт[4]. Мутаассифона, ин ақидаҳо фақат дараҷаи номукаммалии дастгоҳи идоракунии давлат ва содагии фаъолияти кадриро нишон медиҳанд, ки ҳатто дар давраи Эҳё ба сатҳи Империяи Рим нарасиданд.

Дар доираи таҳқиқоти мо Франсияи мутлақияти асрҳои XVII–XVIII бо амалияи фурӯши қонунии мансабҳо дар дастгоҳи маъмурӣ ҷолиб аст. Аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқии аз давраи асримиёнагӣ боқимонда, фақат ашхоси мутааллиқ ба табақаи ашрофиён ба мансабҳои роҳбарикунанда роҳ меёфтанд. Аммо намояндагони синфи ташаккулёбандаи буржуазия имкон доштанд, ки «пули бадастовардаашонро барои дарёфти мансаб сарф кунанд», барои худ ва барои насли ояндаи худ вазифа, аз ҷумла, дар парламент ҷой дарёфт намоянд, ки ин ба онҳо ҳуқуқ медод «либоси ашрофиро пӯшанд». Чунин мансабҳо мисли дигар молу мулк меросӣ мешуданд[9, с. 256]. Кардинал А. Ришеле ба чунин амалҳо асоси ғоявӣ додааст: «Шахсе, ки пули худро дар тартиботи мазкури давлатӣ сарф намудааст, ба вайроншавии он мусоидат намекунад»[9, с. 243]. Ба ақидаи А. Ришеле, пуштибонии арзишҳои кӯҳна ба ваҳдати сиёсӣ таҳдид мекард, дар ҳоле ки тавассути амали мазкур ашрофзодагони бузург аз имкони аз ҳисоби шоҳ ҷалб кардани тарафдорони худ, то ин ки онҳо «дар замони зарурӣ ва дар ҷойи зарурӣ ба зарари манфиатҳои давлат шахсан ба онҳо хизмат намоянд», маҳрум сохт[21, с. 146].

Таърихи минбаъдаи инкишофи ҳодисаҳои сиёсӣ дар марҳалаи Замони нав иштибоҳ будани ақидаҳои А. Ришелеро нишон дод. Дар натиҷа, дастгоҳи идоракунанда муассирӣ ва садоқати сиёсии худ ба ниҳоди подшоҳиро аз даст дод ва

«либоспӯшони ашрофӣ» неруи ҳаракатдиҳандаи баромадҳои зиддиподшоҳии Фронд ва Инқилоби бузурги буржуазии Франсия гардид.

Таҳлили сиёсӣ–фалсафии ниҳоди идориро Г. В. Ф. Гегел дар асари машҳури худ «Фалсафаи ҳуқуқ» анҷом додааст. Ин нобиғаи фалсафаи германӣ як силсила андешаҳои пешқадам оид ба ташаккули сиёсати давлатии кадрҳоро ба миён гузоштааст, ки то рӯзҳои мо аҳаммияти худро аз даст надодааст.

*Якум,* ин ақидаи арзишманд ба Г. В. Ф. Гегел тааллуқ дорад, ки ҳадафи сиёсати давлатии кадрҳо на дар интихоби ашхос ба хизмати давлатӣ мебошад, чунонки то ҳоло баъзе назарияпардозони муосир кӯшиш мекунанд бо кумаки тестҳо амалӣ намоянд, балки дар интихоби одамоне мебошад, ки тавонанд поквиҷдонона ва дақиқан вазифаҳои мушкилро иҷро намоянд.

*Дувум,* Г. В. Ф. Гегел нақши ҷомеаи шаҳрвандиро дар амалӣ намудани сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ асоснок кард: «Барои он ки ин табақа вазъияти ҷудогонаи ашрофиро қабул накунад ва бомаърифатӣ ва қобилият ба василаи худсарӣ табдил наёбад, онро муассисаҳои ҳокимияти мустақил аз боло ва ҳуқуқи иттиҳодияҳо аз пойин назорат мекунанд»[5, с. 389].

*Севум,* Г. В. Ф. Гегел таъсири самаранокии сиёсати кадрҳо ба қонунӣ будани ниҳоди давлат аз нуқтаи назари фардӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро исбот кард: «Ин он чиз аст, ки аз он қаноатмандии шаҳрвандон ва эътимоди онҳо ба ҳукумат вобаста аст»[5, с. 388].

Аз нигоҳи имрӯза, равшан аст, ки андешаҳои баёнкардаи Г. В. Ф. Гегел аз назарияи инқилобии веберии маъмурияти воқеӣ пешдастӣ карда, асоси ғояи дастаҷамъии «мансабпарастии намунавии германӣ» ва назарияи «маъмурияти намунавӣ»–ро ташкил дод.

Дар доираи мавзӯи таҳқиқоти мо шохаи дигари таҳаввулоти афкори сиёсии германиро К. Маркс пешниҳод кард. Агар Г. В. Ф. Гегел ва М. Вебер асосгузорони назарияи «маъмурияти оқилона» буданд, пас, К. Маркс ва Ф. Энгелс мунаққидони он аз «чап» буданд. К. Маркс имкони иҷтимоӣ намудани маъмуриятро бо роҳи тағйирдиҳии сиёсати кадрӣ инкор мекард. Маъмурият чун гурӯҳи иҷтимоӣ эҳтиёҷоти синфи ҳукмронро ифода менамояд ва «он чи ки ба маъмури алоҳида робита мегирад, пас, ҳадафи давлатӣ ҳадафи шахсии ӯ мегардад, яъне саъю талоши ӯ барои расидан ба мақому мартаба»[12, с. 272]. Андеша дар бораи нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсати давлатии кадрҳо аз тарафи марксизм рад шуд. Мансабдорон намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ намебошанд, тавре ки Г. В. Ф. Гегел чунин мешуморид. Ва худи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ на субъект ва на намояндаҳои сиёсати давлатии кадрҳо намебошанд.

Ба ақидаи К. Маркс, ҳатто низоми аз ҳама шаффоф ва демократии интихоби кадрии мансабдорон муқобилияти давлат бо ҷомеаи шаҳрвандиро ифода менамояд, чунки мансабдор дигар қисми ҷомеаи шаҳрвандӣ набуда, қисми иттиҳодияи маъмурӣ мегардад: «Имтиҳон чизе нест ба ҷуз эътирофи дониши сиёсӣ ба сифати имтиёз»[12, с. 272]. Ғайр аз ин, тартиби имтиҳонгирӣ ҳамеша аз иродаи субъекти сиёсӣ вобаста аст: «Ҷанбаи субъективӣ – он чиз аст, ки маҳз ҳамин фард аз ҷумлаи бисёриҳо интихоб мешавад, ба ӯ вазифа дода мешавад, ваколатдори иҷрои корҳои ҷамъиятӣ мегардад – ин яъне муқаррар намудани вобастагии фард аз вазифа аст… ин салоҳияти ҳоким чун ҳокимияти давлатии ҳалкунанда ва мустақил мебошад» [12, с. 279]. Пас, ҳатто мукаммалтарин сиёсати кадрҳо наметавонад муқобилияти маъмурият ва синфи

коргарро аз байн барад, бинобар ин, ниҳоди маъмурӣ дар ҷараёни инқилоби коммунистӣ бояд аз байн бурда шавад.

«Ҳокимияти ҷавонмардон» дар сиёсати кадрии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба назарияи «ашрофзодагии табиӣ» асос ёфтааст, ки аз тарафи Б. Франклин ва Т. Ҷефферсон ба доираи илмӣ ворид шудааст ва он пешбарии кадрҳоро мутобиқи сифатҳои ахлоқии номзадҳо дар назар дорад. Дар амалия ин маънои ба мансаб таъйин кардани ашхоси наздик ба доираи элита «муборизон барои истиқлоли Иёлоти Муттаҳидаи Америка»–ро дошт. Дар шароити маҳдуд будани шумораи кормандони дастгоҳи идоракунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар он солҳо чунин сиёсати кадрҳо комилан имконпазир буд.

Ташаккулёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа дар марҳилаҳои таърихӣ ба ҳаёти сиёсию иҷтимоии давлат таъсири амиқ расонида, сохтор ва вазифаҳои онро тадриҷан ба дигаргунӣ рӯ ба рӯ менамояд. Аз ҷумла, сохтори амнияти ҳарбӣ, вазифаҳои он, моҳият ва хусусиятҳои унсурҳои таркибии ин соҳа низ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ба таври сифатӣ тағйир ёфтаанд. Чунин дигаргуниҳо боз аз он ҷиҳат зоҳир мешаванд, ки давлатҳо ва умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ дар зери таъсири омилҳои мухталиф бо таҳдиду хатарҳои дохилию беруна рӯ ба рӯ мегарданд. Чунин тамоюлот боиси ташаккулёбии сохтори амнияти ҳарбию сиёсӣ ва дар сатҳи нав баровардани ин навъи фаъолият мегарданд. Амнияти ҳарбӣ ба монанди низомҳои дигари иҷтимоӣ унсурҳои таркибӣ ва муносибатҳои дохилии хоссаи худро доро буда, аз як ҷониб онро ҳамчун омили таъмини суботи сиёсии ҷомеа муаррифӣ намуда, аз ҷониби дигар дар зери таъсири омилҳои дохилию беруна марҳила ба марҳила ба дигаргунӣ дучор мешавад. Дар таҳқиқоти олимону пажӯҳишгарон ба масъалаи сохтори амнияти ҳарбӣ ва махсусан, унсурҳои таркибии он диққати махсус медиҳанд. Барои мисол, В.Н. Ткачев қайд менамояд, ки сохтори амнияти ҳарбӣ се гурӯҳи унсурҳои таркибиро дар бар мегирад. Гурӯҳи якум бевосита унсурҳои ҳарбиро дар худ нигоҳ медоранд, ки иборатанд аз шумораи неруҳои ҳарбӣ, таъминоти техникии он, омодагии ҳарбӣ, инфрасохтори ҳарбӣ, қушунҳои эҳтиётӣ, захираи аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ. Гурӯҳи дуюмро унсурҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд, ки пеш аз ҳама бо имкониятҳои саноати ҳарбӣ, омодагии техникию технологӣ ва ғайраҳо ифода меёбад. Гурӯҳи сеюмро унсурҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои ҳарбӣ ташкил медиҳанд [7]. Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ чунин тарзи масъалагузориро бо дарназардошти унсури хориҷии он

қобили қабул намешуморанд. Аммо ин гурӯҳи олимон эътироф менамоянд, ки сохтори амнияти ҳарбӣ бо фаъолияти вазорати мудофиа маҳдуд намегардад ва ҳар қароре, ки вобаста ба тағйирёбии сохтори амнияти ҳарбӣ ва дурнамои рушди унсурҳои таркибии он қабул мегардад, бояд дар доираи раванди ягонаи сиёсию ҳарбӣ анҷом дода шавад. Ба андешаи онҳо, «воситаҳои таъмини амнияти ҳарбии мамлакат механизмҳои татбиқи корҳои ҳарбие мебошанд, ки аз ҷониби ҷомеа ташкил карда шудаанд» [8, с.169-171]. Бояд гуфт, ки чӣ дар мавриди якум ва чӣ дар мавриди дуюм, сухан дар бораи сохтори амнияти ҳарбӣ нею, дар бораи сохтори низоми амнияти ҳарбӣ меравад, ки он дар муносибат бо системаи иҷтимоӣ ҳамчун зерсистема баромад менамояд.

Дар баъзе ҳолатҳои дигар амнияти ҳарбӣ унсури таркибии амнияти миллӣ диниста шуда, сохтори таркибии он ба таври махсус таҳқиқ намегардад ва ба монанди амнияти миллӣ ва ҳамчун унсури таркибии он метавонад танҳо масъалаҳои дохилию берунии худро дошта бошад [5, с.38-40]. Аммо таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки вобаста ба шароити мушаххаси таърихӣ ва ташаккулёбии таҳдиду хатарҳо муайян намудани сохтори амнияти ҳарбӣ хеле зарур аст. Дар чунин шароит дар навбати аввал муайян намудани вазифаҳои амнияти ҳарбӣ афзалияти бештар пайдо мекунад. Чун анъана вазифаҳои амнияти ҳарбиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудаанд: таъмини мудофиаи ҳарбии якпорчагии марзу бум, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ; ташкил намудани кафолатҳои ҳарбии таъмини устувории сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ, таъмин намудани сулҳу субот ва тартиботи ҷамъиятӣ дар кишвар; муқобилият нишон додан бо амалҳои террористию зӯроваронаи неруҳои сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳои ифротию радикалистӣ ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ [2, с.66].

Баъзан мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар таҳқиқоти баъзе олимон татбиқи амалии таъмини амнияти ҳарбӣ бо ниҳодҳои ҳарбии ҷомеа алоқаманд карда мешавад. Маҳз бо ин сабаб сохтори амнияти ҳарбӣ ба воситаи сохтори ниҳодҳои ҳарбии ҷомеа муайян мегардад [8, с.171-175]. Аммо бо чунин мулоҳизаҳо бо ду сабаб розӣ шудан мушкил аст. Якум, чи гунае, ки дар боло қайд гардид, амнияти ҳарбӣ бо фаъолияти ниҳодҳои ҳарбӣ маҳдуд намегардад. Зеро амнияти ҳарбӣ тамоми низоми иҷтимоӣ, алоқаҳои дохилию берунаи он ва кулли ҷомеаро фаро мегирад, аммо низоми ниҳодҳои ҳарбии ҷомеа ҷузъи таркибии системаи иҷтимоии кишвар мебошад. Дуюм, агар амнияти ҳарбӣ бо низоми ниҳодҳои ҳарбии ҷомеа як шуморида шавад, пас ҳолати муътадили ҷомеа ва воситаҳои таъмин ва ҳифзи ин ҳолат бетафовут боқӣ мемонанд.

Ғайр аз ин, як қатор нишондодҳоеро ба сифати унсурҳои таркибии амнияти ҳарбӣ муаррифӣ менамоянд, ки онҳо дар сатҳи баланд ҳолати мудофиавии ҷомеаро таъмин менамояд. Чунончӣ, аз лиҳози миқдор ва сифати ҳайати шахсӣ дар муносибат бо душмани эҳтимолӣ афзалият доштан; аз лиҳози миқдор ва сифати силоҳу аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ афзалият доштан ва ҳадалимкон баробар будан; дар сатҳи баланди омодагии ҳарбӣ қарор доштани қувваҳои мусаллаҳ; дар ҷомеа дар сатҳи зарурӣ мавҷуд будани иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ, илмӣ ва ҳарбӣ; дар дохили мамлакат мавҷуд будани механизми самараноки назорати қувваҳои мусаллаҳ; низоми ташаккулёфтаи сафарбарнамоии ҳарбӣ; мавҷудияти иттифоқчиёни аз лиҳози ҳарбӣ пурқудрат; мавҷуд набудани минтақаҳои шиддатноки ҳарбӣ дар кишварҳои ҳаммарз ва ғ. [4, с.96].

Чи гунае, ки маълум аст, ҳолати ҳимоятшавандагии шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дорои характери ҳарбӣ моҳияти амнияти ҳарбиро ифода менамояд. Ба ибораи дигар, доимо таъсиррасониҳои манфие мавҷуданд, ки онҳо натиҷаи фаъолият ва ё ниятҳои тахрибии неруҳои дохилию берунае мебошанд, ки ба системаи иҷтимоӣ

ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар нигаронида мешаванд ва одатан ҳамчун сарчашмаҳои таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ ба шумор meраванд. Чунин навъи таъсиррасонӣ ва фаъолнокии неруҳои тахрибӣ дар муносибат бо унсурҳои таркибии системаи иҷтимоӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятию давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, ниҳодҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дар маҷмӯъ шахс, ҷомеа ва давлат метавонанд ҳамчун объекти ин гуна таъсиррасонӣ интихоб карда шаванд. Барои ҳимояи онҳо, ки объектҳои амнияти ҳарбиро ташкил менамоянд, навъи махсуси фаъолият ташаккул дода мешавад, ки вобаста ба пешгирӣ, безараргардонӣ ва ё коҳиш додани таъсири манфии ин гуна тахрибкорӣ равона шудааст. Ин гуна фаъолиятро ниҳодҳо ва ташкилотҳое анҷом медиҳанд, ки ҳаҷми муайяни воситаҳо, ваколатҳо ва ҳуқуқҳоро соҳибанд.

Аз баррасии боло ба осонӣ эҳсос намудан мумкин аст, ки шахс, ҷомеа ва давлат объектҳои асосии амнияти ҳарбӣ мебошанд, зеро таҳдидҳои ҳарбӣ ба ҷониби онҳо равона шудаанд. Аз ҷумла, ғасбгароии ҳарбӣ, зӯроварии ҳарбӣ, низоъҳои мусаллаҳона ва эҳтимолияти ба амал омадани онҳо таъсиррасонии манфие мебошанд, ки характери ҳарбӣ доранд. Ниҳодҳои мушаххаси давлатие, ки пешгиринамоӣ ва безараргардонии ин гуна падидаҳои манфиро амалӣ мегардонанд, субъектҳои таъмини амнияти ҳарбӣ дониста мешаванд. Ҳимояи объектҳо аз таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ мақсади субъектҳои таъмини амнияти ҳарбиро ташкил медиҳад. Дар ин раванд барои расидан ба мақсади мазкур воситаҳо ва роҳу усулҳои мутобиқ ва мувофиқ истифода бурда мешаванд. Натиҷаи ин навъи фаъолиятро дар ду шакл мушоҳида намудан мумкин аст: якум, ба вуҷуд омадани ҳолати ҳимоятшавандагии объектҳо аз таъсири манфии таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ ва дуюм, дар шароити амалӣ нагардидани мақсади субъект таъмин нагардидани амнияти ҳарбӣ.

Бояд гуфт, ки субъектҳои таъмини амнияти ҳарбӣ ва воситаҳои расидан ба мақсадҳои ҳарбӣ аҳамияти зиёди амалию стратегӣ доранд ва аз ин рӯ, шарҳу тавзеҳи бештарро металабанд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки қувваҳои мусаллаҳ ва ҳатто ниҳодҳои ҳарбӣ наметавонанд ба сифати субъектҳои амнияти ҳарбӣ баромад намоянд. Зеро қувваҳои мусаллаҳ ва ниҳодҳои ҳарбӣ наметавонанд дар ҷомеа муносибатҳои иқтисодӣ, маънавию фарҳангӣ, экологӣ ва монанди инҳоро ташаккул диҳанд ва инчунин фаъолияти дипломатиро низ онҳо наметавонанд анҷом диҳанд. Агар онҳо барои анҷом додани ин корҳо сафарбар карда шаванд ҳам, наметавонанд ин гуна фаъолиятро ба монанди сарвари давлат, ҳукумат, вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар мақомҳои давлатӣ анҷом диҳанд. Бе мавҷудияти субъектҳои фаъоли амнияти ҳарбӣ таъмин намудани ин навъи амният ғайриимкон мегардад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ танҳо дар доираи салоҳияту ваколаҳои худ ин навъи фаъолиятро анҷом медиҳад ва вазифаҳои бар ӯҳдаи он вогузоршударо иҷро мекунад. Аз ин рӯ, онҳоро субъекти асосии амнияти ҳарбӣ гуфтан ҳанӯз нокифоя аст. Зеро шохаҳои дигари ҳокимият низ дар доираи салоҳияту ваколатҳои худ вобаста ба таъмини амнияти ҳарбӣ амал менамоянд ва ё дар таъмини он иштироки фаъол доранд. Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки мавқеи субъекти амнияти ҳарбӣ аз рӯйи ваколату салоҳиятҳои сиёсии он муайян карда мешавад. Ба сифати чунин субъект, пеш аз ҳама, давлат баромад менамояд, зеро дар ҳудудҳои кишвар ҳокимияти сиёсиро амалӣ мегардонад. Дар ин замина қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷомеаҳои демократӣ давлат унсури таркибии системаи сиёсии ҷомеа ба шумор меравад. Аз ин рӯ, унсурҳои дигари системаи сиёсии ҷомеа низ метавонанд ба сифати субъектҳои амнияти ҳарбӣ баромад намоянд.

Таъмини амнияти ҳарбии кишвар дар натиҷаи истифодаи воситаҳои мушаххас ба амал меояд. Аз ҷумла, маҷмӯи меъёрҳо (сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, анъанаҳо ва урфу одатҳо ва ғ.), манбаъҳо (инсонӣ, техникӣ, табиӣ, зеҳнӣ, иқтисодӣ ва ғ.), роҳу усулҳо (низоми принсипҳо ва усулҳои ташкили фаъолияти назариявию амалӣ оид ба таъмини амнияти ҳарбӣ), технологияи ҳалли масъалаҳои мушаххас (технологияҳои сиёсӣ), мақомоти татбиқкунандаи сиёсати ҳарбӣ (ниҳодҳо ва ташкилотҳои ҳарбӣ).

Бояд махсус таъкид намуд, ки давлат дар як вақт ҳам ба сифати субъект ва ҳам объекти амнияти ҳарбӣ баромад менамояд. Давлат сиёсати ҳарбӣ ва мудофиавии кишварро муайян намуда, барои татбиқи онҳо ҳалли масъалаҳои мушаххасро пешбинӣ менамояд ва бевосита дар амалӣ гардидани онҳо иштироки фаъол дорад, ки чунин навъи фаъолиятро таъмини амнияти ҳарбӣ номидан мумкин аст. Дар чунин шароит давлат ба сифати субъекти амнияти ҳарбӣ баромад менамояд. Ҳамзамон давлат ҳамчун маркази қабули қарор ва танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъминкунандаи устувории равандҳои дохилию хориҷии кишвар доимо ба ҳимоя ниёз дорад. Чунин ҳолат онро ҳамчун объекти амнияти ҳарбӣ нишон медиҳад. Инчунин дар баробари давлат ҷомеа ҳамчун маҷмӯи одамон ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ низ метавонад ба сифати объекти амнияти ҳарбӣ муайян карда шавад [6, с.16]. Тарзи зиндагии мардум, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, афкори ҷамъиятӣ, хотираи таърихӣ, дастовардҳои ҷомеа ва ғайраҳо бояд ҳифз карда шаванд. Ҳамин тариқ, сохтори амнияти ҳарбӣ маҷмӯи муносибатҳои устувори субъект ва объекти ин навъи амният ба шумор рафта, бо ҳалли масъалаҳои хусусияти ҳарбӣ-сиёсӣ ва мудофиавидошта алоқаманданд ва дар муқобили зуҳуроти зӯроварии ҳарбӣ ва ғасбгароии ҳарбӣ равона шудаанд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки шакли зоҳиршавии амнияти ҳарбӣ ва сатҳи муташаккилии он сохтори ин навъи амниятро ифода менамоянд.

Чи гунае ки аз баррасиҳои боло мушоҳида намудан мумкин аст, ниҳодҳо ва мақомоти давлатии махсусе, ки дар доираи таъмини амнияти ҳарбӣ ҳалли масъалаҳои мушаххасро ба роҳ мемонанд, ҷузъи ҷудонашавандаи сохтори амнияти ҳарбӣ ба шумор мераванд. Аммо кам нестанд ҳолатҳое, ки дар он амнияти ҳарбӣ маҷмӯи фаъолияти ниҳоду ташкилотҳои мушаххас оид ба пешгирӣ ва безараргардонии таҳдидҳои ҳарбӣ муаррифӣ мегардад ва ҳатто татбиқи сиёсати ҳарбию мудофиавии давлат аз онҳо вобаста дониста мешаванд. Воқеан ҳам, чунин ниҳодҳо ва ташкилотҳо, пеш аз ҳама ниҳодҳои ҳарбӣ ва қувваҳои мусаллаҳ дар таъмини амнияти ҳарбӣ нақши аввалиндараҷа мебозанд. Бе ёрии онҳо таъмини амнияти ҳарбӣ қариб ки ғайриимкон аст. Лекин бояд дар назар дошт, ки онҳо характери инструменталӣ дошта, барои татбиқи сиёсати ҳарбӣ хизмат мерасонанд. Аз ин рӯ, онҳо ҳарчанд ҷузъи муҳим ва зарурии сохтори амнияти ҳарбӣ ба шумор раванд ҳам, воситаҳои таъмини амнияти ҳарбӣ дониста мешаванд [1, с.176]. Ҳамин тариқ, маҷмӯи меъёрҳо, манбаҳо, методология ва технологияҳое, ки бо ҳалли масъалаҳои соҳаи амнияти ҳарбӣ алоқаманданд, инчунин маҷмӯи ташкилот ва ниҳодҳое, ки ба воситаи онҳо сиёсати ҳарбии давлат дар амал татбиқ карда мешавад, низоми таъмини амнияти ҳарбии кишварро ташкил медиҳанд.

Чи гунае ки мушоҳида намудан мумкин аст, ниҳодҳои ҳарбӣ, пеш аз ҳама, қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун ниҳоди мудофиавӣ ва воситаи татбиқи сиёсати ҳарбӣ бо маҷмӯи воситаҳо ва роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои ҳарбӣ дар низоми таъмини амнияти ҳарбӣ вориданд ва мавқеи махсусро ишғол кардаанд. Аммо таҳлили равандҳои сиёсии замони муосир нишон медиҳад, ки айни замон ҳалли масъалаҳои ҷудогона ва муҳимтарини амнияти ҳарбӣ танҳо ба воситаи ниҳодҳои ҳарбӣ

ғайриимкон аст. Ҳамзамон, таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳалли масъалаҳои муҳимтарини таъмини амнияти ҳарбии давлат бе дастгирӣ ва ҷонибдории ҷомеа номумкин аст. Барои мисол, дар Ҷанги бузурги ватанӣ ғалаба мансуб ба як кишвар ё давлат набуда, ғалабаи тамоми халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад. Ҳисси ватандӯстӣ, муттаҳид шудани одамон ва дастгирӣ намудани сиёсати ҳарбии давлат дар тӯли таърих на танҳо боиси ба даст омадани ғалаба гардидаанд, балки заминаи муҳимтарини таъмини амнияти ҳарбӣ шудаанд. Аз ин рӯ, дар ташаккули сиёсати ҳарбии давлат иштироки фаъоли ҷомеа низ бояд таъмин карда шавад.

Дар низоми таъмини амнияти ҳарбӣ се сатҳи зоҳиршавии унсурҳои таркибии онро муайян намудан мумкин аст: ҷамъиятӣ, давлатӣ ва бевосита ҳарбӣ. Чи гунае ки мушоҳида мегардад, сатҳи якуми зоҳиршавии унсурҳои таркибии сохтори амнияти ҳарбиро ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва унсурҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷомеа манбаи муҳимтарини ташаккулёбии низоми таъмини амнияти ҳарбӣ дониста мешавад. Дар ҷомеа манфиатҳои шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи амнияти амнияти ҳарбӣ ташаккул меёбанд. Инчунин ҷомеа макони анъанаҳо, урфу одатҳо, арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ мебошад, ки ба воситаи онҳо ҳувияти миллию фарҳангии одамон ташаккул дода мешавад. Ба ибораи дигар, ҷомеа фазои ҳифзи сармояи фарҳангию маънавии давлат мебошад. Бо дарназардошти ин, шуури ҷамъиятӣ бояд пойдевори асосии низоми таъмини амнияти ҳарбӣ бояд дониста шавад. Дар ин замина гуфтан бамаврид аст, ки дар фазои ҷомеа афкори ҷамъиятӣ ва шуури ҷамъиятӣ тавре бояд ташаккул дода шуда, ҳифз карда шавад, ки он вобаста ба таъмини амнияти ҳарбӣ масъулият ҳис намояд. Мутаассифона, на ҳама вақт анҷом додани ин вазифа имконпазир мегардад. Зеро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки ба афкори ҷамъиятӣ ва шуури одамон таъсири манфӣ мерасонанд. Махсусан, дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зуҳуроти ҷангҳои иттилоотию психологӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотӣ дар сатҳи хеле баланд амалӣ шуда истодаанд. Чунин тамоюлоти замони муосир ҷомеаро, ки манбаи муҳимтарини ташаккули системаи таъмини амнияти ҳарбӣ мебошад, зери хавфу хатар қарор медиҳад ва сифатҳои таркибии онро корношоям мегардонад. Яке аз ҳадафҳои ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотиро ба қишрҳои гуногуни мафкуравӣ тақсим намудани ҷомеа ташкил медиҳад. Дар чунин шароит одамон дар муносибат бо масъалаҳои таъмини амнияти ҳарбӣ муносибати яксон дошта наметавонанд ва ҳатто муносибатҳои оштинопазир ва иртиҷоӣ низ зоҳир менамоянд. Дар муқобили чунин қишрҳои ҷамъиятӣ мубориза бурдан роҳи ҳалли масъала бояд интихоб нагардад. Зеро унсурҳои ҷамъиятии низоми таъмини амнияти ҳарбӣ дар муносибат бо унсурҳои сатҳи дигар афзалияти бештар доранд. Маҳз дар ҷомеа алоқаҳои дохилии ҷамъиятие ташаккул меёбанд, ки нишондодҳои сифатии амнияти ҳарбиро инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани ҳувияти миллию фарҳангии ҷомеа, дар сатҳи баланд бурда расонидани ҳисси ватандӯстии одамон, мубориза бо падидаҳои номатлуби замона, аз ҷумла бо ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ, ҳифзи фазои иттилоотию идеологии ҷомеа имкон медиҳанд, ки нишондодҳои сифатии низоми таъмини амнияти ҳарбӣ дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шавад.

Сатҳи дуюми зоҳиршавии унсурҳои таркибии сохтори амнияти ҳарбиро ниҳодҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Ниҳодҳои мазкур дар як вақт ҳам унсурҳои муҳимтарини низоми иҷтимоии кишвар ва ҳам ҷузъҳои таркибии низоми таъмини амнияти ҳарбӣ дониста мешаванд. Дар ин сатҳи сохтори амнияти ҳарбӣ ташаккули

ғояҳо ва мақсадҳои низоми иҷтимоӣ, ба вуҷуд овардани консепсия, принсип ва роҳу усулҳои расидан ба мақсадҳои мазкур ба амал меоянд. Дар робита бо ин, таъмини амнияти ҳарбии низоми иҷтимоии ҷомеа яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат маҳсуб меёбад. Бинобар ин ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ – иҷроия, қонунгузор ва судӣ, муассиса ва ташкилотҳои зерсохтории онҳо (вазоратҳо, кумитаҳо, агентиҳо, хадамот ва ғ.) вобаста ба салоҳияту ваколат ва вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда дар таъмини амнияти ҳарбӣ иштироки бевосита доранд. Ғайр аз ин, дар таъмини амнияти ҳарбии кишвар сарвари давлат нақши калидӣ ва фавқуллода муҳимро иҷро менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъияти баамаломадаи солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, хатари пароканда шудани миллат ва ба нестӣ расидани давлат, ва инчунин аз рӯйи хусусиятҳои сохтори давлатию сиёсии кишвар нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти ҳарбии кишвар бағоят бузург мебошад.

Дар сатҳи фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ инчунин соҳаҳои иқтисодиёт, илм, тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва дигарҳоро, ки сатҳу сифати таъмини амнияти ҳарбӣ то дараҷаи муайян аз онҳо вобаста мегардад, шомил намудан мумкин аст. Аммо бояд гуфт, ки ин соҳаҳо пурра дар таркиби амнияти ҳарбӣ шоимл нестанд, танҳо он самти фаъолияташон, ки бо ҳалли масъалаҳои мудофиа, сиёсати ҳарбӣ, хизматрасонии инфрасохтори ҳарбӣ ва омоданамоии кадрҳои ҳарбӣ алоқаманд агар бошанд, метавонанд ба мундариҷаи амнияти ҳарбӣ шомил карда шаванд. Дар чунин ҳолат алоқамандии соҳаҳои гуногуни амнияти миллӣ ба мушоҳида мерасад. Зеро ҳамаи соҳаҳои амният, аз ҷумла амнияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, экологӣ, илмию техникӣ ва ғайраҳо бо ҳамдигар на танҳо алоқамандии зич доранд, балк ба ҳамдигар таъсири амиқ расонида, таъмини ҳолати муътадили якдигарро вобастаи худ менамоянд.

Ташкил намудани вазъияти муътадили дохилию беруна, ки дар он эҳтимоли ба вуҷуд омадани муносибатҳои оштинопазири ҳарбӣ аз байн бурда шудаанд ва ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳим таъин гардидаанд, мақсади асосии ниҳодҳои давлатӣ дар самти таъмини амнияти ҳарбӣ мебошад. Мақсади мазкур дар доираи фаълияти ниҳодҳои мушаххаси давлатӣ ва бо роҳи иҷроиши вазифаҳои дохилию берунаи онҳо амалӣ карда мешавад. Масалан, ташаккул додани муносибатҳои байнидавлатие, ки дар ҳалли проблемаҳои мавҷуда истифодаи неруҳои мусаллаҳ ва қувваҳои ҳарбиро истисно менамояд, вазифаи аввалиндараҷаи хадамоти дипломатии соҳаи таъмини амнияти ҳарбӣ мебошад. Чунин фаъолият дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва дигарон низ бояд анҷом дода шаванд. Ниҳодҳои давлатии сохтори амнияти ҳарбӣ то дараҷаи муайян аз афкори ҷамъиятӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо (ниҳодҳои давлатӣ) вазифадоранд, ки бо дарназардошти манфиатҳои амнияти ҳарбӣ ба ҷомеа ва афкори ҷамъиятӣ таъсиррасонӣ намоянд. Инчунин, барои амалишавии сиёсати ҳарбии давлат унсурҳои ҳарбии он низ хеле муҳиманд. Бинобар ин сатҳи сеюми унсурҳои таркибии сохтори амнияти ҳарбӣ аз ниҳодҳо ва ташкилотҳои ҳарбӣ иборат мебошанд. Бинобар он сабабе, ки онҳо дар татбиқи сиёсати ҳарбии давлат иштироки фаъол доранд ва ё бо ёрии онҳо ин навъи сиёсат амалӣ мегардад, унсурҳои сатҳи сеюмро унсурҳои иҷроия ва субъектҳои татбиқи сиёсати ҳарбӣ низ номидан мумкин аст. Субъектҳои мазкур вазифаҳои техникӣ ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси таъмини амнияти ҳарбиро бар ӯҳда доранд. Қувваҳои мусаллаҳ субъекти марказии ин сатҳи унсурҳо мебошанд. Ба ғайр аз қувваҳои мусаллаҳ, инчунин ниҳодҳои дигари ҳарбӣ, аз ҷумла маҷмӯи мақомоти

ҳарбӣ-сиёсӣ, ҳарбӣ-иқтисодӣ, ҳарбӣ-идеологӣ, ҳарбӣ-илмӣ ва муассисаю ниҳодҳои давлатие, ки ба фаъолияти ҳарбӣ машғул ҳастанд, дохил карда мешаванд [3, с.15]. Ниҳодҳои номбаргардида, асосан ҳалли масъалаҳои мушаххасеро бар дӯш доранд, ки онҳо ҷанбаҳои берунаи амнияти ҳарбиро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар сатҳи иҷроиши вазифаҳои мазкур баъзан фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ва хадамоти истихборотӣ, махсусан истихбороти ҳарбиро низ шомил намудан мумкин аст. Аммо дар маҷмӯъ, субъектҳои татбиқи сиёсати ҳарбӣ ва амалигардонии таъмини амнияти ҳарбиро аз маҷмӯи сохторҳои қудратӣ иборат донистан ба мақсад мувофиқ аст. Аз ҷумла, Қувваҳои мусаллаҳ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Қушунҳои сарҳадӣ, Вазорати мудофиа, Прокуратураи генералӣ ва Прокуратураи ҳарбӣ, марказҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимии соҳаи ҳарбӣ, саноати ҳарбӣ ва ғайраҳо, ки дар таъмини амнияти ҳарбӣ вазифаҳои мушаххасро иҷро менамоянд. Баланд бардоштани иқтидори мудофиавию муҳорибавии мамлакат вазифаи ниҳодҳои маркази ин гурӯҳи субъектҳор ташкил медиҳад. Вазифаҳои дигар барои амалишавии ин мақсад иҷро мегарданд ва тобеи он гардонида шудаанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, вазифаҳои субъектҳои ҳарбиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

Якум, ҳифзу такомули заминаҳои муҳимтарини таъмини амняти ҳарбии кишвар. Ташаккули қувваҳои мусаллаҳ, дар сатҳи зарурӣ қарор додани нишондодҳои сифатии он, таъминоти шароити моддию маънавӣ барои фаъолияти самараноки онҳо заминаҳои муҳимтарини таъмини амнияти ҳарбӣ мебошанд. Бо ин мақсад, ба амал баровардани омодагии ҳарбии ҷавонон барои шомил шудан ба сафи қувваҳои мусллаҳ дар доираи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии ғайриҳарбӣ, коркардҳои илмӣ-техникӣ ва таҳқиқоти илмии соҳаи мудофиа, ихтирои техникаи навин ва пешрафтаи ҳарбӣ, ҳалли масъалаҳои дорои характери иҷтимоидошта, ҷобаҷогузории ҷузъу томҳои низомӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои ҳарбӣ бо кишварҳои иттифоқчӣ ва дар ин замина ташаккул додани низоми амнияти ҳарбии дастаҷамъӣ ва ғ. ба роҳ монда мешаванд.

Дуюм, рушду инкишофи иқтидори стратегию сиёсии субъектҳои ҳарбӣ вобаста ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси таъмини амнияти ҳарбӣ мебошад. Дар ин самт қувваҳои мусаллаҳ нақши калидӣ мебозанд. Қувваҳои мусаллаҳ вазифадоранд, ки барои фаъолияти муназзами ниҳодҳои давлатӣ ва таъмини фазои ороми ҷомеа шароит муҳайё намоянд. Аз ҷумла, ташкил намудани гузашти ҳарбӣ ва ба намоиш гузоштани иқтидори ҳарбии кишвар, чорабиниҳои пешгирикунандаи таҳдидҳои ҳарбӣ, аз ҷумла баргузор намудани машқу тамринҳои ҳарбӣ, санҷидани яроқу аслиҳа ва ғайраҳо вазифаҳои бевоситаи қувваҳои мусллаҳ ба шумор мераванд. Истифодаи яроқу аслиҳа, таъсиррасонии ҳарбӣ ва зӯроварии ҳарбӣ чораҳои ниҳоии таъмини амнияти ҳарбӣ мебошанд. Чунин амалхо метавонанд ҳам барои ҷавоб гардонидан ба амалҳои зӯроварона бошанд ва ҳам метавонанд бо мақсади мудофиаи кишвар ва барои пешгирӣ намудани таҳдиди воқеӣ анҷом дода шаванд.

Ҳамин тариқ, низоми амнияти ҳарбӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва ҳамзамон мураккабу гуногунтаркиби соҳаи амнияти миллӣ ба шумор рафта, унсурҳои таркибии он бо дарназардошти хусусияти самтҳои фаъолият ба гурӯҳҳои ҷудогона тақсим мешаванд. Чи гунае, ки омӯзиши ин масъала нишон дод, пеш аз ҳама, се гурӯҳи унсурҳои низоми амнияти ҳарбиро ҷудо намудан мумкин аст. Якум - ҷамъиятӣ, дуюм – давлатӣ ва сеюм – ҳарбӣ.

**Адабиёт**

1. Арутюнян А. Потенциал военной безопасности государства // Научных арцах. – 2018. –№1. –С.173-181.

2. Безопасность Евразии – 2002. Энциклопедический словарь-справочник. Приложение к журналу «Безопасность Евразии». –М.: Изд-во «Книга и бизнес», 2003. –С.66.
3. Вершилов С.А., Новосельский А.В. Условия, причина и основания военной безопасности как ее естественные элементы // International Journal of Humanities and Natural Sciences. – 2020. – vol. 6. –No.1 (45). P.13-19.
4. Носков Ю.Г. Религиозный фактор в системе угроз национальной безопасности. –М.: ВУ, 2002. –С.96.
5. Общая теория национальной безопасности. Под ред. А.А. Прохожева. –М.: Изд-во РАГС, 2002. –С.38-40.
6. Останков В.И. Проблемные вопросы научно-методологического обеспечения военной безопасности Российской Федерации // Военная мысль. –2005. –№2. –С.16.
7. Ткачев В.Н. Обеспечение военной безопасности России как системная проблема // Военная мысль. – 1996. –№3.
8. Философско-политологические проблемы национальной и военной безопасности. Часть 1. Философия безопасности существования человечества. Под ред. А.М. Кондакова и С.В. Смульского. –М.: Военная академия РВСН им. Петра Великого, 1998. –С.169-171.

## СТРУКТУРНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ СИСТЕМЫ ВОЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ИХ ЗАДАЧИ

**АЗИЗЗОДА ХАФИЗ ДЖАБОР,**
соискатель отдела политических проблем
международных отношений Института философии,
политологии и права имени А.Баховаддинова
Национальной академии наук Таджикистана.
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 33.

*Изучение и исследование системы военной безопасности и ее структурных элементов является одной из важнейших проблем современности. Так как обеспечение военной безопасности, предотвращение и снижение негативного воздействия угроз военного характера в контексте национальной государственности выступают залогом мира, стабильности и устойчивости общества. Анализ показывает, что на сегодняшний день этот вопрос не изучен на должном уровне. Именно поэтому исследование теоретических и методологических аспектов данного вопроса позволяет определить перспективы обеспечения военной безопасности Республики Таджикистан. Кроме того важность изучения данного вопроса заключается в том, чтобы также показать взаимосвязь между военной безопасностью и другими сферами безопасности. В данной статье, учитывая характер основных направлений военной деятельности, автор анализирует структурные элементы системы военной безопасности и разделяет их на отдельные группы. Автор также определяет субъекты военной безопасности, показывая их цели и задачи.*

***Ключевые слова:*** *военная безопасность, военные угрозы, система военной безопасности, вооруженные силы,обеспечение военной безопасности, военная политика.*

## STRUCTURAL ELEMENTS OF THE MILITARY SECURITY SYSTEM AND THEIR TASKS

**AZIZZODA HAFIZ JABOR,**
applicant for the Department of Political Problems of International Relations
of the Institute of Philosophy, Political Science and
Law named after A.Bakhovaddinov of the
National Academy of Sciences of Tajikistan,.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Rudaki Ave.

*The study of the military security system and its structural elements are one of the most important problems of our time. As ensuring military security, preventing and reducing the negative impact of military threats in the context of national statehood are the assurnce for the peace and stability of society. The analysis shows that to date this issue has not been studied at the proper level. That is why the study of the theoretical and methodological aspects of this issue will help determine the prospects for ensuring the military security of the Republic of Tajikistan. In addition, the importance of studying this issue lies in the fact that it is also necessary to show the relationship between military security and other areas of security. Taking into account the nature of the main directions of military activity, the author in this article, analyzes the structural elements of the military security system and divides them into separate groups. The author also highlights the subjects of military security, showing their goals and objectives.*

***Key words:*** *military security, military threats, military security system, armed forces, ensure military security, military policy.*

**УДК: 316.334.**

# ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БА СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ

**ҚУРБОНЗОДА ДАЛЕР ҚУРБОН,**
ассистенти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ
735140, ш. Кӯлоб, к. Сафаров 16,
Тел.: (+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур доир ба сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун заминаи ташаккули давлати иҷтимоӣ барраси мегардад. Зикр кардан ба маврид аст, ки сиёсати иҷтимоӣ дар ташаккул ва таҳкими давлатдорӣ ва махсусан ба вуҷудории давлати иҷтимоӣ нақши калон дорад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ҳукумат барои иҷтимоикунонии давлат саъю кӯшиши беандоза менамояд.*

*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ки вазифаи асосии давлатро дар бавуҷудории давлати иҷтимоӣ маънидод намудааст, амал намуда, дар давоми солҳои 1992–2020 ҷиҳати фароҳам овардани фазои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи беҳдошти сатҳи зиндагӣ, даромадҳои аҳолӣ, тақвияти ҳимояи иҷтимоии табақаҳои камбизоатӣ аҳолӣ, дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ силсилаи корҳои қобили мулоҳизаро ба анҷом расонидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати иҷтимоӣ, давлати иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ, модел, диверсификатсия, камбизоатӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, гуманизм.*

***Давлати иҷтимоӣ яке аз таърифҳои калиди давлати мутамаддини муосир мебошад. Ба маънои умумӣ, давлати иҷтимоӣ як навъи давлатест, ки яке аз вазифаҳои муҳими дохилӣ фаъолона таъсир расонидан ба соҳаи иҷтимоии ҷомеа ба манфиати табақаҳои васеи аҳолӣ мебошад. Гончаров П.К***

Давлат як субъекти бисёрҷанбаи ичтимоӣ мебошад. Аз як тараф, он ҳамчун дастгоҳи махсус барои идоракунии ҷомеа амал мекунад аз ҷониби дигар, он пайдоиши ассотсиатсияро, ки дар қаламрави чудогона ҷойгир мебошад ва ҳамаи аъзои ҷомеаро дар бар мегирад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки барои ба вучуд овардани давлати ичтимоӣ накши сиёсати ичтимоӣ дар мадди аввал меистад. Барои фахми дарки дурусти сиёсати ичтимоӣ ҳамчун заминаи ташаккули давлати ичтимоӣ бояд сараввал мафҳуми давлати ичтимоӣ ва сиёсати ичтимоиро дар алоҳидагӣ барраси намоем.

Ғояҳои давлати иҷтимоӣ дар ибтидои асрҳои 19 ва 20 таҳия шуда, баъдан дар системаҳои ҳуқуқии бисёр давлатҳои Аврупо ба таври қонунӣ мустаҳкам шуданд, ки бо чунин сабабҳо ба монанди эҳтиёҷоти индустриализатсияи иқтисодиёти миллӣ, ҳаракат ба демократикунонии ҷомеа ва афзоиши аҳамияти ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ба вуҷуд омадаанд.

Истилоҳи "давлати иҷтимоӣ" дар айни замон дар илмҳои сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Бо вуҷуди ин, дар байни муҳаққиқон дар бораи мафҳуми «давлати ичтимоӣ», ки ба маънои яктарафа маънидод кардани он имкон диҳад, ягон тавофуқ ба вуҷуд наомадааст. Равишҳои гуногун ба дарк кардни ин истилоҳ омӯхтани табиати он, механизмҳои фаъолиятро душвор мегардонанд ва ҳамзамон аз хоҳиши муҳаққиқон барои ёфтани таърифи муносибтарин шаҳодат медиҳанд[7,100].

Ба ақидаи Г.Семигин, моҳияти иҷтимоии давлат бояд аз нигоҳи моҳияти сиёсии худи давлат баррасӣ карда шавад.

Давлат як субъекти бисёрҷанбаи иҷтимоӣ мебошад. Аз як тараф, он ҳамчун дастгоҳи махсус барои идоракунии ҷомеа амал мекунад; аз ҷониби дигар, он пайдоиши ассотсиатсияро, ки дар қаламрави ҷудогона ҷойгир мебошад ва ҳамаи аъзои ҷомеаро дар бар мегирад[4,с294].

Дар Донишномаи нави фалсафӣ "давлати иҷтимоиро ҳамчун як навъи муосири давлати хеле инкишофёфта, ки дар он сатҳи баланди ҳифзи иҷтимоии ҳамаи шаҳрвандон тавассути фаъолияти фаъоли давлат оид ба танзими иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои фаъолияти ҳаётии ҷомеа, муқаррар кардани адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагӣ таъмин карда мешавад"[3,611] муайян мекунад. Давлати иҷтимоӣ ин сатҳи баланди наздик ба мақсад ва гармонизацию муносибатҳои институтҳои давлатӣ ва ҷомеа мебошад. Ҳамзамон фаъолияти муваффақонаи давлати муосири иҷтимоӣ амалӣ намудани як қатор шартҳоро дар бар мегирад:

- дар иқтисодиёт: давлати иҷтимоӣ бояд чораҳои танзими давлатӣ ва рушди ташаббусҳои шахсии шаҳрвандонро барои таъмини некӯаҳволии худ якҷоя кунад;
- дар сиёсат: қувваҳои сиёсии асосӣ бояд дар бораи ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии рушди ҷомеа мувофиқати ҳамаҷониба дошта бошанд ва системаи фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ бояд дуруст кор кунад. Дар якҷоягӣ, ин ба нигоҳ доштани муттасилӣ дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлатҳо мусоидат хоҳад кард;
- дар соҳаи маънавӣ: дар ҷомеа эҳсоси шаҳрвандӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ ва гуманизм бояд рушд ёбад[2,612].

Ҳадафи ниҳоии рушди соҳаи иҷтимоии давлати иҷтимоӣ бояд қабули принсипи адолати иҷтимоӣ бошад, ки маънои онро дорад:

-Барои ҳар як шахс ба меҳнат тибқи қобилият ва тахассуси ӯ кафолат дода мешавад; оид ба музди меҳнат вобаста ба сифат ва миқдори он; имкони худтаъминкунӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии худ;

- Ба таври идеалӣ фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳама аъзои ҷомеа тавассути низоми тарбия, таълим ва дастгирии иҷтимоӣ; гузариш аз баробарии сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон ба баробарии иҷтимоии онҳо;

Аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъмин намудани сатҳи зиндагии қобили қабули шаҳрвандони заиф ва алоҳида, ки қобилияти кор кардан ва мустақилона сатҳи зиндагии худро нигоҳ доштан надоранд.

Дар айни замон, ба маънои умум қабул шудаи мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» вуҷуд надорад. Ба масъалаи омӯзиши давлатҳои иҷтимоӣ ва пешгӯиҳои рушди ояндаи онҳо донишмандони зиёд машғул мебошанд, аммо баъзан муносибатҳо ба моҳияти масъала ба таври гуногун пешниҳод карда мешаванд.

Сиёсати иҷтимоӣ ин сиёсат дар соҳаи рушд ва амнияти иҷтимоии мебошад, ки дар системаи фаъолиятҳое, ки аз ҷониби субъекти соҳибкорӣ, чун қоида, аз ҷониби давлат, ки ба баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ дониста мешавад. Инчунин сиёсати иҷтимоӣ - рушди иҷтимоӣ; системаи идоракунии як сохтори иқтисодӣ (одатан ҳатмӣ), ки ба баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва инчунин доираи омӯзиши масъалаҳои марбут ба чунин сиёсат, аз ҷумла ҷанбаҳои таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва сотсиологӣ, ба монанди ва баррасии муносибатҳои сабабӣ дар соҳаи масъалаҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. иштироки фаъоли давлат дар соҳаи иҷтимоӣ инчунин ба бӯҳронҳои иқтисодӣ, бекорӣ, шароити низоми соҳибкории хусусии вобаста аст, ки давлатро маҷбур кард, ки ҳифзшавандатаринро дастгирӣ кунад қишрҳои аҳолӣ - маъюбон, кӯдакон, пиронсолон ва бекорон. Сиёсати иҷтимоӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

1. Функсияи эътидол (ба ҳолати устувори расонидани муносибатҳои иҷтимоӣ ва вазъи иҷтимоии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолиро таъмин мекунад).
2. Функсияи ҳавасмандгардонӣ (бо ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ ва нигоҳ доштани он дар оянда.
3. Функсияи кафолат (сатҳи поёнии -и неъматҳои моддиро муқаррар мекунад, ки фаъолияти муқаррариро ба назар мегирад).
4. Функсияи муҳофизатӣ (расонидани кӯмак ба гурӯҳҳои муҳофизатӣ ва осебпазири иҷтимоиро дар назар дорад).

Самаранокии сиёсати иҷтимоии давлат аз он вобаста аст, ки талаботи иҷтимоии одамон то чӣ андоза қонеъ карда мешавад.

Дар рушди давлати иҷтимоӣ, се сиёсати бунёдиро барои сиёсати оқилонаи иҷтимоӣ дар асоси ин принсипҳо фарқ кардан мумкин аст:

-рушди системаи пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва сатҳи баланди андозҳо, ки бучаро ташкил медиҳанд, ҳаҷми баланди маблағҷудокунӣ ба соҳаи иҷтимоӣ;

- рушди системаи хизматрасониҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ;

- рушди системаи ҳуқуқие, ки дар он тақсимоти ваколатҳо амалӣ карда мешавад, иҷрои дақиқи функсияҳои ҳар як шохаи ҳокимият, системаи танзимкунандаи ҳаёти иҷтимоӣ кор карда баромада шудааст[5,с84-87].

Вазифаи асосии давлат дар соҳаи иҷтимоӣ на танҳо дар танзими тақсимот, балки, дар навбати аввал, фароҳам овардани шароити баробар барои рушд ва татбиқи потенсиали ҳар як узви ҷомеа ва дуввум, кафолати сатҳи зиндагии шоиста барои ҳамаи онҳое, ки бо сабабҳои объективӣ ин потенсиалро амалӣ карда наметавонад, дида мешавад.

***Якчанд моделҳои давлати иҷтимоӣ мавҷуданд.***

Яке аз онҳо модели либералӣ мебошад, *ки* ба принсипи инфиродӣ асос ёфтааст, ки масъулияти шахсии ҳар як аъзои ҷомеаро барои тақдири худ ва сарнавишти оилаи худ пешбинӣ мекунад. Нақши давлат дар ин модел ночиз аст. Маблағгузорӣ барои барномаҳои иҷтимоӣ пеш аз ҳама аз ҳисоби пасандозҳои шахсӣ ва суғуртаи хусусӣ сурат мегирад. Дар айни замон, вазифаи давлат ҳавасмандгардонии афзоиши даромади шахсии шаҳрвандон мебошад. Ин модел дар ИМА, Англия ва дигар кишварҳо истифода мешавад.

Модели дигари давлати иҷтимоӣ корпоративӣ мебошад, ки механизми масъулияти корхонаҳо ва ташкилотҳо (корпоратсияҳо) -ро барои вазъи молиявӣ ва тақдири кормандони худ пешбинӣ мекунад. Ба корманд аз ҷониби корпоратсия кафолатҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла кумакпулӣ барои нафақа, пардохти қисман барои хизматрасониҳои тиббӣ, таълимӣ ва ғайра дода мешавад. Таъмини иҷтимоӣ аз ҳисоби саҳмҳои суғуртаи корпоратсияҳо ва фаъолияти ташкилотҳои корфармо асос ёфтааст[8,554].

Модели маъмултарини давлати иҷтимоӣ як намунаест, ки ба масъулияти тамоми ҷомеа барои тақдири аъзои худ асос ёфтааст ва принсипи асосӣ шартест, ки сарватмандон барои камбағалон ва ҷавонон барои пиронсолон пардохт мекунанд. Давлат пардохтҳои воридшудаи андозро тавассути буҷа, фондҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ, системаи хидмати иҷтимоӣ тақсим мекунад. Нақши ёрирасон аз ҷониби муассисаҳои ғайридавлатии (хусусии) кӯмаки иҷтимоие, ки дар кишварҳо фаъолият мекунанд (фондҳо, барномаҳо ва ғ.), ки нақши ёрирасон доранд.

Дар Аврупо ду намуди кишварҳо инкишоф ёфтанд, ки аз ҷиҳати ҳиссаи иштироки давлат, корманд ва корфармо дар маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Ба навъи якум кишварҳое дохил мешаванд, ки иқтисоди бозаргонии иҷтимоӣ доранд, ки ҳиссагузориҳои буҷетӣ ва корманди суғуртаи корманд ва корфармо барои рӯйдодҳои иҷтимоӣ тақрибан баробаранд ва каналҳои асосии тақсимот фондҳои суғуртаи иҷтимоӣ мебошанд (яъне таҳти назорати давлат) . Ба ин кишварҳо Олмон ва дигар давлатҳо дохил мешаванд. Ба навъи дуюм кишварҳое дохил мешаванд, ки ба истилоҳ сотсиализми бозорӣ доранд, ки қисми зиёди хароҷоти иҷтимоиро давлат ба дӯш мегирад ва буҷа канали асосии тақсимот мебошад (масалан, Шветсия).

Федератсияи Россия ба таҷрибаи иҷтимоисозии ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва инчунин бо назардошти тафаккури ҷомеаи худ такя намуда, худро давлати иҷтимоӣ эълон кард. Амалияи давлатҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи онҳо дар раванди фаъолияти худ ба як қатор принсипҳо асос мeёбанд, аз ҷумла:

- озодии иқтисодии шахс ва эътирофи ҳуқуқи соҳибкорон ва иттиҳодияҳои онҳо, шахсони меҳнати кироя ва иттифоқҳои касабаи онҳо ба мустақилияти тарифӣ дар асоси шарикии иҷтимоӣ;
- эътимод ба нақши танзимкунандаи бозор тавассути талабот, пешниҳод, нархгузорӣ, рақобат, аммо ҳамзамон масъулияти давлат барои бозии нерӯҳои бозор ва фароҳам овардани шароит барои соддагардонии ҷараёни ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба таъмини некӯаҳволии шаҳрвандони он;
- адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ, аз ҷумла тавассути тақсимоти андоз аз даромад аз сарватмандон ба камбизоат ва вазни кори қобили меҳнат барои кӯмак ба маъюбони аллакай маъюб;
- иштироки коргарон дар идоракунии истеҳсолот ва тақсимот, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, рушди шаклҳои гуногуни демократияи иқтисодӣ.

Вазифаи асосии давлати иҷтимоӣ ноил шудан ба чунин рушди иҷтимоӣ мебошад, ки ба принсипҳои адолати иҷтимоӣ, ҳамбастагии ҳамаҷониба ва масъулияти тарафайн, ки дар қонунгузорӣ сабт шудаанд, асос меёбад. Давлати иҷтимоӣ даъват карда мешавад, ки ба нотавонон кӯмак расонад, то ба тақсимоти фоидаи иқтисодӣ дар асоси принсипи адолат таъсир расонанд, то ки ҳамагон зиндагии шоиста дошта бошанд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад дастовардҳои беназир дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаи муосири кишвар дар тайи бисту нӯҳсоли соли соҳибистиқлолии мамлакат ба таври возеҳу равшан эҳсос мешавад. Кӯшишу талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ҷиҳати ҳарчи бештару хубтар ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, алҳол самараи худро дар тамоми самту бахшҳои ҷомеаи муосири мо зоҳир менамояд. Ва беасос нест, ки дар марҳалаи кунунии тараққиёти кишвар ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар минтақаи Осиёи Миёна ягона давлати риоякунандаи меъёрҳои демократӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар падидаҳои ба сиёсати иҷтимоӣ алоқамандбуда эътироф намудааст. Ин манзурро хулосаҳои бонуфузи вазъи воқеии сиёсати иқтисодиву иҷтимоии феълии пешниҳоднамудаи созмонҳои байналмилалие, ки тайи чанд соли охир бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории судмандро ба роҳ мондааст, собит менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ки вазифаи асосии давлатро дар бавуҷудории давлати иҷтимоӣ маънидод намудааст, амал намуда, дар давоми солҳои 1992–2020 ҷиҳати фароҳам овардани фазои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи беҳдошти сатҳи зиндагӣ, даромадҳои аҳолӣ, тақвияти ҳимояи иҷтимоии табақаҳои камбизоатӣ аҳолӣ, дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ силсилаи корҳои қобили мулоҳизаро ба анҷом расонидааст. Чунончи дар тӯли 29 соли Истиқлолияти давлатӣ дар масъалаи тартибу таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бо мақсади беҳтар намудани вазъи модии аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати ҳадди ақал, маоши кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ нафақа ва стипендияҳо, инчунин, ҷиҳати иҷрои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020” мавриди амал қарор доранд[12].

Дар давраи раванди тадбиқи барномаҳои стратегӣ иқтисодиёт, бо шарофати стратегияи зиддибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, назар ба пешгӯйиҳо зудтар барқарор гардид. Масалан, тибқи муқаррароти «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» муайян гардид, ки сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 38,3 дарсади соли 2012 то ба 31,5 дарсади дар соли 2015 ва сатҳи зинаи миёна аз 19,5 дарсад то ба 29,4 дарсад расонида шавад.

Дар зарфи ҳафт соли охир сатҳи камбизоатӣ аз 38,3 дарсад ба 27,5 дарсад коҳиш ёфта, ҳадди ақали музди меҳнат 2 маротиба, музди миёнаи меҳнат 1,9 маротиба, нафақа ҳадди ақал аз рӯйи сину сол, заминавӣ ва ниҳои 1,4 маротиба ва стипендияҳои давлатии донишҷуёну аспирантони муассисаҳои илмӣ 1,5 маротиба афзоиш ёфтааст[11].

“Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” яке аз барномаҳои сиёсати иҷтимоии кишвар мебошад, метавон ҳамчун заминаи ташаккули давлати иҷтимоӣ гуфт. Дар ин барнома вобаста ба вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ва беҳтар гардонидани давлати иҷтимоӣ ба якчанд самт равона карда шудааст:

- дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳру деҳот, ҳамчун роҳҳои самарабахши афзун намудани тсъдоди ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ;
- ҳавасмандкунии рушди "шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкории экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ;
- таъмини аҳолии деҳот бо ҷойҳои кор тавассути азхудкунии заминҳои бекорхобида ва нав;
- рушди шабакаи таълимӣ барои ба даст овардани малакаҳои касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ки талаботи занон, ҷавонон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла маъюбонро ба инобат мегирад;
- ҳавасмандии ҳаматарафаи фаъолияти фермерӣ ва соҳибкории хурд дар бахши аграрӣ тавассути қонунгузорӣ, бахусус барои ҷавонон;
- диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ, аз ҷумла бо назардошти омили гендерӣ ва таҳкими танзими давлатии раванди бозгашти муҳоҷирон;

- рушди бахшҳои меҳнатталаби иқтисодиѐт, ки маҳсулоти он ба содирот равона карда мешавад (комплекси агросаноатӣ, саноати бофандагӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок);

- амалӣ намудани сиёсати давлатии шуғл, ки бо сиёсати соҳаи маориф ҳамоҳанг мебошад;

- истифодаи васеи хизматрасониҳои тслекоммуникатсионӣ дар раванди мубодилаи маълумот оид ба ташкили ҷойҳои корӣ дар байни ҷавонон ва мусоидат ба соҳибкорӣ.

Дар марҳилаи нави рушд се вазифаи асосӣ дар назди кишвар меистад: якум, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миѐнаи муқоисашаванда; дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ; сеюм, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна[15].

Бартариҳои асосии пешрафти кишвар аз соли 2015 инҷониб ба татбиқи бавуҷудории давлати иҷтимоӣ ин идеологияи иқтисодӣ, принсипҳои заминавӣ ва маҷмӯи тадбирҳои дар стратегияи миллии рушд-2030 инъикосѐфта равона шудаанд, дар амал ҳалли худро ёфта истодааст. Ба чунин бартариятҳо шомиланд: маориф, тандурустӣ, шуғл, нобаробарӣ, мубориза бар зидди коррупсия, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо, идоракунии самаранок, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ва ғ.

Масъалаҳои экологӣ ва осебпазирӣ, бахусус дар шароити коҳишдиҳӣ ва мутобиқат ба тағйирѐбии иқлим назаррас боқӣ мемонанд. Ин масъалаҳо дар доираи Ҳадафҳои рушди устувор баъди соли 2015 аҳамияти бештарро касб намуданд. Ба ин ҳадафҳо истифодаи оқилонаи захираҳои об, таъмини устувори маҳалҳои аҳолинишин, андешидани тадбирҳои фаврӣ оид ба мутобиқат ба тағйирѐбии иқлим, муҳофизати экосистемаҳои рӯизаминӣ, таназзулѐбии замин, пешгирӣ ва аз байн бурдани оқибатҳои офатҳои табиӣ, инчунин беҳтар намудани дастрасӣ ба оби тоза ва беҳдошт дохил мешаванд. Аҳолии деҳоти Тоҷикистон бештар аз таназзулѐбии муҳити зист осебпазир мебошад. Дар робита бо рушди минтақавӣ дар сифати оби аз ҷониби аҳолии шаҳр ва деҳот барои ниѐзҳои хоҷагӣ ва нӯшиданӣ истифодашаванда тафовути зиѐд боқӣ мемонад, фарқият байни минтақаҳо дар сатҳи инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ нмз ба назар мерасад. Дар баробари ин, фишори нисбатан баланди демографӣ дар деҳот аз ҷиддӣ будани мушкилии алоқаманд бо шуғл ва даромад дар деҳот шаҳодат медиҳад[14].

Сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз принсипи давлати иҷтимоӣ будани он бармеояд. Дар ин маврид дар моддаи якуми Конститутсия гуфта мешавад: «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад»[6].

Дар давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ғамхорӣ ба соҳаҳои муҳими марбут ба фаъолияти васеи мардум дар ҷойи аввал қарор дорад. Ин соҳаҳо аз он ҷиҳат муҳиманд, ки мардум ҳар рӯз бо онҳо сарукор мегиранд, масалан, соҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – нафақа, суғурта ва ғайра.

Фароҳам овардани шароит барои таҳсил имкон медиҳад, ки наврасону ҷавонон новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ба омӯзиш ҷалб карда шаванд. Дар низоми муассисаҳои олии касбӣ вобаста ба талаботи иқтисоди бозорӣ ва вазъи иқтисодии табақаҳои гуногуни ҷомеа шаклҳои ройгон ва шартномавии таҳсил ба роҳ монда шудаанд.

ҷавонон дар масъалаи интихоби шакли таҳсил комилҳуқуқ мебошанд. Дар гурӯҳҳои шакли таҳсилашон ройгон хароҷоти таҳсилро худи давлат пардохт мекунад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки асоси иҷтимоии давлатро гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ – кишоварзон, хизматчиёни давлатӣ, коргарон, соҳибкорон, ҳунармандон, нафақахӯрон, тоҷирон, хизматчиёни ҳарбӣ, кӯдакону наврасон, ҷавонон ва ғайра ташкил медиҳанд. Табақаҳои номбаршуда яке нисбат ба дигаре афзалият ё маҳдудият надорад. Вазъи ҳуқуқии табақаҳои номбаршударо қонунҳои амалкунандаи кишвар танзим мекунад.

Бояд иброз кард, ки ҳар яке аз соҳаҳои иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон – маориф, илм, фарҳанг, нигаҳдории тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра тавассути қонунҳои конститутсионие фаъолият мекунанд, ки муносибатҳои муҳимтарини соҳаҳои дар боло номбаршударо фаро мегиранд. Чунончи, барои танзими муносибатҳои соҳаи маориф Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», барои танзими муносибатҳо дар соҳаи фарҳанг Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ва барои танзими муносибатҳои соҳаи нигаҳдории тандурустӣ бошад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» қабул карда шудаанд[14]. Қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқие, ки тамоми соҳаҳои гуногуни иҷтимоиёти давлатро ба танзим медароранд, дар маҷмӯъ сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян месозанд.

Дар раванди масъалаи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки замони муосири моҳияти давлати иҷтимоиро бо татбиқи принсипҳои воқеияш актуалӣ гардонидааст. Дар баробари ин моҳиятан давлати иҷтимоиро бо принсипи иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоиаш дар ҷомеа эътибор медиҳанд. Дар ҷаҳони муосир мамолики гуногуни руйи олам кушишҳои зиёдро дар бораи мустаҳкамнамоии сиёсати иҷтимоиашон карда истодаанд, ки ин ченаки бузургӣ ва тавонмандии онҳоро ифода мекунад.

Ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳайси соҳибихтиёр, демократӣ, иҷтимоӣ ва навташаккулёфтаи миллӣ кушишҳои зиёдро бахри муввафақгарди дар таъмини сиёсати иҷтимоӣ бо мушаххасии манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда истодааст, ки мисоли равшани ин гуфтаҳо дар стратегияи миллӣ рушд то давраи соли 2030 нишон дода шудааст.

Воқеан масъалаҳои назариявӣ ва амалии омӯзиши мавзӯи мазкур моро ба такмили низоми иҷтимоии ҷомеа шинос гардонида воқеияти татбиқи сиёсати иҷтимоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод.

**Адабиёт**

1.Гончаров П.К. Социальное государство // Новая философская энциклопедия. В 4 т. — Т.З. - С.611.

2. Гончаров П.К. Социальное государство // Новая философская энциклопедия. В 4т.-Т. 3.-С. 612.

3.Ирхин Ю.В. Социальное государство как этап правового государства: классические подходы в конституционализме и современность // Россия: путь к социальному государству / Материалы Всероссийской научной конференции (Москва, 6июня 2008 г.). - М., 2008. - С. 294.

4.Ирхин Ю.В. Социальное государство как этап правового государства: классические подходы в конституционализме и современность // Россия: путь к социальному государству / Материалы Всероссийской научной конференции (Москва, 6 июня 2008 г.). - М., 2008. - С. 294.

5. Калашников СВ. Очерки теории социального государства. - С. 84-87.

6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 1
7.Роик В.Д. Социальное государство: от декларации к реальному построению // Россия: путь к социальному государству / Материалы Всероссийской научной конференции (Москва, 6 июня 2008 г.). - М., 2008. - С. 100.
8.Хартия Европейского Союза об основных правах от 12 декабря 2000 г. [Текст] // Европейский Союз: Основополагающие акты в редакции Лиссабонского договора с комментариями / Отв. ред. СЮ. Кашкин. - М.: ИНФРА-М, 2010. - С. 554-569.
9.https://soi.tj/?p=2374&lang=tg
10.https://mts.tj/3172/news/
11.http://www.gst.tj/images/docs/20202030/2030%D1%82%D0%BE%87.pdf
12.https://mts.tj/3172/news/
13.https://adliya.tj/tj/constitution
14.https://allinweb.ru/huquq-va-davlat/44095
15.https://soi.tj/?p=2374&lang=tg

# СОЦИАЛЬНОЕ ГОСУДАРСТВО И ЕГО СВЯЗЬ С СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКОЙ

**КУРБОНЗОДА ДАЛЕР КУРБОН,**
ассистент кафедры политологии
Кулябского государственного университета
имени Абуабдулло Рудаки.
735140, г. Куляб, ул. Сафарова 16
Тел.: (+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*В статье рассматривается социальная политика как основа формирования социального государства. Следует отметить, что социальная политика играет важную роль в формировании и укреплении государственности, и особенно в появлении социального государства. В контексте Республики Таджикистан правительство прилагает большие усилия для социализации страны.*

*Основоположник мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, определивший главную задачу государства в создании социального государства, в период 1992-2020 годов проделал ряд значительных работ по созданию нормативно-правовой среды в области повышения уровня жизни, доходов населения, усиления социальной защиты бедных слоев населения, других социальных вопросов и уровня жизни населения.*

***Ключевые слова:*** *Социальная политика, социальное государство, социальная справедливость, модель, диверсификация, бедность, социальная сплоченность, гуманизм.*

# SOCIAL STATE AND ITS RELATION WITH SOCIAL POLICY

**KURBONZODA DALER KURBON,**
Assistant of the Department of Political Science,
Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki.
735140, Kulyab, 16, Safarov str.,
Phone: (+992) 988-05-07-03. E-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*The article examines social policy as the basis for the formation of a social state. It should be noted that social policy plays an important role in the formation and strengthening of statehood, and especially in the existence of a social state. In the context of the Republic of Tajikistan, the government is making great efforts to socialize the country.*

*The Founder of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, who defined the main goal of the state in creating a social state, during 1992-2020, has done a significant amount of work to create a regulatory environment in the field of improving living standards, incomes, strengthening social protection of the poor, other social issues and living standards.*

***Key words:*** *Social policy, social state, social justice, model, diversification, poverty, social cohesion, humanism.*

**УДК: 316.48**

# ПЕШОМАДИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**МУЛЛОБОТУР МУЛЛОБАҲОДУР,**
унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Данғара,
735320, н.Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел.: (+992) 778-887-120.

*Дар мақолаи мазкур масъалаи вазъияти ояндаи экстремизми динӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки экстремизми динӣ дар соҳаи эътиқод, парастиш, муносибат байни тарафдорон, намояндагони мазҳабҳои мухталиф пайдо гардида, таълимот ва рамзҳои диниро ҳамчун омили муҳимми ҷалби одамон истифода менамояд. Экстремизми динӣ як навъи идеология ва фаъолияти динӣ аст, ки бо радикализми ниҳоии бо анъанаҳои ташаккулёфта мухолифати оштинопазир дорад ва бо шиддатнокӣ дар доираи гурӯҳи динӣ ва дар муҳити иҷтимоӣ фарқ менамояд*

*Барои мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки ба масъалаҳои ошкорнамоӣ, огоҳнамоӣ ва маҳдуд намудани фаъолияти экстремистии динӣ машғуланд, мафҳуми ягонаи асосӣ вуҷуд надорад. Чунин ҳолат на танҳо ба мухолифати назариявӣ оварда мерасонад, балки дар амалия мубориза бо ин зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ-сиёсӣ ғайрисамаранок менамояд.*

*Дар асоси фаъол гардидани омили исломӣ, мавҷуд будани вазияти бӯҳронии тафаккури динӣ ба пайдоиш ва рушди падидаҳои манфии маънавӣ-фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ, аз он ҷумла экстремизми динӣ мусоидат менамояд. Зарур аст, ки тафаккури динӣ чунин як сифат ва сатҳро касб намояд, ки дин на нақши барандаи моҷаро, ки хоси он нест иҷро намояд, балки иштироки созандаи онро дар равандҳои будёдкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ таъмин намояд.*

*Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ сабабҳои дохилии пайдо шудани экстремизми динӣ бӯҳрони иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ, ки минтақа аз солҳои 90-ум қарор дорад, раддабандии иҷтимоии ҷомеа, нодориву кашшоқии қисми зиёди аҳолӣ, моҷароҳои зиёди иҷтимоӣ ва этникӣ, ки дар асоси паст гардидани сатҳи зиндагӣ ва заиф гардидани устувории сиёсӣ ба миён меоянд, инчунин самтгириҳои идеологӣ дар тамоми ҷомеа ба ҳисоб меравад.*

*Пешомади экстремизми динӣ дар кишварҳои минтақа аз фаъолияти мақомоти давлатии танзими корҳо ва фаъолияти динӣ, аз сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа, аз самаранокии ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии мубориза бо экстремизм, аз сатҳи рушди маънавии ҷомеа, аз маълумотгирии динӣ вобаста аст.*

***Калидвожаҳо:*** *экстремизм, экстремизми динӣ, терроризм, бӯҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маълумоти динӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, сабабҳои дохилӣ, бархурди таммадунҳо, мақомоти давлатӣ, фаъолияти динӣ, эътиқоди динӣ.*

Дар шароити имрӯза, экстремизми динӣ яке аз таҳдидҳои хатарнок барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ гардидааст. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ то ба имрӯз дар кишварҳои Осиёи Марказӣ давраи гузариш ва таҳкими давлатдорӣ, ташаккул ва инкишофи унсурҳо ва арзишҳои муосири демократӣ идома доранд. Имрӯз, кишварҳои минтақа кӯшиш ба он доранд, ки истиқлолияти худро бо амалӣ намудани сиёсати устувори дохилӣ ва хориҷӣ мустаҳкам намоянд, ҳамзамон, дар ин самт ба таъмини амнияти дохилӣ ва минтақавӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Дар доираи равандҳои глобализатсионӣ, ки дар доираи он ҳаракати бемонеаи молу маҳсулот, хизматрасониҳо ва унсурҳову идеологияҳои мухталиф амалӣ мегарданд, таъмини амнияти минтақавӣ ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ самаранок душвор ва мураккаб мегардад.

Зуҳурот ва доман паҳн намудани ҳаракат ва созмонҳои экстремистӣ тамоми ҷомеа ва инчунин динҳои анъанавиро ба ташвиш овардааст. Қайд намудан зарур аст, ки баҳсу мунозираҳо дар атрофи созмону ҳаракатҳои экстремистӣ то андозае баррасӣ ва баҳогузории объективии онҳоро ба миён меорад. То кадом андоза таҳдиди ҳаракатҳои экстремистӣ воқеӣ аст ё дар баррасиву баҳогузории он бештар аз будаш зиёд нишон дода мешавад, таҳқиқоти доманадорро талаб мекунад.

Вазъияти динии ба миёномада дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан зуҳуроти фаъоли экстремизми динӣ диққати ҷиддиро аз тарафи мақомотҳои қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ талаб менамояд. Зарур аст, ки экстремизми динӣ таҳқиқ карда шавад, чорабиниҳои самараноки огоҳнамоӣ ва мубориза бар зидди ин падидаи номатлуб дар ҷомеа мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода шавад.

Экстремизми динӣ дар соҳаи эътиқод, парастиш, муносибат байни тарафдорон, намояндагони мазҳабҳои мухталиф пайдо гардида, таълимот ва рамзҳои диниро ҳамчун омили муҳими ҷалби одамон истифода менамояд. Одамонро ба муборизаи оштинопазир барои ғолибият, хукмронии яке аз таълимотҳо бар хилофи таълимотҳои дигар сафарбар менамояд [11,51].

Экстремизм дар дин ҳамчун фаъолияти тарафдорони амалҳои ниҳоӣ дар соҳаи муносибатҳои байнимазҳабӣ ва дохилимазҳабӣ фаҳмида мешавад, ки дар кӯшишҳои зӯроваронаи намояндагони ин ё он дин дар талқини системаи ҷаҳонбинии худ ба пайравони дини дигар бо мақсади дур гардонидани онҳо аз арзишҳои худ, ки одатан бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ва психологӣ ба роҳ монда мешавад, ифода мегардад.

Экстремизми динӣ як навъи идеология ва фаъолияти динӣ аст, ки бо радикализми ниҳоии бо анъанаҳои ташаккулёфта мухолифати оштинопазир дорад ва бо шиддатнокӣ дар доираи гурӯҳи динӣ ва дар муҳити иҷтимоӣ фарқ менамояд [8,670].

Таҳлили адабиёти сиёсӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар даҳсолаи охир чоп шудаанд, нишон медиҳад, ки барои мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки ба масъалаҳои ошкорнамоӣ, огоҳнамоӣ ва маҳдуд намудани фаъолияти экстремистии динӣ машғуланд, мафҳуми ягонаи асосӣ вуҷуд надорад. Чунин ҳолат на танҳо ба мухолифати назариявӣ оварда мерасонад, балки дар амалия муборизаро бо ин зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ-сиёсӣ ғайрисамаранок менамояд.

М.А. Яворский экстремизми диниро чунин тасниф намудааст: экстремизми динӣ ин шакли ниҳоии амалӣ намудани идеологияи радикалии динӣ, ки дар амалинамоии амалҳои ғайриқонунии шахсият, гурӯҳҳо, пайравони таълимоти муайян дар асоси таҳаммулнопазирии динӣ, инчунин дар даъватҳои ҷамъиятии баҷооварии чунин амалҳо нисбати шахсиятҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки ақида ва эътиқоди экстремистонро дастгирӣ намекунанд, ифода мегардад [15,23].

Е.Г.Балагушкин чунин мешуморад, ки экстремизми динӣ – ин қабул накардани системаи арзишҳои динӣ ва бунёдиҳои догматикӣ дар ҷомеа, инчунин ташвиқоти зӯроваронаи ғояҳо, ки ба онҳо мухолиф аст, ба ҳисоб меравад [2,46].

Е.Л. Забарчук экстремизми диниро ҳамчун фаъолият дар соҳаи муносибатҳои байнимазҳабӣ, ки дар саъйу кӯшиши зӯроварии талқини системаи муайни афкори динӣ, инчунин асоснокнамоӣ ё дуруст шуморидани чунин фаъолият тасниф намудааст [7,5]. Таҳлили ин таснифот нишон медиҳад, ки дар он се аломати асосии экстремизми динӣ ошкор карда шудааст: экстремизми динӣ дар доираи муносибатҳои байнимазҳабӣ ба миён меояд; истифода ё таҳдиди истифодаи зӯрӣ ва зӯроварӣ; тариқи зӯрӣ ва зӯровари талқин намудани системаи муайяни афкори динӣ.

Экстремизми динӣ ҳамеша дар алоқамандӣ бо дигар навъҳои фаъолияти экстремистӣ – экстрмизми сиёсӣ ва миллӣ, дар бадастории мақсадҳои мушаххаси нерӯҳои гуногуни сиёсӣ ба сифати заминаи идеологӣ ва ташкилӣ баромад менамояд. Ҷудо намудани фаъолияти экстремистӣ дар асоси шаклҳо – сиёсӣ, миллӣ ва динӣ – характери шартӣ дорад, зеро дар амалия онҳо дар шакли тоза хеле кам вомехӯранд. Аз ин хотир, дар нашрияҳои илмӣ бештар ба чунин мафҳумҳо, ба монанди этникӣ-динӣ, динӣ-сиёсӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд [9,84].

Экстремизм падидаи мураккаб ва бисёрҷанба аст, ки дорои хусусиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ, психологӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ амал намуда, дурнамо ва ояндаи рушди онро муайян менамоянд. Асоси паҳн гардидани навъҳои гуногуни экстремизм бӯҳронҳои устувор дар ҳаёти иқтисодию сиёсӣ, мухолифатҳои амиқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ноустувории сиёсӣ, ба ҳисоб меравад.

Экстремизми динӣ дар соҳаи эътиқод, парастиш, муносибат байни тарафдорон, намояндагони мазҳабҳои мухталиф зоҳир мегардад. Экстремизми динӣ бо он фарқ мекунад, ки таълимот ва рамзҳои диниро ҳамчун омили муҳими ҷалби одамон истифода менамояд. Одамонро ба муборизаи иштинопазир барои ғолибият, ҳукмронии яке аз таълимотҳо бар хилофи таълимотҳои дигар сафарбар менамояд.

Экстремизми динӣ ҳамеша дар алоқамандӣ бо дигар навъҳои фаъолияти экстремистӣ – экстрмизми сиёсӣ ва миллӣ, дар бадастории мақсадҳои мушаххаси нерӯҳои гуногуни сиёсӣ ба сифати дастгирии идеологӣ ва ташкилӣ баромад менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қатор вазифаҳои дин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои хусусияти мухолифати дохилӣ мебошанд. Масалан, муттаҳид намудани ҷамоаи динӣ на ҳама вақт ба муттаҳид гардидани тамоми ҷомеа оварда мерасонад. Яъне, дин метавонад муносибати байни давлат ва қисми диндорони ҷомеаро пуршиддат гардонад.

Яке аз омилҳои устувори муосир, ислом ба характер ва самтгирии равандҳои таърихӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ минтақа таъсири назаррас мерасонад. Қайд намудан зарур аст,ки нерӯ ва устувории омили мазкур аз вазъияти таърихӣ-сиёсӣ, ки ба мусулмонон легитимият ва дурнамоӣ махсусро таъмин менамояд, бармеояд. Бо назардошти нақши стратегии ислом, аз мадди назар дур сохтани он дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии минтақа ба шиддат гирифтани муносибатҳо оварда мерасонад. Аз ин хотир зарур аст, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ислом ва пайравони ин дин хусусияти бунёдкорӣ дода, нерӯи маънавӣ ва ҷисмонии онро дар ташаккули давлати миллӣ ва демократӣ истифода намуд [5,30].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар асоси фаъол гардидани омили исломӣ, мавҷуд будани вазияти бӯҳронии тафаккури динӣ ба пайдоиш ва рушди падидаҳои манфии маънавӣ-фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ, аз он ҷумла экстремизми динӣ мусоидат менамояд. Зарур аст, ки тафаккури динӣ чунин як сифат ва сатҳҳро касб амояд, ки дин на нақши барандаи моҷаро, ки хоси он нест иҷро намояд, балки иштироки созандаи онро дар равандҳои будёдкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ таъмин намояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳҳои гуногун бо фаъолияти экстремистони динӣ, ки барои онҳо методҳои зӯрӣ ва зӯроваронаи мубориза қобили қабул буда, ба шиддатнок намудани вазъият ва бунёди режимҳои динӣ равона карда шудааст, рӯ ба рӯ шудаанд.

Вазъияти ногувори дохилӣ дар як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ омили асосии пайдоиш ва реша давонидани экстремистони динии дохилӣ мегардад, омилҳои беруна бошанд, дар пурра гардидани онҳо нақши бузург доранд. Маблағгузорӣ, омӯзонидан,

паҳни адабиёти мувофиқ, фаъолияти воизону таблиғкунандагони хориҷӣ – дар маҷмӯъ мавҷудият ва ҷолибияти муайяни идеологияи экстремистиро дар байни қисми аҳолии нисбатан бенаво, камбизоатӣ ва қишрҳое, ки барои худ ояндаро намебинанд, таъмин менамоянд. Аз ин рӯ, метавон қайд намуд, ки пас аз баромадани нерӯҳои коалитсионӣ аз хоки Афғонистон, экстермистони динӣ фаъол гардида, ба барқарор намудани алоқаҳо ба ҳамфикрони худ дар кишварҳои Осиёи Миёна саъйу кӯшиш менамоянд [10,7].

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ сабабҳои дохилии пайдо шудани экстремизми динӣ бӯҳрони иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ, ки минтақа аз солҳои 90-ум қарор дорад, раддабандии иҷтимоии ҷомеа, нодориву кашшоқии қисми зиёди аҳолӣ, моҷароҳои зиёди иҷтимоӣ ва этникӣ, ки дар асоси паст гардидани сатҳи зиндагӣ ва заиф гардидани устувории сиёсӣ ба миён меоянд, инчунин самтгириҳои идеологӣ дар тамоми ҷомеа ба ҳисоб меравад [5,32].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пешомад ва дурнамои мавҷудият ва рушди экстремизми динӣ дар минтақа маҳз аз сатҳ ва сифати мубориза бо он вобаста аст. Яъне, ҳарчи қадаре, ки мубориза алайҳи экстремизми динӣ дар минтақа самаранок бошад, то ҳамон андоза эҳтимолияти маҳдуд намудани доираи инкишофи экстремизми динӣ таъмин карда мешавад.

Доираи васеи ақидаҳо нисбати вазъият ва пешомади экстремизми динӣ дар ҷаҳон аз биниши ғайрифаъоли маҳви тамаддунии С.Хантингтон то бадастории муваффақиятҳои назаррас дар мухолифат ба ин падидаи номатлуби замони муосирро фарогир аст.

Пешомади экстремизми динӣ дар кишварҳои минтақа аз фаъолияти мақомоти давлатии танзими корҳо ва фаъолияти динӣ вобаста аст. Таҳлили муқоисавии ваколат ва салоҳиятҳои мақомоти давлатии корҳо ва фаъолияти динӣ нишон медиҳад, ки вазифаҳои назоратӣ ва баҳисобгирӣ то андозае аз ҷониби мақомоти корҳои динӣ дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иҷро карда мешавад, дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон танҳо ба вазифаҳои иттилоотӣ ва машваратӣ диққат дода мешаванд.

Омӯзиши фаъолияти мақомоти ваколатдор оид ба робита бо ташкилотҳои динӣ тамоюли устувори таҳкими назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳои диниро дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад. Дар баробари вазифаҳои машваратӣ ва иттилоотӣ, ба онҳо бештар ба қайд гирифтани созмонҳои динӣ, ташкили назорат вобаста ба мутобиқати фаъолияти онҳо бо ҳадафҳо ва вазифаҳои оинномавӣ дода мешавад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба сатҳи на он қадар баланди диндории аҳолӣ, вазъияти динӣ дар Қирғизистон ноустувор ва пеш аз моҷаровӣ боқӣ мемонад, ки метавонад дар шароити муайян хусусияти фоҷиовиро касб намояд. Дар асоси чунин тағйироти эҳтимолӣ дар рушди вазъияти динӣ сабабҳои амиқ вазъиятӣ ҷой доранд, ки бо қувват гирифтани таъсири дин ба равандҳои ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳурӣ алоқаманд мебошанд. Сабаби вазъиятии ноустувории муносибатҳои динӣ дар Қирғизистон паҳни васеи созмонҳои экстремистӣ ва харобиовари динӣ ба ҳисоб меравад. Созмонҳои экстремистӣ мақсади ниҳоии худро бунёди хилофати умумиҷаҳонӣ меҳисобанд, ки бояд ҳокимияти давлатиро ба даст орад. Илова бар ин, онҳо мақсад доранд, ки бо паҳн намудани ғояҳои харобиовари динӣ асосҳои фарҳангиву тамаддунии ҷомеаро халалдор намоянд [4,8].

Дар дарки дини ислом аз тарафи худи мусулмонон ва инчунин аз тарафи пайравони динҳои дигар, дар таърихи нав дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд. Ин равандҳо Осиёи Марказиро нисбатан ба наздикӣ фаро гирифтанд ва ҳанӯз характери оммавиро пайдо накардаанд. Аз ин рӯ, имрӯз оғоз намудани тарбияи диндорон дар дарки дини ислом дар асоси эҳтиром ва эътирофи арзишҳои миллӣ, пешгирӣ ва аз ҷомеа дур кардани тамоюлҳои ҷаҳонишавии дурӯғини ислом, ки аз берун оварда шудаанд, ҳимояи ислом ниҳоят муҳим аст. Таълими насли муосир ва пайравони дини мубини Ислом, барои арзёбии муносиби падидаҳои иҷтимоӣ, зеро тамоюлҳои найрангбозӣ ва бозиҳои сиёсӣ бо ислом на танҳо боқӣ мемонанд, балки афзоиш меёбанд.

Дар Қирғизистон дар як қатор оилаҳои дар мактаби дунявӣ таҳсил намудани кӯдаконро манъ намудаанд, ки сабаби он фаъолияти сектаҳои мухталиф ва табъиз дар ҷомеа мебошад. Як қатор таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бо сабабҳои динӣ низ дар мактаб таҳсил намудани кӯдаконро манъ намудаанд. Чунин мешуморем, ки дур мондан аз мактаб, дар шароити имрӯза, боиси қувват гирифтани мавқеи ақидаҳои иртиҷоии динӣ дар байни наврасон мегардад, ки метавонад дарояндаи наздик ба фаъол гардидани экстремизми динӣ оварда расонад.

Таҳлилҳо  нишон медиҳанд, ки дарояндаи наздик пешомад ва вазъияти рушди экстремизми динӣ дар кишварҳои минтақа аз сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа вобаста аст. Дар шароити сатҳи пасти иҷтимоӣ дар Қирғизистон аксарияти ҷавонон ва занон ба экстремизми динӣ рӯй меоранд. Чунин омилҳо, ба монанди бекорӣ, надоштани махлумоти зарурӣ, занон ва ҷавоноро ба экстремизми динӣ ворид менамоянд.

Чунин занон ва ҷавоноро ба осонӣ ба фаъолияти экстремистӣ ҷалб менамоянд. Дар шароити имрӯза дар кишвар гурӯҳҳои экстремистӣ технологияи мухталифи муосирро баҳри ҷалби занон ва ҷавонон ба фаъолияти экстремистӣ истифода менамоянд. Тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ кори сердаромад ё шавҳар карданро пешниҳод намуда, занонро ба фаъолияти худ ҷалб менамоянд. Мақомотҳои қудратӣ наметавонанд, ки ин падидаҳоро бартараф намоянд, аз ин хотир ба давлат зарур аст, ки механизми дақиқи бартараф намудани чунин падидаҳоро бартараф намояд [4,10].

Дар Қазоқистон экстремистон ва террористон асоси зарурии идеологӣ надоранд. Аксарияти онҳо намояндагони муқаррарии ҷаҳони ҷинояткорӣ ба ҳисоб мераванд. Сабаби асосии радикалигардии дин дар Қазоқистон вазъи ҷинояткорӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, чунин мушкилот ба монанди бекорӣ, даромади сатҳи паст, коррупсия  масъалаи ноадолатии иҷтимоиро дар ҷомеа қувват мебахшад.

Дар шароити имрӯза дар кишварҳои минтақа натиҷаи зиёд гардидани аҳолӣ эҳсос карда мешавад: ҳолатҳои моҷаро аз барои замин ва захираҳои обӣ зиёд гардида, муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ ва мактабҳо намерасанд. Проблема дар солҳои минбаъда то андозае шиддатнок мегардад, зеро миқдори аҳолии аксарияти кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ боло рафта истодааст, бунёди ҷойҳои кор, бунёди манзили сазовор ва инфрасохтор сол ба сол ба талаботҳои аҳолӣ ҷавобгӯ нагардида истодааст.

Дар шароити имрӯза, шуғли аҳолӣ дар кишварҳои минтақа бештар аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ ҳал карда мешавад. Аз рӯи баҳогузориҳои ғайрирасмӣ миқдори умумии муҳоҷирон аз кишварҳои минтақа то ба 5 миллион нафар мерасад, ки 10%

аҳолии минтақаро ташкил менамояд. Лекин, бешубҳа, Федератсияи Россия минбаъд низ ворид гардидани муҳоҷирони меҳнатиро ба бозори меҳнати худ танзим намуда, дар ин самт қарорҳои ҷиддӣ ва қатъӣ қабул менамояд ва бо ин васила ҷараёнҳои захираҳои меҳнатиро дар кишвар ба тартиб медарорад. Илова бар ин, бӯҳрон аллакай ба қисман хориҷ гардидани қувваи корӣ аз Федератсияи Россия оварда расонид, ки ба паст гардидани ҳаҷми даромади молиявӣ аз ҳисоби муҳоҷирон оварда расонид. Аз рӯи пешгӯии коршиносон чунин поёнравӣ дарояндаи наздик низ идома меёбад [5,37].

Албатта, чунин ҳолат ба вазъияти иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири ҷиддӣ расонида, боиси шиддат гирифтани муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мегардад ва метавонад боиси қувват гирифтани созмону ҳаракатҳои экстремизми динӣ дар минтақа гардад.

Дар шароити имрӯза сабабҳои асосии дохилӣ ва берунаи рушди минбаъдаи экстремизми динӣ дар тамоми кишварҳои минтақа, ҷанбаҳои зерин ба ҳисоб мераванд:

-сатҳи баланди коррупсия дар тамоми соҳаҳои рушди ҷомеа;

-мавҷуд набуданиислоҳоти самараноки иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишварҳои минтақа;

-ноӯҳдабароии исломи “расмӣ” дар мухолифат бо исломи “ғайрирасмӣ”, аз он ҷумла исломе, ки аз хориҷӣ ворид гардидааст;

-саъйу кӯшиши давлатҳои хориҷӣ дар истифода намудани “омили исломӣ” ба хотири пуршиддат намудани вазъияти сиёсӣ дар кишварҳои минтақа;

- омода набудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мухолифати самаранок бар зидди таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ, ки аз ҷой надоштани корҳои таҳлилӣ, ояндабинӣ ва фаври ҷустуҷӯии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Ҳамин тариқ, пешомади экстремизми динӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, пеш аҳ ҳама, аз самаранокии сиёсати мубориза бо ин падидаи номатлуб вобаста аст. Лекин, таҳлили амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт ҳанӯз мушкилоти зиёд ҷой дорад. Чунин мешуморем, ки дар ин самт бояд саҳми ҳамкориҳои кишварҳои имнтақа дар доираи механизмҳои минтақавии мубориза бо экстремизм ва терроризм бузург аст.

Илова бар ин, омилҳои дигар низ ба пешомади экстремизми динӣ дар минтақа таъсири назаррас мерасонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза, сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишварҳои минтақа, замина ё омили асоси ҷалби ҷавонон ва занон ба доираи фаъолияти созмон ва ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ гардидааст. Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки дар сатҳи пасти рушд боқӣ мондани иқтисодиёт ва иҷтимоёт, дарояндаи наздик боиси қувват гирифтани ҳаракату созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ мегардад.

## Адабиёт

1. Авцинова Г.И. Политический экстремизм: реалии и мифы / Г.И.Авцинова // Мир современной науки. № 4. 2005. - С. 12-19.

2. Балагушкин, Е. Г. Нетрадиционные религии в современной России: морфологический анализ / Е. Г. Балагушкин. - М.: ЦОП ИФРАН, 1999. –56 с.

3. Возженикова А.В. Международный терроризм: борьба за геополитическое господство / А.В. Возженикова. -М.: Эксмо, 2007. -528 с.

4. Вопросы религии и убеждений в странах Центральной Азии (Кыргызстан, Казахстан, Узбекистан, Таджикистан) и России в материалах СМИ. –Бишкек. 2017. - 218 с.

5. Джалилов З.Г. Нетрадиционные исламские движения в Центральной Азии / Джалилов З.Г. // Казахстан-Спектр, 2009, № 4. -С. 28-36.
6. Жданов Н.В. Ислам на пороге XXI века // Н.В.Жданов. -М.: Политиздат, 1989.- 352 с.
7. Забарчук Е.Л. Религиозный экстремизм как одна из угроз безопасности российской государственности / Е.Л. Забарчук // Журнал российского права. 2008. №6. -С. 3-10.
8. Забияко А.П. Экстремизм религиозный / А.П. Забияко // Религиоведение. -М., 2006. 980 с.
9. Нуруллаев А.А. Религиозно-политический экстремизм / А.А. Нуруллаев // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия «Политология». — 2003. — № 4. –С.83-92.
10. Поляков К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии / К.И. Поляков. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. 218с.
11. Райзберг Б.А., Лысенко А.А. Экстремизм: истоки проявления и способы противодействия / Б.А. Райзберг. –М., 2015. 314с.
12. Рахнамо А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Точикистон / А Раҳнамо,-Душанбе: Ирфон, 2001. -298 с.
13. Религиозный экстремизм в Центральной Азии: проблемы и перспективы. – Душанбе: Деваштич. 2002. -318с.
14. Усмон Д. Исламский фактор в политических процессах России и стран Центральной Азии / Д.Усмон.-М.: Издатель Воробьев А.В., 2009. -180 с.
15. Яворский, М. А Причины и условия религиозного экстремизма в современной России / М. А. Яворский // Юридический мир. Общероссийский научно-практический правовой журнал 2008. №11 (143). –С. 23-31.

## БУДУЩЕЕ РЕЛИГИОЗНОГО ЭКСТРЕМИЗМА В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**МУЛЛОБОТУР МУЛЛОБАХОДУР,**
соискатель Дангаринского государственного университета
735320, р.Дангара, у. Маркази 25
Тел.: (+992) 778-887-120.

*В статье рассматривается будущее религиозного экстремизма в условиях стран Центральной Азии. Автор отмечает, что религиозный экстремизм возник в сфере веры, богослужения, взаимоотношений между приверженцами, представителями разных религий, и использует религиозные учения и символы как важный фактор для привлечения людей. Религиозный экстремизм - это тип религиозной идеологии и деятельности, который находится в непримиримом противостоянии с устоявшимися традициями и характеризуется интенсивностью внутри религиозной группы и в социальной среде.*

*Для специалистов различных сфер, занимающихся вопросами выявления, предупреждения и ограничения религиозной экстремистской деятельности, не существует единого базового понятия. Такая ситуация не только приводит к теоретическим противоречиям, но и на практике способствует неэффективной борьбе с этим негативным социально-политическим явлением.*

*Активизации исламского фактора, наличие кризисной ситуации в религиозном мышлении способствуют возникновению и развитию негативных духовно-культурных и социально-политических явлений, в том числе религиозного экстремизма. Необходимо, чтобы религиозное мышление приобрело такое качество и уровень, чтобы религия не играла*

*конфликтующую роль, что не свойственно религии, но обеспечивала конструктивное участие в процессах созидания и согласования.*

*В Центральной Азии внутренними причинами религиозного экстремизма являются социально-политический, экономический и идеологический кризис, охвативший регион с 1990-х годов, социальное расслоение, бедность, социальные и этнические конфликты, уровень жизни и ослабление политической стабильности, а также мировоззренческие ориентации в обществе в целом.*

*Будущее религиозного экстремизма в странах региона зависит от деятельности государственных органов, регулирующих дела и религиозную деятельность, уровня социально-экономического развития общества, эффективности правовых и политических аспектов борьбы с экстремизмом, уровня духовного развития общества, религиозное образование.*

***Ключевые слова:*** *экстремизм, религиозный экстремизм, терроризм, социально-экономический кризис, религиозное образование, миграция, внутренние причины, столкновение цивилизаций, государственные органы, религиозная деятельность, религиозные убеждения.*

## THE FUTURE OF RELIGIOUS EXTREMISM IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES

**MULLOBOTUR MULLOBAHODUR,**
applicant of Dangara State University,
735320, Dangara, 25, Markazi str.,
Phone: (+992) 778-887-120.

The article discusses the future of religious extremism in context of Central Asian countries. The author notes that religious extremism has arisen in faith, worship, relationships between adherents, representatives of different religions, and uses religious teachings and symbols as an important factor of attracting people. Religious extremism is a type of religious ideology and activity that is in irreconcilable opposition to established traditions and is characterized by intensity within a religious group and in a social environment.

There is no single basic concept for specialists in various fields dealing with the identification, prevention and restriction of religious extremist activity. This situation not only leads to theoretical contradictions, but also contributes to an ineffective fight against this negative socio-political phenomenon in practice.

On the base of the activation of the Islamic factor, the presence of a crisis situation in religious thinking contribute to the emergence and development of negative spiritual, cultural and socio-political phenomena, including religious extremism. It is necessary for religious thinking to acquire such a quality and level that religion does not play a conflicting role, which is not characteristic of religion, but ensures constructive participation in the processes of creation and reconciliation.

In Central Asian countries, the internal causes of appearing of religious extremism are the socio-political, economic and ideological crisis that has engulfed the region since the 1990s, social stratification, poverty of many segments of the population, many social and ethnic conflicts that arise on the basis of declining living standards and weakening political stability, as well as ideological orientations throughout society.

The future of religious extremism in the countries of the region depends on the activities of state bodies regulating religious affairs and activities, the level of socio-economic development of society, the effectiveness of the legal and political aspects of fighting extremism, the level of spiritual development of society, and religious education.

**Key words:** extremism, religious extremism, terrorism, socio-economic crisis, religious education, migration of the population, internal causes, clash of civilizations, state bodies, religious activity, religious beliefs.

УДК: 321

# ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ТАЛБАК НАЗАРОВ ҲАМЧУН АРБОБИ БАРҶАСТАИ СИЁСӢ ВА ДАВЛАТӢ

**РАҶАБЗОДА АЪЗАМҶОН НУРАЛӢ**,
унвонҷӯи кафедраи дипломатия ва
муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7
34003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 917-60-40-67. E-mail: ran.13031996@mail.ru

*Дар мақола мавзӯи ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, даврони ба фазои сиёсӣ ворид шудани ин шахсияти бузург бештар таҳқиқ карда шудааст.*

*Муаллиф қайд намудааст, ки академик Талбак Назаров дар ҳаёт худро на танҳо ҳамчун муҳаққиқи беҳамто, балки ҳамчун як чеҳраи бузурги сиёсӣ ва арбоби барҷастаи давлатӣ низ нишон дод. Ӯ ҳамчун Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, вакили халқии ИҶШС ва вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ба таҳкими волоияти қонун, баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ доимо диққати махсус медод. Қобилияту истеъдоди ӯ ҳамчун сиёсатмадори баркамол дар мансаби вазири корҳои хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар зоҳир шуд. Чунки ин давра фазои сиёсии кишвар ниҳоят мураккаб гардида, Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд. Ӯ ҳамеша ҷонибдори ҳалли мусолиматомези низои байни тоҷикон буд.*

***Калидвожаҳо:*** *академик, Талбак Назаров, донишгоҳ, вазорат, сиёсат, сиёсатмадор, тадқиқот, илм, фаъолият.*

Чи тавре ки Д.И.Менделеев гуфта буд: «Хидматгузорӣ ба илм дар шахс хоксориеро, ки бо суботкорӣ тавъам аст, тарбия намуда, аз кибру ғурур ва андешаҳои ғалат, ки ӯро пойбанд намудаанд, барҳазар медорад». Ҳаёти дурахшони Талбак Назаров ба ин гуфтаҳо комилан мувофиқат мекунад. Зеро, устод қариб тамоми солҳои ҷавонияшро ба илм бахшида, то ба ҳол дар рушди он саҳми беандозаи худро гузошта истодааст.

Дар баробари фаъолияти босамари педагогиву илмӣ Талбак Назаров ба тарбияи як зумра олимони соҳаи иқтисод саҳм гирифтааст. Зери роҳбарӣ ва роҳнамоии ӯ чандин нафар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ кардаанд.

Доктори илмҳои иқтисодӣ Фозил Обидов – яке аз шогирдони академик Т. Назаров мегӯяд, ки устод ҳамеша муаллимони ҷавону боистеъдодро ташвиқу тарғиб мекард, ки ҳатман кори илмӣ кунанд. Инчунин, Ф. Обидов мегӯяд, ки ӯ на танҳо даврони аспирантиву докторантӣ, балки то ҳол аз маслиҳатҳои академик Т. Назаров баҳра мебарад, зеро ӯ аз таҷрибаи бузурги зиндагӣ ва илмӣ бархӯрдор мебошад. [12, с.1]

Баъд аз душвориҳои овони кӯдакӣ ва солҳои ҷавонӣ академик Талбак Назаров дар баробари машғул шудан ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оҳиста-оҳиста ба ҳаёти сиёсии мамлакат низ ворид шудан гирифт. Дар тӯли чанд соле, ки академик Т. Назаров вазифаи декани факултети иқтисоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро иҷро мекард, ӯ худро ҳамчун ташкилотчии моҳири соҳаи илм муаррифӣ кард. Инро ба назар гирифта, соли 1980 ӯро роҳбари яке аз марказҳои муҳими пажӯҳишӣ – Шӯрои таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карданд.

Бояд қайд кард, ки кормандони Шӯрои мазкур дар баробари анҷом додани корҳои илмии худ, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои муҳимро барои ҳукумати ҶШС Тоҷикистон таҳия мекарданд.

Профессор Холназар Муҳаббатов, ки дар ин ниҳоди илмӣ зери роҳбарии академик Талбак Назаров кор кардааст, мегӯяд, ки устод барои аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намудани нишондиҳандаҳои иқтисодии планҳои панҷсолаи тараққиёти хоҷагии халқи Тоҷикистон саҳми ниҳоят бузург гузоштааст. [14]

Академик Т. Назаров ҳамчунин барои тарбияи як зумра ҷавонони боистеъдод ҳангоми фаъолияти худ дар Шӯрои таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолӣ (солҳои 1980-1982) корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, бо тавсия ва дастгирии бевоситаи устод чандин олимони варзидаи тоҷик, докторони илм, ба монанди Рустам Мирзоев, Назаралӣ Хоналиев, Геннадий Козлов, Рустам Раҷаббеков, Холназар Муҳаббатов ва ғайраҳо ба воя расидаанд.

Бояд қайд намуд, ки Талбак Назаров ҳанӯз дар замони деканӣ роҳбари кордон буданашонро исбот карда буд. Маҳз дар ҳамин давра ӯро вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб карда буданд, ки аз соли 1980 то соли 1990 ҳамчун вакили шӯрои мазкур фаъолият намуд. [11, с. 64]

Соли 1981 Талбак Назаров бо назардошти дастовардҳои бузурги илмӣ ва тарбияи шогирдони зиёд узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб мегардад. [21, с. 3]

Соли 1982 дастовардҳои илмӣ ва қобилияти роҳбарии устод Талбак Назаровро ба назар гирифта, ӯро ба вазифаи ректори бонуфӯзтарин маркази илмӣ ва омодакунии кадрҳо дар мамлакат – Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин таъин мекунанд, ки ин вазифаи пурмасъулиятро то соли 1988 бар ӯҳда мегирад.

Устод Назаров Талбак Назарович – панҷумин ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба ҳисоб рафта, зери сарварии ӯ дар самтҳои мухталифи фаъолияти донишгоҳ ба комёбиҳои назаррас соҳиб шуд.

Бояд қайд намуд, ки профессор Т.Н. Назаров барои коллективи донишгоҳ бегона набуд. Эшон баъд аз хатми институти молиявию иқтисодии Ленинград соли 1960 фаъолияти меҳнатии худро дар факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аз вазифаи ассистент сар карда, то мудири кафедраи молия ва кредит, ҷонишини декан, декан ва проректори шӯъбаи шабонаи донишгоҳ сабзида расидааст. Солҳои ҳаштодуми асри бист дар ҷаҳони сотсиалистӣ, дар Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон замони тағйирёбандаву пуртазод буд. Моҳи апрели соли 1985 дар мамлакат марҳалаи наве бо номи «бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ» оғоз ёфт. Он мутобиқи замон мақсад дошт, ки тамоми камбудиҳои мавҷударо решакан кунад. Вале оқибати он барои халқҳои советӣ, тоҷикон низ басо вазнин буд. Фаъолияти ректории Т.Н.Назаров дар арафаи чунин давра оғоз ёфта, марҳалаи «бозсозӣ»-ро ҳам то августи соли 1988 дар бар мегирад.[20] Дар ин давра дар тамоми сохтори донишгоҳу факултетҳо ва кафедраҳо тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд. Якчанд факултет ва кафедраҳои нав кушода шуда, баъзе аз онҳо ба ду қисм ҷудо карда шуданд.

Аз ҷумла, соли 1982 дар заминаи факултети молиявию баҳисобгирӣ факултети молиявию иқтисодӣ ташкил карда шуд. Чунин тағйирот дар кафедраҳои умумидонишгоҳӣ низ ба вуқӯъ пайваст. Ҳамзамон, дар ҳайати факултетҳо низ кафедраҳои нав бунёд ёфта, баъзе кафедраҳо тақсим карда шуданд. [20]

Инчунин, дар ин давра донишгоҳ ба бӯҳрони шадиди маънавӣ-иқтисодӣ дучор гардида буд. Аз рӯзи аввал профессор Талбак Назаров ба ислоҳоти таълиму тарбия

даст зад. Ӯ дар асоси таҷрибаи донишгоҳҳои Маскав, Ленинград, Новосибирск раванди таълим ва тарбияро мувофиқи тақозои замон ба роҳ монд. Талбак Назаров то андозае ба тайёр кардани оммавии мутахассисон бе назардошти талаботи истеҳсолот хотима гузошт. Чунки, маъмулан он солҳо аксари мардум ба шуъбаи иқтисодӣ, шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳуҷҷат месупориданд. Аммо истеҳсолот ва соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ ба мутахассисони геология, заминшиносӣ ва молияи байналхалқӣ ниёз дошт. [6, с. 4]

То ҳол ҳамагон Талбак Назаровро аз муваффақтарин роҳбарони университет арзёбӣ мекунанд. Маҳз дар замони ректории Талбак Назаров чандин корпусҳои нав дар маҳаллаи “Буни Ҳисорак” ба истифода дода шуд ва маҳалли маъруфи «ҷазира» бунёд шуд, ки имрӯз «Шаҳраки донишҷӯён» ном дорад. Илова бар ин, маҳз дар ҳамин давра чандин шуъбаҳои нав дар донишгоҳ ифтитоҳ ёфта, теъдоди шӯроҳои диссертатсионӣ зиёд карда шуд. Шумораи ҳимояи рисолаҳои номзадиву докторӣ, нашри мақолаву монография ва китобу дастурҳои таълимӣ ба маротиб афзуд. [15]

Дар воқеъ, фаъолияти корию заҳматҳои кашидаи устоди азиз, академик Талбак Назаров дар соҳаи илму маориф, махсусан, баланд бардоштани обрую нуфӯзи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ниҳоят назаррас мебошад. Зеро, дар даврони ректории академик Талбак Назаров устодону кормандони донишгоҳи мазкур барои таълим ва тарбияи кадрҳои баландихтисос ба дигар донишгоҳҳо ёрӣ мерасониданд. (Р.А.Н.) Масалан, доктори илмҳои филологӣ, профессор Равшани Раҳмонӣ дар як мақолааш ҳикоят мекунад, ки “Соли 1981 ман дар ДДТ ба ҳайси мудири кабинети Методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ифои вазифа мекардам. Моҳи марти ҳамон сол маро ҳамчун тарҷумон ба Донишгоҳи Кобул фиристоданд. Дар он солҳо чанд донишгоҳи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба Донишгоҳи Кобул барои таълим ва тарбияи кадрҳо ёрӣ мерасониданд. Солҳои 1982-1988, ки устод Талбак Назаров ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буданд, гоҳ-гоҳ ба Донишгоҳи Кобул меомаданд, аз шароити устодон хабар мегирифтанд, барои беҳтар анҷом додани вазифа ба мо машварат медоданд ва тақозо менамуданд, ки дар кори худ ҷиддӣ ва бомасъулият бошем”. [17, с. 13]

Ҳамзамон, аз назари эшон донишҷӯён низ дар канор намонданд. Бо ташаббуси Т. Назаров барои донишҷӯён як табобатхона сохта шуд ва санатория-профилакторияи “Шифо”, ки бо таҷҳизоти пешрафта муҷаҳҳаз буд, дар маҳаллаи 63-юми пойтахт ба фаъолият шурӯъ кард. Иқдоми дигар, ки дар ёди донишҷӯёни он замон мондааст, ифтитоҳи лагери варзишӣ-тандурустии назди донишгоҳ – “Ҷавонӣ” аст, зеро ҳар тобистон садҳо донишҷӯ дар он истироҳат мекарданд. Ҳамчунин, бо супориши ӯ дар биноҳои таълимии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон чойхона, нонвойхона ва ошхонаҳо сохта шуданд. [13]

Дар шабакаи пазириши донишҷӯён ва хатми онҳо низ дигаргуниҳои назаррас ба вуқӯъ пайвастанд. Хусусан иқдоми Талбак Назаров дар мавриди таҷрибаомӯзии кадрҳо дар Маскав, Киев ва Тошканд ба пешравии илм ва таълим мусоидат намуд. [6, с. 4]

Дар баробари ин вазифаи пурмасъулият (яъне ректори ДДТ) ва давраи пур аз тазодҳову мушкилиҳои замон Талбак Назаров як масъулияти дигари бузург – Раиси Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҶШС Тоҷикистонро низ аз соли 1983 то соли 1988 ба зимма дошт. [10, с. 6] Ҳамзамон, дар ин давра устод солҳои 1982-1988 узви Кумитаи давлатии маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон [7, с. 340], солҳои 1983-1988 аъзои Кумитаи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, солҳои 1986-

1988 Раиси Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва солҳои 1986-1991 аъзои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон буд. [11, с. 65]

Дар ин давра устод Т. Назаров барои фаъолияти пурсамару воқеъбинонааш ба як қатор медалу ифтихорнома қадрдонӣ карда мешавад. Аз ҷумла, соли 1985 бо Ифтихорномаи фахрии Кумитаи Марказии Шӯрои Ленинии коммунистии ҷавонони Тоҷикистон (Почетной Грамотой ЦК ЛКСМ Таджикистана) ва Ифтихорномаи фахрии Кумитаи ҳифзи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Почетной Грамотой Таджикского Республиканского Комитета защиты мира), соли 1986 бо медали ба номи академик С.И. Вавилов (Москва) ва соли 1987 бо медали “70-солагии барқарорсозии истиқлолият”-и ҳукумати Афғонистон қадрдонӣ шудааст. [9, с. 58] Илова бар ин, бо Фармони Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 09 марти соли 1988 ба Талбак Назаров барои хизматҳояшон дар соҳаи илми иқтисодиёт ва тайёр кардани мутахассисон барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ унвони фахрии “Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон” дода мешавад. [2]

Ҳамин тавр, ректори ДДТ Талбак Назаров дар таърихи ин донишгоҳ нақши назаррасе гузоштаст. Барои хизматҳои ҳамаҷонибаи худ дар назди ДДТ ва коллективи он эшон ба унвонҳои баланди илмӣ, омӯзгорӣ ва давлатӣ сазовор гардидааст.

Замони ректории академик Талбак Назаровро имрӯз ҳам устодони калонсоли донишгоҳ ва дигар шахсиятҳои барҷастаи тоҷикистонӣ ба некӣ ёд мекунанд ва ӯро аз пуркортарин роҳбарон медонанд. Масалан, Фарҳод Раҳимӣ – Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳангоми ҷашн гирифтани 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар баромадаш чунин гуфта буд: “Боиси ифтихори олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки роҳбарии донишгоҳи мазкурро дар солҳои гуногуни фаъолияташ олимони машҳур, аз ҷумла академик ...Талбак Назаров... ба зимма дошта, дар пешрафти он саҳми арзандаи худро гузоштанд”. [1]

Баъд аз муваффақиятҳои пайдарпайи Талбак Назарович Назаров роҳбарияти ҳизбиву давлатии Тоҷикистон зарур донистанд, ки ӯро ба вазифаи масъулноктари давлатӣ пешбарӣ намуда, ба сиёсати бузург ворид созанд.

Чӣ тавре дар боло ишора шуд, Талбак Назаров шурӯъ аз соли 1980 вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб шуда буд. Яъне ин маънои онро дошт, ки ӯ аллакай дар гирдоби сиёсат шиноварӣ мекард.

Соли 1988 устод Т. Назаровро боз ҳам пурратар ба фазои сиёсӣ ҷалб намуданд. Масалан, бо фармони Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 30 майи соли 1988 таҳти №1075 Назаров Талбак Вазири маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон таъин карда шуд [3, с. 21], ки ин худ аллакай яке аз қуллаҳои баланди сиёсӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, мақомоти мазкур дар он давра яке аз сохторҳои асоситарини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳисобида мешуд.

Инчунин, дар баробари дар мансаби вазирӣ қарор доштанаш, Талбак Назаров солҳои 1989-1990 узви Кумитаи давлатии маорифи халқи ИҶШС ва солҳои 1989-1992 вакили халқии ИҶШС низ буд. [10, с. 6]

Дар замони фурӯпошии ИҶШС Талбак Назаров ҳангоми Вазири маорифи ҷумҳурӣ ва узви Кумитаи давлатии маорифи халқи ИҶШС буданаш, дар фаъолияти худ ба рушд ва такмили системаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ диққати зиёд медод. Ҳамзамон, ӯ чунин мешуморад, ки маҳз сиёсати мақсадноки давлатӣ дар ин соҳа барои ташаккули эҷодкорони ҷомеаи оянда, яъне ҷавонон пешбинӣ шудааст. Вай ғояи заруриро дар таҳия ва татбиқи як консепсияи ягонае, ки ҷойгоҳ ва нақши

ҷавононро дар кишвар муайян мекунад, консепсияе, ки бо қарорҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ дастгирӣ бояд карда шавад, баён кард.

Масалан, Талбак Назаров ҳангоми гузориши худ дар Пленуми муштараки КМ Ҳизби Коммунистӣ ва КМ ЛКСМ (ШЛКҶ – Шӯрои Ленинии коммунистии ҷавонон)-и Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур чунин қайд карда буд: “Айни замон мо консепсияи маълумоти умумии миёна дорем, консепсияи маълумоти олӣ ва миёнаи махсус дар арафаи тасдиқ аст. Аммо то ҳол дар республика консепсияи ягонаи муайянкунандаи мавқеи ҷавонон дар ҷомеа вуҷуд надорад. Эҳтимол вақти таҳияи чунин консепсия расида, муҳим аст, ки он ба тадбирҳои молиявию иқтисодӣ тақвият дода шавад. Ба ҳамин андоза дар оянда қонуни республикавӣ дар бораи ҷавонон низ зарур аст”. [24, с. 1]

Инчунин, Т. Назаров чунин мешуморид, ки мушкилоти ҷавонон бо мушкилоти афзоиши истифодаи нерӯи ҷомеа зич алоқаманд аст. Сарфи назар кардани онҳо метавонад ба таназзули принсипҳои ахлоқӣ оварда расонад, ки оқибатҳои манфии пешгӯинашавандаро ба бор меорад. Рафтори ҷавонон ва сатҳи ҷиноятҳое, ки онҳо содир мекунанд, бештар аз сифати таълим ва тарбия вобаста аст.

Дар ин робита, ба ақидаи Талбак Назаров, маблағгузории соҳаи маориф хеле муҳим мебошад. Ҳамчун мутахассиси варзида дар соҳаи муносибатҳои молиявию қарзӣ, ӯ устуворона андешаи худро дар бораи афзалиятнокӣ ва тақдирсоз будани таҳсилот барои ҷомеа ҳимоя карда, зарурати рафъи принсипи маблағгузории боқимондаи таълимро тарафдорӣ намуд. Ҳамзамон, Талбак Назаров зимни суханронӣ дар матбуоти марказӣ таъкид кард, ки дар системаи маориф – ин самти муҳим вазъи манфӣ дар ҳавасмандгардонии меҳнати омӯзгорон ба вуҷуд омадааст. [11, с. 53]

Барои ҳамаи ин саъю талошҳояш ба хотири пешрафти соҳаи маориф устод Талбак Назаров соли 1990 бо Ифтихорномаи Кумитаи давлатии маорифи халқи ИҶШС қадрдонӣ карда мешавад.

Талбак Назаров дар вазифаи Вазири маорифи халқии ҶШС Тоҷикистон тӯли ду сол хеле пурсамар кор кард ва нақшаҳои зиёде барои пешбурд ва инкишофи ин соҳа дошт, аммо соли 1990 ӯро зуд аз вазифа гирифта, муовини якуми раиси Шӯрои Вазирон ва раиси Кумитаи банақшагирии давлатии (Госплан) ҶШС Тоҷикистон таъин мекунанд. Устод Т. Назаров дар ин вазифаҳои пурмасъулият то соли 1991 кору фаъолият менамояд.

Шурӯъ аз ибтидои солҳои 90-уми асри ХХ вазъи сиёсии мамлакат рӯ ба инқироз афтода, кор кардан ниҳоят душвор мегардад. Дар ҳамин давра, дар асоси Оинномаи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон 19 январи соли 1991 олимони тоҷик Т. Назаровро якдилона ба узвияти ҳақиқи (академик)-и Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон қабул намуданд.

Инчунин, бо Қарори маҷлиси умумии Академия аз 11 августи соли 1992 (протоколи №1) Талбак Назаровро ба узвияти ҳақиқии Академияи байналмилалии илмҳои макотиби олӣ низ қабул мекунанд. [8] Аз ин рӯ, Талбак Назаров қарор медиҳад, ки аз фазои сиёсии мамлакат каме дур шуда, танҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул шавад.

Ҳамин тавр, соли 1991 Талбак Назаровро ноиби президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мекунанд, ки дар ин вазифаи пурмасъулият то соли 1994 фаъолият менамояд.

Дар ин бобат худи академик Т. Назаров чунин қайд менамояд: “Росташро гӯям, дар чунин вазъият дигар нияти кор кардан дар вазифаҳои роҳбариро надоштам.

Бинобар ин қарор додам, ки дар Академияи улум фаъолиятамро идома диҳам, зеро дар он давра ман аллакай унвони академикӣ доштам. Ҳамин тавр ҳам кардам. Маро ба вазифаи ноиби президенти академияи илмҳо интихоб карданд". [15]

Ҳамзамон, Талбак Назаров солҳои 1991-1992 аъзои Комиссияи экспертӣ оид ба ихтисосҳои иқтисодии Комиссияи олии аттестатсионии назди Шӯрои Вазирони ИҶШС буд. Аз соли 1991 то имрӯз аъзои Президиуми Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар баробари ин, соли 1993 Президенти Раёсати Ассотсиатсияи Тоҷикистон оид ба мусоидат ба ҳамкорӣ ва пешрафти халқҳои Осиёи Марказӣ интихоб шудааст. [10, с. 6-7]

Дар ҳамин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуда, як қатор шаҳрвандони кишвар, алалхусус зиёиёне, ки мактаби илмии россиягиро гузашта буданд, ба хотири ҳифзи ҷони худ рӯ ба гурез ниҳоданд. Аммо Талбак Назаров ҳамчун шахси ватандӯсту вафодори Ватани худ мавқеашро ба хотири манфиатҳои худ тағйир надод. Баръакс, агар дигарон барои молу мулк ва ҳифзи ҷонашон талош мекарданд, пас ӯ дар ин давра аз вазъи кунунии илм шадидан нигарон буд. Устод пеш аз ҳама дар аз даст додани обрую эътибори мутахассисон-олимон, фирори онҳо ё берун рафтан аз кишвар ва ё ба ҳар гуна сохторҳои тиҷоратии музднок ҷалб шуданашон нигарон буд. Дар натиҷа, ин ба коҳиши таҳқиқоти бунёдии илмӣ, яъне ба вазъи амалан сарбаста дар рушди илм оварда расонид.

Барои бартараф кардани ҳамаи ин мушкилиҳо Талбак Назаров кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ дода, дуруст мешуморад, ки хароҷоти илм ва таълим бояд ба талаботи иқтисоди бозорӣ мувофиқ карда шаванд, зеро таҷрибаи кишварҳои хеле пешрафта, ки технологияҳои муосиртарин ва системаҳои коммуникатсионӣ доранд, исботи ин гуфтаҳо мебошанд.

Талбак Назаров дар суханрониҳои оммавӣ ва матбуотӣ бемайлон густариш ва таҳкими робитаҳои илмӣ, маърифатӣ ва ғайра бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳониро тарафдорӣ мекунад. Чунки, ба ақидаи ӯ ин ягона роҳи рафъи бӯҳрони системавии ҳаёти ҷомеа, суръат бахшидани раванди ислоҳоти демократӣ ва бозорӣ мебошад. [11, с. 54]

Талбак Назаров дар он солҳо ҳамчун яке аз роҳбарони Академияи илмҳои Тоҷикистон пеш аз ҳама ҷонибдори ҳифз ва рушди минбаъдаи робитаҳои илмӣ бо кишварҳои фазои пасошӯравӣ мебошад. Вай зарурати тавсеа ва тақвияти ҳамкориҳои илмӣ ва техникии байни кишварҳои ИДМ-ро фаъолона тарафдорӣ мекунад, зеро худидоракунӣ дар заминаи миллӣ барои ҷомеа харобиовар аст. Ба гуфтаи Талбак Назаров, пешрафт дар илми ватанӣ бо омӯзиши таҷриба ва дастовардҳои илмии кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ дар Аврупо, Осиё ва Амрико алоқамандии зич дорад. Ӯ барои барқарор ва густариши робитаҳо бо ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, ҳоло давлатҳои мустақил ва пеш аз ҳама - бо Федератсияи Россия, ки шарики боэътимоди Тоҷикистон, кафили сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, дар мавқеи махсус мегузорад. [9, с. 41]

Ҳамин тавр, академик Талбак Назаров ҳамчун ноиби президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-1994) [5, с. 375] барои таҳкими заминаи илмӣ ва таҷрибавӣ, ташаккул ва рушди бахшҳои асосии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро ба анҷом расонид.

Чи тавре ки қаблан қайд кардем, оғози солҳои 90-уми асри гузашта дар сиёсати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ тағйироти куллӣ ба амал омада, "Бозсозии Горбачёвӣ" ба парокандашавии ин давлати абарқудрат оварда расонид ва

Тоҷикистон низ истиқлолияти хешро эълон кард. Аммо дере нагузашта Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон ба доми ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Нахустпрезидент Қаҳҳор Маҳкамов ва баъдан Раҳмон Набиев ба таври маҷбурӣ ба истеъфо рафтанд. Мардум истеъфои кормандони ҳукуматро талаб мекарданд. Дар баробари ин, вазъ дар ҷумҳурӣ ниҳоят муташанниҷ гардида буд.

Моҳи ноябри соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шуд ва зимоми ҳукуматро ба дасти худ гирифт. Дар ин давра дар ҳаёти Талбак Назаров, ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул буд, тағйироти куллӣ ба амал омад. Ба Талбак Назаров пешниҳод карданд, ки роҳбарии ситоди интихоботии онвақта Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро дар интихоботи президентии дарпешистода бар ӯҳда бигирад. Баъд аз гузаштани интихобот ва ғолиб гардидани Эмомалӣ Раҳмон дар интихоботи мазкур, академик Талбак Назаровро ба вазифаи роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунанд. Муаррихи даврони ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон Нуралӣ Давлат дар робита ба ин мегӯяд: «Соли 1994 ба Талбак Назаров пешниҳод карданд, ки роҳбарии ситоди Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмоновро дар интихоботи қарибулвуқӯи президентӣ ба ӯҳда бигирад. Сипас, дере нагузашта, пас аз интихобот Талбак Назаровро ба вазифаи роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент таъин карданд. Ва ин дар ҳаёти Талбак Назарович тағйироти куллӣ буд». [15] Лекин дар ин мансаб ҳамагӣ наздики 1 моҳ кору фаъолият менамояд. Моҳи декабри соли 1994 ӯро аз ин мансаб озод карда, ба яке аз мансабҳои калидии давлатӣ - вазири корҳои хориҷӣ таъин мекунанд.

Чи гунае, ки худи устод қайд мекунад – "моҳи декабри соли 1994 маро ба мансаби роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуданд, ки дар он ҷо ман ҳамагӣ 28 рӯз фаъолият кардам. Пас аз он, моҳи январи соли оянда маро вазири корҳои хориҷӣ таъин карданд, ки 12 сол дар ин вазифа кор кардам". [16]

Дар ин давра барои кишвари Тоҷикистон, ки тоза истиқлолият бадастоварда буду дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ месӯхт, аз фаъолияти роҳбари ин вазорат бисёр чизҳо, аз ҷумла, дар навбати аввал имиҷи сиёсии Ҳукумат вобастагии калон дошт. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар кор кардан дар садри Вазорати корҳои хориҷӣ кори саҳлу осон набуд. Роҳбари онро мебоист робитаҳои дипломатии Тоҷикистони тозаистиқлолро, ки акнун ҳамчун субъекти мустақил дар муносибатҳои байналмилалӣ шинохта мешуд, бо кишварҳои ҷаҳон барқарор намояд. Аз ин рӯ, интихоби академик Талбак Назаров дар ин мансаби калидии давлатӣ бисёр интихоби дақиқ ва бомуваффақият ба ҳисоб меравад. Чунки, устод то имрӯз аллакай таҷрибаи сиёсӣ доштанд. Масалан, солҳои 1986-1988 раиси Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва солҳои 1989-1991 вакили Шӯрои Олии ИҶШС буданд.

Ҳамрохон Зарифӣ – собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъд аз мансаби вазирӣ рафтани академик Талбак Назаров ба вазифаи вазири корҳои хориҷӣ таъин шуда буд, дар мақолаи худ вобаста ба ҳаёту фаъолияти устод дар ин давра чунин қайд мекунад: "Роҳбари нави давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баислоҳоти конститутсионӣ ва сохтмони давлат аҳамияти аввалиндараҷа дода, ба дастаи худ кадрҳои болаёқат ва салоҳиятдорро даъват намуд. Яке аз чунин шахсиятҳо Талбак Назаров буд, ки дар таҳияи барномаи интихоботи президентиояндаи Тоҷикистон ширкат варзида, сипас ситоди таблиғотии онро роҳбарӣ кард. Пас аз интихобот, Талбак Назаров Дастгоҳи иҷроияи Сарвари давлатро роҳбарӣ кард, аммо ба зудӣ вазири корҳои хориҷӣ таъин шуд ва дувоздаҳ сол

дар ин вазифа кор кард. Ҳаёт нишон дод, ки дар ин ҳолат интихоби Президент хеле дақиқ ва муваффақ буд. Дар тӯли ин давра, Талбак Назаров аз аввал то ба охир ба халқ ва Ватани худ содиқона ва фидокорона хидмат карда, дастурҳои Сарвари давлатро бо ҳисси масъулият ва касбияти баланд ба ҷо меовард”. [22, с. 77]

Дар ҳақиқат будани Талбак Назаров барин шахсияти шинохта ва боэътибор дар ҳукумати навтаъсисёфта дар он давра бисёр муҳим ба ҳисоб мерафт. Нақши устод, махсусан дар мустаҳкам кардани пояҳои ҳукумати конститутсионӣ ва густариш ёфтани сиёсати Президенти навинтихобшуда Эмомалӣ Раҳмон, махсусан сиёсати сулҳсозонаи ӯ бисёр назаррас мебошад.

Дар замони кор карданаш дар вазорат, Талбак Назаров заминаи моддию техникӣ ва иқтидори кадрии онро мустаҳкам кард. Шумораи намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷ ба таври назаррас афзоиш ёфт ва аксари онҳо соҳиби биноҳои нав гардиданд. [23] Тоҷикистон тавонист равобити боэътимод ва босамарро бо бисёр кишварҳои ҷаҳон барқарор кунад ва аз ҷониби дигар, аз минбарҳои созмонҳои бонуфӯзи байналмилалӣ даъват ба амал овард, ки на танҳо мушкилоти дохилии худ, балки муҳимтарин проблемаҳои байналмилалӣ ҳал шаванд.

9 феврали соли 1995 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Талбак Назаров рутбаи дипломатии “Сафири Фавқулода ва Мухтор”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. [4, с. 30]

Давраи аз ҳама муҳим ва назарраси вазирии Талбак Назаров ин бешубҳа раванди музокироти сулҳи тоҷикон мебошад. Чунки, соли 1996 Талбак Назаровро роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар музокироти сулҳи тоҷикон таъин мекунанд. Ин давра барои мардуми тоҷик бисёр давраи ҳасос буд. Зеро дар ин замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҳрони шадиди сиёсӣ рӯ ба рӯ шуд. Маҳз дар ҳамин давра баъзе аз кумандонҳои Фронти халқӣ алайҳи ҳукумати қонунӣ ошӯб бардошта буданд. Дар баробари ин, нерӯҳои мухолифин низ рӯз аз рӯз пуркуват мешуданд. Дар ин ҳолат ҳузури Талбак Назаров барин сиёсатмадори зирак ва дурандеш дар паҳлӯи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ҳал кардани низои байни тоҷикон бо роҳи мусолиматомез нақши калон бозид.

Чунонки профессор Абдунабӣ Сатторзода, яке аз чеҳраҳои саршиноси Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик солҳо баъд дар як маҳфили созмони “Гуфтугӯи тамаддунҳо” иброз дошт, ки шахсияти роҳбари ҳайат дар музокироти миёни тоҷикон нақши муҳим мебозид. “Албатта, нисбат ба шахсияти Шукурҷон Зуҳуров, Абдумаҷид Достиев, Маҳмадсаид Убайдуллоев, ки дар давраҳои гуногун роҳбарии ҳайати ҳукуматиро ба дӯш доштанд, ҳурмату эҳтиром мавҷуд буд ва аз ҷониби онҳо кӯшишҳои зиёд ба кор бурда мешуданд, вале бо таъин шудани Талбак Назаров фазои музокироту мулоқоти ҷонибҳо дигар гашт, эътимоду боварӣ ба ҳамдигар ва ба ояндаи нек зиёд шуд”. [14]

Худи академик Талбак Назаров вобаста ба даврони вазирӣ ва роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон буданаш чунин мегӯяд: “Ба мо муяссар шуд, ки равобити Тоҷикистонро бо бисёр аз кишварҳои Шарқу Ғарб ба роҳ монем. Он давра барои кишвар ниҳоят душвор буд, зеро дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ идома меёфт. Гумон мекунам, аз ҳама давраи душвор замони вазирии банда музокироти Сулҳи тоҷикон миёни ҳукумати қонунӣ ва мухолифин буд. Хушбахтона миссияи ман дар ин вазифа бо имзо шудани Созишномаи умуми истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар соли 1997 ба итмом расид”. [19]

Бояд қайд намуд, ки дар давраи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон будани академик Талбак Назаров (аз 28.12.1994 то 30.11.2006) кишвари мо бо 39 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, аъзои 7 созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ гардид. [18, с. 259-268]

Баъди фаъолияти 12-сола дар Вазорати корҳои хориҷӣ Талбак Назаров аз вазифаи вазирӣ ба истеъфо рафт. Соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Фонди ҷамъиятии хайриявии Тоҷикистонро таъсис медиҳад. Барои пеш бурдани кори ин муассисаи нав шахсияте лозим буд, ки тавонад онро ба як низоми муайян дарорад. Аз ин лиҳоз Сарвари давлат, ки аз таҷрибаи бою рангини устод Талбак Назаров бохабар буданд, ӯро соли 2007 роҳбари фонди мазкур таъин мекунанд. Устоди азиз то имрӯз муассисаи мазкурро роҳбарӣ ва дар он ҷо кору фаъолият намуда истодааст.

Чи гунае ки, собиқ вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ қайд намудаанд: "Ҳангоми интихоби роҳбари Фонди ҷамъиятии хайриявии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, ростқавлӣ, ростгӯӣ, инсондӯстӣ, адолатпарварӣ, хоҳиши фидокорона ба халқу Ватан хидмат кардан ва бисёр сифатҳои наҷиби дигари Талбак Назаровро ба назар гирифтаанд. Аз ин рӯ, Президенти кишвар иҷрои ин вазифаҳоро ба ӯ супорид, то ки такягоҳи боэътимод дошта бошад". [22, с. 79]

Ҳамин тавр, академик Талбак Назаров дар ҳаёт худро на танҳо ҳамчун муҳаққиқи беҳамто, балки ҳамчун як чеҳраи бузурги сиёсӣ ва арбоби барҷастаи давлатӣ низ нишон дод. Ӯ ҳамчун Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, вакили халқии ИҶШС ва вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ба таҳкими волоияти қонун, баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ доимо диққати махсус медод. Қобилияту истеъдоди ӯ ҳамчун сиёсатмадори баркамол дар мансаби вазири корҳои хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар зоҳир шуд. Чунки ин давра фазои сиёсии кишвар ниҳоят мураккаб гардида, Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд. Ӯ ҳамеша ҷонибдори ҳалли мусолиматомези низои байни тоҷикон буд. Ба ҳайси роҳбари мақомоти сиёсати хориҷии кишвар дар суханрониҳои худ дар ҷаласаҳои Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ идеяи таҳкими субот ва эътимодро, хусусан дар минтақаи Осиёи Марказиро ба таври методӣ ва ҳадафмандона пешниҳод кард буд.

Имрӯзҳо мардуми Тоҷикистон дар фазои тинҷу осоишта зиндагӣ мекунанд, ки дар он ҳам низ Талбак Назаров саҳми беандоза дорад. Дар ҳақиқат, бояд қайд кард, ки "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ" дар Тоҷикистон дар натиҷаи раванди тӯлонӣ ва душвори гуфтушуниди байни тоҷикон 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав ба имзо расида расидааст ва дар ин раванд бисёриҳо ба ҳайси роҳбарони ҳайати ҳукуматӣ фаъолият намудаанд ва ё барои ноил шудан ба ин ҳадаф кӯшишҳои зиёд намудаанд. Аммо вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назарович Назаров пас аз интихоб шуданашон ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ тавонист ин гиреҳро то ба охир кушояд ва бо бастани созишнома байни тарафҳо оварда расонад. Ин хидмати Т. Назаров дар саҳифаҳои таърихи сулҳи тоҷикон бешубҳа, барои ҳамешагӣ сабт хоҳад шуд.

Хулоса, дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳои зиёд оид ба ҳаёт ва фаъолияти академик Талбак Назаров мо ба хулосаҳои зерин омада метавонем: якум пажӯҳиш ва таълими илми иқтисод, баъдан тарбияи кадрҳо, сеюм роҳбарӣ дар муассисаҳои давлатӣ, чаҳорум сиёсат ва ғайраҳо.

Умедворем, ки дар оянда ҳар кадоме аз самтҳои фаъолияти академик Талбак Назаров аз ҷониби тадқиқотчиён ва ходимони илмӣ мавриди арёзбии илмӣ қарор хоҳад гирифт.

**Адабиёт**


1. Абдулқодири Раҳим. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 70 – сола шуд [Манбаи электронӣ]. URL: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=35484 (санаи мурочиат: 05.06.2021).
2. Бойгонии шахсии академик Талбак Назаров: Грамотаи Талбак Назаров – Ходими хизматнишондодаи илми РСС Тоҷикистон. Душанбе, аз 9 марти соли 1988.
3. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. // Укази Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон дар бораи Вазири маорифи халқи РСС Тоҷикистон таъин кардани рафиқ Назаров Т. // Аз 15 июни соли 1988, №11 (1024). -С. 21.
4. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 2. Под общей редакцией Хамрохона Зарифи (Составитель Д. Назриев) Серия: Внешняя политика Таджикистана. - Душанбе: «Ирфон», 2011. - 296 с. илл. ё фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ба Назаров Т. додани мартабаи Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 9 феврали соли 1995, №175, ш. Душанбе.
5. Душанбе. Энциклопедия. Главный редактор Курбанов А.К., Главная научная редакция Таджикской Национальной Энциклопедии. Душанбе., 2004. 592 стр. с илл.
6. Карим Абдулов. Маърифатафрӯз. Пешниҳоди Т. Назаров барои дарёфти ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Ибни Сино [Матн] / Карим Абдулов // Садои мардум. – 10 июни соли 2003. - №62 (1562). -С. 4.
7. Кӯлоб. Энсиклопедия**.** Сармуҳаррир Қурбонов А.Қ., Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик Душанбе. 2006. 640 саҳ. бо тасвирҳо.
8. Личный архив академика Талбака Назарова: Международная Академия наук высшей школы. Диплом академика №051 от 11 августа 1992 года.
9. Назаров Талбак Назарович (к 70 – летию со дня рождения). – Душанбе: “ЭР-граф”, 2008. – 113 с.
10. Назаров Талбак Назарович (к 75-летию со дня рождения). Душанбе, Бухоро, 2013, – 118 с.
11. Назаров Талбак Назарович (к 80 – летию со дня рождения). – Душанбе: ОАО “Чопхонаи Дониш”, 2018. – 130 с.
12. Нуралӣ Давлат. Бузургмарде дар арсаи сиёсат [Матн] / Нуралӣ давлат // Садои мардум. – 17.03.2018. - №35 (3829). -С. 1.
13. Нуралӣ Давлат. Бузургмарде дар арсаи сиёсат. [Манбаи электронӣ]. URL: http://sadoimardum.tj/far-ang/buzurgmarde-dar-arsai-siyosat/ (санаи мурочиат: 15.12.2020).
14. Нуралӣ Давлат. Сарлавҳаи асосӣ ПИРИ ХИРАД. [Манбаи электронӣ]. URL: https://gazeta.tj/2018/03/sarlav-ai-asos-piri-hirad/ (санаи мурочиат: 15.12.2020).
15. Одили Нозир. Академик Талбак Назаров. Роҳи ноҳамвор ва пурифтихори пири сиёсат ва дипломатияи тоҷик. [Манбаи электронӣ]. URL: https://pressa.tj/tajikistan/akademik-talbak-nazarov-roxi-noxamvor-va-puriftihori-piri-siyosat-va-diplomatiyai-toҷik/ (санаи мурочиат: 15.12.2020).
16. Патриарх. Талбак Назаров о себе, о жизни и о тонкостях таджикской дипломатии. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.toptj.com/News/2018/03/15/patriarkh-talbak-

nazarov-o-sebe-o-zhizni-i-o-tonkostyakh-tadzhikskoy-diplomatii (санаи мурочиат: 15.12.2020).
17. Равшан Раҳмонӣ. *Фидоии илми тоҷик* [Матн] / Равшан Раҳмонӣ // Омӯзгор. – 29 феврали соли 2008. - №9 (11615). -С. 13.
18. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ) Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: "Ирфон", 2011, 340 с.
19. Талбак Назаров. В политике двери никогда нельзя захлопывать [Манбаи электронӣ]. URL: https://news.myseldon.com/ru/news/index/205880616 (санаи муроҷиат: 15.12.2020).
20. Таърихи ДМТ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://tnu.tj/index.php/tj/tarihi-dmt/ (санаи муроҷиат: 01.06.2021).
21. Ӯлмас Мирсаидов. Олим, сиёсатшинос, дипломат. Академик Талбак Назаров 60 – сола шуд [Матн] / Ӯлмас Мирсаидов // Садои мардум. – 04.03.1998. - №14 (1029). -С. 3.
22. Хамрохон Зарифи. Многовекторная дипломатия Таджикистана (Статьи, интервью, выступления, хроника визитов и встреч) – Душанбе: Издательство ООО «Офсет», 2010 – 352 с.
23. Хамрохон Зарифи. *Мудрый человек и искусный политик:* [Матн] / Хамрохон Зарифи // Народная газета. – 9 апреля 2008 года. - №15 (19621).
24. Ҷавонон ба ғамхорӣ эҳтиёҷ доранд: Гузориши вазири маорифи халқи РСС Тоҷикистон Т. Назаров дар пленуми муштараки КМ Партияи коммунистӣ ва КМ ЛКСМ Тоҷикистон [Матн] // Омӯзгор. – 3 октябри соли 1989. - №56 (10950). – С. 1.

## СТАНОВЛЕНИЕ ЛИЧНОСТИ ТАЛБАКА НАЗАРОВА КАК ВЫСШЕГО ПОЛИТИЧЕСКОГО И ГОСУДАРСТВЕННОГО ДЕЯТЕЛЯ

**РАДЖАБЗОДА АЪЗАМДЖОН НУРАЛИ,**
соискатель кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан,
734003, г. Душанбе, улица Саида Носира 33
Тел.: (+992) 917-60-40-67. E-mail: ran.13031996@mail.ru

*В статье рассматривается становление личности Талбака Назарова как видного политического и государственного деятеля, а также исследуется период вхождения этой великой личности в политическое пространство.*

*Автор отмечает, что академик Т. Н. Назаров показал себя не только как блестящий исследователь, но и как крупный политический деятель. На посту Председателя Верховного Совета республики и как народный депутат СССР и депутат Верховного Совета Таджикской ССР особое внимание он уделял укреплению правопорядка, усилению имиджа Таджикистана в мире. Его талант как зрелого политика проявился на посту министра иностранных дел независимого Таджикистана. Это были трудные времена. Он всегда выступал за мирное урегулирование межтаджикского конфликта.*

***Ключевые слова:*** *академик, Талбак Назаров, университет, министерство, политика, политик, исследования, наука, деятельность.*

# FORMATION OF PERSONALITY OF TALBAK NAZAROV AS THE PROMINENT POLITICAL AND STATE FIGURE

**RAJABZODA AZAMJON NURALI,**
applicant of Diplomacy and International Relations
Department of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 917-60-40-67. E-mail: ran.13031996@mail.ru

*The article examines the formation of the personality of Talbak Nazarov as a prominent political and state figure, as well as the period of entry of this great personality into the political space.*

*The author notes that Academician Talbak Nazarov has shown himself not only as a brilliant researcher, but also as a major political figure and prominent statesman. He constantly paid special attention to strengthening the rule of law, enhancing Tajikistan's image on the world arena as Chairman of the Supreme Soviet of the republic, a people's deputy of the USSR and a deputy of the Supreme Soviet of the Tajik SSR. His talent as a mature politician revealed itself in the post of Minister of Foreign Affairs of independent Tajikistan. Because during this period the political climate of the country became extremely complicated and Tajikistan was involved in the civil war. He has always been a supporter of a peaceful solution to the conflict between Tajiks.*

***Key words:*** *academician, Talbak Nazarov, university, ministry, politics, politician, research, science, activity.*

**УДК: 327**

# ГЕОПОЛИТИКА ТАВЛИДГАРИ МАРҲАЛАИ НАВ ДАР “СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶАҲОНӢ”

**ШОДИЕВ КОМРОН ОЛИМҶОНОВИЧ,**
ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии Данғара.
ш. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
Тел.: (+992) 004-66-67-65. E-mail: komronshodiev92@gmail.com

*Дар ин мақола муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар аввал мафҳумҳои геополитика, ҷуғрофияи сиёсӣ ва системаи сиёсии ҷаҳониро бо нишон додани хусусиятҳои хоси ҳар як мафҳум, мухтасар баён намояд. Муаллиф, геополитика ва географияи сиёсиро муқоиса карда, детерминизми ҷуғрофиро таъкид намудааст, ки он дар марҳалаҳои минбаъдаи худ сабабгори пайдоиши геополитика шудааст. Сипас муаллиф кӯшиш кардааст, геополитикаро бо системаи сиёсии ҷаҳонӣ дар ҳамбастагӣ муқоиса ва таҳлил намуда, таъсироти геополитикаро ба системаи сиёсии ҷаҳонӣ бо овардани далелҳо ва мисолҳои мушаххас нишон диҳад.*

*Рафти таҳлили мақола нишон медиҳад, ки геополитика тавлидгари асосии ҳар марҳалаи нав дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ ба шумор рафта, ин анъана то ба ҳол вуҷуд дорад ва идома хоҳад дошт. Хусусияти хоси таҳқиқи мақола мазкур дар он аст, ки муаллиф бо методҳо ва истифодаи сатҳи омӯзиши мавзӯи мазкур нишон додааст, ки унсурҳои асосии геополитикӣ рӯз ба рӯз инкишоф ёфта, таъсирнокияш ба системаи сиёсии ҷаҳонӣ то рафт меафзояд.*

***Калидвожаҳо:*** *геополитика, ҷуғрофия, ҷуғрофияи сиёсӣ, система, системаи сиёсӣ, системаи сиёсии ҷаҳонӣ, системаи геополитикии ҷаҳонӣ, ҳудуди фазоӣ, ҳудуди хушкӣ, Маккиндер, “Ҳертленд”, Коэн Бернард.*

Барои дарки дурусти таъсири геополитика бар системаи сиёсии ҷаҳонӣ, дар марҳалаи аввал бояд аз болои мафҳумҳои “геополитика” “географияи сиёсӣ” ва “системаи сиёсӣ” таҳқиқ ва таҳлили муқоисавӣ анҷом дод. Дар системаи сиёсӣ ва ҷаҳони пуртазот мафҳумҳои мазкур нақши марказиро соҳиб буда, барои соҳиб шудани “сухани аввал” дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ аз “бозиҳо” ва ё тактикаҳои геополитикӣ истифода бурдани абарқудратмандон (ИМА, Россия, Чин) баръало мушоҳида мешавад.

Таҳлили муқоисавии мафҳумҳои геополитика, географияи сиёсӣ ва системаи сиёсии ҷаҳонӣ ба мо имкон медиҳад, ки назарияҳо ва консепсияҳои навини геополитикӣ ва илмҳои сиёсӣ бо диққат омӯхта шавад, то таъсири онҳоро ба системаи сиёсии ҷаҳонӣ инъикос намуда, чигуна тавлидгари марҳалаи нав дар “системаи сиёсии ҷаҳонӣ” буданаш баён ва ошкор карда шавад. Методҳои таҳлилии мақола, методҳои муқоисавӣ, эмпирикӣ, системанокӣ ё пайдарҳамӣ ба шумор рафта, масъала ё ҳадафи дар миён гузошта шударо метавонад ба шакли комил дар ҷараён гузорад. Дар хусуси сатҳи омӯзиши мавзӯи мақолаи мазкур махсусан дар мавзӯи инкишоф, хусусиятҳо, консепсияҳо ва методологияи омӯзиши геополитика метавон корҳои тадқиқотии сиёсатшиносон ва таҳлилгарони дохилию хориҷиро зикр намуд, масалан: Г.Н.Зокиров [1, 324с], Л.Г.Ивашов [2, 30-36], Муҳаммад А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ. [3, 393-404], Бенно Тешке [4, 416 с], Шубин С.И. [5, 137с], Дугин А.Г. [6, 583с], Трубникова Н.В. [7, 91с], Алӣ Ҳасанов (Ali Hasanov) [8, 464с] ва ғайра.

Мо дар мақолаи худ муқоисаи геополитикаро бо системаи сиёсии ҷаҳонӣ дида мебароем, ки чӣ гуна геополитика тавлидгари марҳалаҳои ҷадид дар системаҳои сиёсии ҷаҳонӣ гаштааст. Дар ин замина вобаста ба мавзӯи “Системаи сиёсии ҷаҳонӣ”

ва системаи геополитикии ҷаҳонӣ мо аз мақолаи илмии Коэн Бернард [9, 23-28], ки бо номи **“Geopolitical in the New World Era”** (Геополитика дар сисстемаи нави ҷаҳонӣ) машҳур аст, истифода бурда, таъсироти геополитика ва консепсияҳои онро бар системаи сиёсии ҷаҳонӣ рӯшан месозем.

Дар фаҳми муосири «геополитика» аксари муҳаққиқон ифодаи соҳаи маъмули тадқиқоти илмҳои сиёсӣ - сиёсати хориҷиро медонанд. Ҳол он, ки ***«геополитика»*** равандҳо ва принсипҳои инкишофи давлатҳо, минтақаҳо ва умуман оламро мавриди омӯзиш қарор медиҳад [1, 7]. Таърихи геополитика решаҳои худро дар умқи асрҳо ва ҳатто ҳазорсолаҳо дорад. Аммо дар ҷомеаи илмӣ умуман эътироф шудааст, ки геополитика ҳамчун як самти мустақили илмӣ дар ибтидои асрҳои XIX ва XX ба вуҷуд омадааст. Муассиси он муҳаққиқи олмонӣ Фридрих Ратсел бо асари худ ***«Географияи сиёсӣ»*** ҳисобида мешавад [2, 31]. Вале, Ф.Ратсел дар асарҳои худ аз ҳама бештар мафҳуми «Ҷуғрофияи сиёсӣ»-ро истифода намудааст ва андешаҳои геполитикии худро низ дар доираи он ташаккул додааст. Ратсел кураи заминро ягонагии том муаррифӣ намуда, инсонро ҷузъи ҷудонашавандаи он медонист. Бинобар ин, инсон бояд худро ба таври ҳатмӣ бо муҳити атроф мутобиқ намояд [3, 402].

Бенно Тешке созишномаи Весфал-ро ки дар соли 1648 қабул шудааст, тавлидгари марҳалаи навин дар системаи сиёсии ҷаҳон ва пайдоиши системаи геополитикии ҷаҳонӣ шуморидааст, ки он ба пайдоиши аввалин давлатҳои миллӣ заминагузорӣ намудааст [4, 177].

Вобаста ба объекти фарогирии геополитика Шубин С.И. бо нишон додани графикаи махсус геополитикаро чунин тасвир намудааст:




***Графики 1.*** *[5, 8].*

Объекти омӯзиши геополитикаро фазо ташкил мекунад, мавзӯи онро бошад қонунҳо, шаклҳо ва усулҳо ташкил медиҳад. Дар умум геополитика санъати назорати фазо аз ҷониби субъектҳои гуногун, қаблан инҳо давлатҳо ва иттифоқҳои иёлотҳо буданд ва имрӯз корпоратсияҳои фаромиллӣ -ро низ метавон ба ин субъектҳо ворид сохт. Аз ин рӯ, таърифи кӯтоҳтарини геополитика метавонад чунин бошад. ***“Геополитика ин илм ё системаи дониш дар бораи назорати фазо мебошад”*** [5, 8]. Ба ақидаи Дугин А.Г. “Геополитика як методологияи ҳамаҷониба аст: исбот мекунад, ки мавзӯи консептуалии геополитикӣ синтетикӣ аст ва консепсияи геополитикӣ дар робита бо география эҳтимолан ҳам сиёсат ва ҳам ҷомеаро дар бар мегирад” [6, 5]. Дар муҳити илмҳои муосири сиёсӣ таърифҳои геополитика бештар бетарафанд, ба мисли:

1. Илм, системаи дониш дар бораи назорат бар фазо.
2. Илм дар бораи муносибати байни замин ва равандҳои сиёсӣ [7, 12].

Мувофиқи назарияи геополитикии Ратсел, дар мавҷудият ва сохтори давлат “фазои зисти маҷбурӣ”, яъне фазо муҳимтарин омили сиёсӣ ва ҷуғрофӣ мебошад. Доштани назорати пурраи захираҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра бо

маъмурияти соҳибихтиёр дар фазои мавҷуда низ заминаи идомаи давлат бо роҳи бехатар идома меёбад [8, 45].

Акнун биёед детерминизми ҷуғрофия, ҷуғрофияи сиёсӣ ва геополитикаро мухтасар зери таҳлил қарор бидиҳем. Муносибатҳои байни инсон ва муҳити атроф аз замонҳои қадим барои файласуфон ва олимон як мавзӯи ҷолиб барои омӯзиш зарурӣ будаанд. Таъсири маконҳое, ки ҷомеаҳои инсонӣ ба сар мебаранд ва шароити ҷуғрофии онҳо, ки ба ҳаёт, фарҳанг ва муносибат бо ҷомеаҳои дигар тобеъанд, дар осори бисёре аз файласуфон, муаррихон ва сиёсатшиносон, ба хусус Ибни Халдун, мавқеи васеъ пайдо кардааст. Ибни Халдун дар арзёбии ***“маконҳои шукуфон”*** ва зиндагии иҷтимоии рӯи замин ҷуғрофияи физикӣ ва иқлимро таъкид мекунад. Ба гуфтаи Ӯ, шароити ҷуғрофӣ на танҳо ба намуди зоҳирӣ ва тарзи зиндагии одамони алоҳида, балки ба фарҳанг ва фаъолияти сиёсии онҳо низ таъсир мерасонад [10, 153-221]. Илова бар Ибни Халдун, ки баҳодиҳиро бар ҷуғрофия асос гузошт, ки он асоси равишро дар оянда ҳамчун ҷуғрофияи сиёсӣ ва сипас геополитика ташкил дод ва ин равишро дар асри XVIII “детерминизми ҷуғрофӣ” меномиданд [11, 41], ҳимоятгари ин равиш дар асри маорифпарварӣ ва эҳёи Фаронса, файласуф ва ҷомеашиноси фаронсавӣ Чарлз Монтескё ба шумор мерафт. Ӯ баҳс мекунад, ки иқлим табиати ҷомеаҳои инсониро ташаккул медиҳад. Монтескё инчунин изҳор дошт, ки системаҳои гуногуни сиёсӣ маҳсули иқлиме мебошанд, ки онҳо дар он рушд мекунанд [12, 115]. Монтескё, ки бо хулосае ба мисли *“онҳо самимитар ва камтар шубҳаовар хоҳанд буд”* бо ишора ба он, ки одамоне, ки дар шароити вазнини иқлим ба воя расидаанд, бо сохторҳои содда ва қавии худ, ҳисси волоияти баланд доранд ва онҳоро бо хусусиятҳои муқобил муқоиса мекунад [13, 246-281].

Гарчанде детерминизми ҷуғрофӣ падидаи нав набошад ҳам, дар асри XIX бо андешаҳои назариётшиносони англо-саксон ташаккули географияи сиёсӣ оғоз ёфт ва маълум аст, ки ҷуғрофиядонҳо ва сиёсатшиносон ба монанди Ратсел, Рудолф Челлен ва Александр фон Гумболдт дар равшан кардани афкори геополитикии империалистӣ (классикӣ) саҳм гузоштаанд.

Геополитика яке аз шохаҳои асосии илмҳои сиёсӣ ба шумор рафта, дар илми сиёсатшиносӣ яке аз категорияҳои асосӣ дар раванди муносибатҳои байналхалқӣ ба шумор меравад. Геополитика як намуди сиёсатест, ки шаклҳои мушаххасу таърихии таъсиррасонии хусусиятҳои худудию фазогии ҳолати кишварҳоро ба раванди умумиҷаҳонӣ, минтақавӣ (**regionally**) ва локалӣ (**locally**) меомӯзад. [14, 242]. Бо инкишофи илмҳои сиёсӣ, геополитика низ инкишофи бо суръат ёфта, доираи омӯзиши худро васеъ намудааст. Чунончи Зокиров Г.Н. оиди ин мавзӯъ чунин баён намудааст: “Геополитика на танҳо хосиятҳои географӣ ё фазогию ҳудудиро дар сиёсати кабир таҷассум менамояд, балки он баҳри таъмини хосиятҳои умумисайёравӣ, тартиб ва қоидаҳои рафтори умумӣ, инчунин сиёсати байналхалқии давлатҳои алоҳида, иттиҳодияҳо, блокҳо дар арсаи умумиҷаҳониро фаро мегирад. Дар ин маъно геополитика равандҳо ва принсипҳои инкишофи давлатҳо, минтақаҳо ва умуман, оламро тадқиқ менамояд” [14, 243].

Дар шароити бо суръати баланд тағйирпазирии системаи сиёсии ҷаҳонӣ, диққати бисёре аз сиёсатшиносон (геополитикашиносон) равона ба мафҳуми муосири геополитика шудааст. Зеро ақидаҳои геополитикӣ ҳанӯз аз давраҳои қадим маъмуланд ва онҳо мазмуну моҳияти худро дар давраҳои гуногуни таърихӣ инкишоф додаанд. Дар ин хусус аз китоби “Донишномаи Сиёсӣ”-и Зокиров Г.Н. иқтибос бояд овард: “Фаҳми муосири ақидаҳои геополитикӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX ташаккул

ёфтааст. Пайдоиши ғояҳои геополитикӣ ва худи геополитика ҳамчун соҳаи махсуси донишҳои сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ аз омилҳои гуногун вобастаанд. Аммо нақши омилҳои зеринро ба тарзи махсус қайд бояд кард: нумӯи ҷараёни тадриҷан ташаккули бозори умумиҷаҳонӣ; ташаккули муносибатҳо ва инкишофи онҳо дар байни халқҳо ва кишварҳои гуногун; таназзули васеъшавии фазогию ҳудудии Аврупоӣ" [14, 243].

Қайд кардан ба маврид аст, ки геополитика аз географияи сиёсӣ фарқ дорад. Вале муҳим дар ин ҷо он аст, ки геополитикаро аз ҷуғрофияи сиёсӣ ҷудо кардан ғайриимкон аст ва геополитикаро пурра ба ҷуғрофияи сиёсӣ кашидан низ дуруст нест. Агар ҷуғрофияи сиёсӣ дар робита бо сиёсати як кишвар бо ҷуғрофияи ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор гирад, аз тарафи дигар, геополитика на танҳо ҷуғрофияи ҷисмонӣ, балки ҷуғрофияи биологӣ, ҷуғрофияи инсониро истифода мебарад, инчунин он бо унсури вақт сару кор гирифта, дар бораи оянда муқаррарот таҳия мекунад [15, 26].

Бо дарназардошти мафҳуми геополитика аз нуқтаи назари сиёсати байналмилалӣ ё муносибатҳои байналмилалӣ, ин танҳо як мафҳумест, ки ба нақши шароити ҷуғрофӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва ба хусус ҷойгоҳҳои ҷуғрофии давлатҳои ба ҳам алоқаманд марбут аст [16, 41].

Дар асл, як ҳодисаи дигаре ҳаст, ки боиси пайдоиши геополитика шудааст. Яке аз унсурҳои муҳими геополитика "Макон" (ҷойгиршавӣ) ё минтақа мебошад. "Доктринаи Монро"-ро, ки ИМА пешниҳод кард, бо изҳороти "Амрико аз они амрикоиҳост" дар соли 1823 баҳсҳоро дар бораи мавқеи нав ва макон ба вуҷуд овард. Ҷойгиршавӣ, ки аз ҷиҳати геополитикӣ хеле муҳим аст, яке аз омилҳое мебошад, ки аз он вақт инҷониб ихтилофоти зиёдеро ба вуҷуд овардааст [17, 24]. Аз ин лиҳоз вобаста ба муҳимият ва омӯзиши геополитика яке аз маъруфтарин геополитикони ҷаҳонӣ Тим Маршалл дар китоби "***Prisoners of Geography"*** (***"Маҳкумшудагони География")*** чунин изҳори ақида намудааст: "Ҳоло вақти он расидааст, ки пеш аз ҳар мафҳуми сиёсӣ ибораи ***"гео"***-ро ба он ҳамроҳ кард" [18, 290].

Системаи сиёсии ҷаҳонӣ чун геополитика дар илми сиёсӣ нақши марказиро мебозад, зеро ки давлатҳои абарқудрат барои сохтани нуфӯзи минтақавӣ ва ҷаҳонии худ аз системаи сиёсии махсуси худ истифода бурда, мекӯшанд, ки онҳоро ҷаҳонӣ гардонанд.

Мафҳуми "система"ро (аз забони юнонӣ - systema) бори нахуст биологи олмонӣ Л. фон Берталанфи дар солҳои 20-уми асри XX тобиши илмӣ дода буд, ки он дар илми сиёсатшиносӣ барзиёд истифода мешавад. Вале системаи сиёсӣ фақат дар ҳолати хосияти сиёсӣ пайдо кардани муносибатҳои байни одамон, байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дигар умумиятҳо ташаккул ва инкишоф ёфтааст [19, 10-11].

Мо дар раванди таҳлил ва таҳқиқи мақолаи худ мафҳуми геополитика, географияи сиёсӣ ва системаи сиёсиро дарк кардем, ҳоло вақти он расидааст, ки геополитикаро бо системаи сиёсии ҷаҳонӣ омезиш дода, бипайвандем.

Яке аз назарияҳои машҳури соҳаи геополитика, назарияи «Системаи геополитикаи ҷаҳонӣ» аз «Bernard Cohen-(1925)», ҷуғрофидон ва геополитики муосири амрикоӣ мебошад. Идеяи Коэн бар асоси як системаи махсуси таҳлили геополитикӣ устувор аст. Дар қолаби ин система, Коэн як намунаи мушаххас барои таъйини моҳияти геополитикии ҳар минтақа пешниҳод кардааст. Он ҳам бар мафҳуми қудрат ва мизони қудратмандии кишварҳо дар арсаҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ-технологӣ, неруи инсонӣ, теъдоди донишмандону таҳлилгарон миқдори вобастагӣ ва

бархӯрдории онҳо ба энержиҳои маъданӣ ва ғайри маъданӣ, ихтироот ва мубодилаҳои илмии миёни ҳамдигар ва ғайра поягузорӣ шудааст. Дар ин системаи тақсимоти геополитикӣ, кишварҳо ҳам ба таври ҷудогона ва ҳам дар қолаби иттиҳодияҳои минтақавӣ ва ё муҳити ҷуғрофиёӣ дастабандӣ мешаванд. Ба ҳамин далел, ин система баста ва маҳдуд нест. Яъне, агар як кишваре бар асоси ин методи таҳлили геополитикӣ дар як даста қарор гирифт, ба ин маъно нест, ки ҳамзамон дар дигар дастабандиҳо қарор нагирад ё аз дастае ба дастаи дигар, имкони интиқолаш фароҳам набошад. Балки бо боло бурдани ё поён овардани сатҳи худ дар омилҳое, ки зикр шуд метавонад байни дастаҳо ҳаракат карда, ҷойгоҳи шоистаи худро ба даст оварад. Дастаҳои маврид назари Коэн даҳ адад ҳастанд, ки бар асоси мавориди ёдшуда кишварҳо ва минтақаҳои ҷуғрофиёӣ дар онҳо қарор мегиранд [9, 23-28].

Мавзӯъи мавриди баҳси дигар дар системаи геополитикии Коэн он аст, ки вай кишварҳои ҷаҳонро аз лиҳози миқдори таъсиргузорӣ ва коркарди байналмилалиашон, дар се сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ тақсим мекунад. Миқдори нақш ва таъсиргузории баъзе аз кишварҳо дар сатҳи байналмилалӣ буда, баъзе дар сатҳи минтақавӣ ва баъзеи дигар дар андозаи маҳаллӣ мебошанд. Шеваи қарор гирифтани кишварҳо дар ин се даста ба чандин омилҳову вижагиҳо бастагӣ дорад, ки дар маҷмӯъ, моҳият ва зоти геополитикии он минтақаро муайян мекунад. Маънои моҳияти геополитикӣ он аст, ки оё як минтақаи ҷуғрофиёӣ дорои хусусиятҳои барҷастаи сиёсӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, манобеи маъданию зерзаминӣ ва ғайра мебошад ё не? Чунки вуҷуди ҳар яке аз ин хусусиятҳо дар як минтақа, сатҳи қудрат ва мизони иртибототу таомули он бо ҷаҳонро нишон медиҳад. Пас вижагиҳои ҷуғрофиёӣ, дар канори омилҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ, муайянкунандаи моҳияти геополитикии қудратманд ё заифии як минтақа мебошад. Аз инҷост, ки маънои иртиботи дониши «ҷуғрофиё» ва илми «сиёсат» бо хубӣ худро нишон медиҳад. Дар натиҷа моҳияти геополитикии ҳар минтақа, илова бар дараҷаи антропияи он, ба хусусиятҳои ҷуғрофиёӣ ва амалкарди хориҷӣ ва дохилии он низ бар мегардад [9, 26].

Ақидаҳои гуногун дар геополитикаи муосир ба рушди идеяи назорат бар фазои ҷуғрофӣ (ҳудуд) нигаронида шудаанд. Геополитика аз он ҷиҳат фарқ мекунад, ки назарияҳои он роҳҳо ва шаклҳои муқаррар кардани назорат аз болои ин ё он давлат ё гурӯҳи давлатҳоро муайян мекунанд. Қаламраве, ки тахти назорат ё объекти назорат қарор дорад, майдони геополитикӣ номида мешавад. Илова бар ин, таносуби қувваҳо, фазои сиёсӣ ва манфиатҳои геополитикӣ мафҳумҳои муҳими геополитика мебошанд. Агар ба таърихи системаи сиёсӣ ё системаи геополитикии ҷаҳон назар андозем асосан дар он 5 марҳалаи муҳимро мушоҳида менамоем: марҳалаи вестфалӣ, марҳалаи венагӣ, марҳалаи версалӣ, марҳалаи потсдамӣ ва марҳалаи беловежӣ.

Ҳар як марҳалаи геополитикӣ ба сохти сиёсии ҷаҳонӣ инкишоф, инқилобҳои иҷтимоӣ тағйироти сифатӣ бахшидаанд ва онҳоро куллан дигар намудаанд: инқилоби буржуазии фаронсавӣ, инқилоби саноатӣ, инқилоби пролетарӣ ва инқилоби технологӣ он рӯйхати номукаммали инқилобҳои иҷтимоие мебошанд, ки як марҳалаи геополитикиро бар дигараш иваз намудаанд. Тамоми марҳалаҳои геополитикиро ҷангҳо оғоз бахшидаанд. Масалан, марҳалаи вестфалиро ҷанги Сисола оғоз бахшид. Марҳалаи венагӣ баъди юришҳои наполеонӣ шурӯъ гардид. Пеш аз оғози марҳалаи версалӣ Ҷанги якуми Ҷаҳон оламро дар асорати хеш қарор дода буд. Марҳалаи потсдамӣ бошад баъди Ҷанги дуюми Ҷаҳонӣ ташаккул ва инкишоф ёфт. Марҳалаи беловежии инкишофи геополитикии ҷаҳон рушди дуқутбаи оламро аз байн рабуда, инкишофи яққутбаро ташаккул дод [1, 63].

Чуноне, ки таҳлилҳо нишон дод, геополитика дар системаи сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ оғозбахши ҳар марҳалаи ҷудогонаи сиёсати байналмилалӣ маҳсуб ёфта, таъсироти амиқе дар дигаргунсозии сиёсати ҷаҳонӣ ё системаи сиёсии ҷаҳонӣ гузоштааст. Аз ин хотир мо эътиқод бар он дорем, ки геополитика ягона тавлидгари марҳалаи нав дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ боқӣ мемонад ва ин анъана  то он вақте, ки мафҳумҳои консепсияи нави геополитикӣ бо худ доранд, давом хоҳад кард. Бисёре аз донишмандону сиёсатшиносон бар он назаранд, ки консепсияи нави геополитикӣ дорои 3 хусусияти хос ё мафҳуми хоси худ аст. Инҳо, гео-стратегия, гео-экономика ва гео-култура мебошанд. Акнун бо чунин ҳамбастагии геополитика бо стратегия, иқтисодиёт ва фарҳанг муҳити он васеътар шуда, аз пештара дида таъсироти амиқ расонданро бар системаи навини сиёсии ҷаҳонӣ мегузорад.

***3 мафҳуми асосие, ки бо таъсири геополитика ба миён омадаанд:***




***Графики 2. [20, 319].***

То ба замони муосир, таҳлилгарони маъруфи геополитикӣ суол гузошта, баҳс мекарданд, ки оё қудрати заминӣ муҳимтар аст ё қудрату нерӯи баҳрӣ муҳимтар аст ва кадом минтақаи мушаххаси Авруосиё барои назорат дар тамоми ҷаҳон муҳимтар аст. Дар асл ин баҳси классикии миёни тарафдорони назарияҳои ***"Хертленд"***(Heartland) ва ***"Римленд"***(Rimland)  ба шумор меравад, ки Ҳаролд Маккиндер, яке аз маъруфтарин геополитикҳо дар ибтидои аср XX ташаббускори ин баҳс буд, ки пас аз он консепсияи ӯ дар бораи "қаламрави пуштибонӣ" -и Авруосиё (ба он бояд тамоми Сибир ва аксари Осиёи Марказӣ дохил шавад), ки баъдан табдил ба консепсияи "Қалбгоҳ" шуда, ҳадафи ниҳоияш минтақаи трамплин барои дастёбӣ ба тамоми қитъа махсусан, Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, ҳамчунин ба тамоми Авруосиё мусоидат менамуд. Ӯ мафҳуми "Қалбгоҳ"-ро бо афоризми машҳури худ чунин баён карда буд:

***“Ҳар он кас, ки дар Аврупои шарқӣ ҳукмронӣ мекунад, соҳиби “Қалбгоҳ” аст. Касе, ки дар “Қалбгоҳ” ҳукмронӣ мекунад, соҳиби Ҷазираи Ҷаҳон (Авруосиё) аст. Касе, ки Ҷазираи Ҷаҳонро идора мекунад, соҳиби аслии ҷаҳон аст”*** [19, 71].

Акнун, имрӯз суолҳои геополитикӣ дигар маҳдуд намешаванд, ки кадом қисми ҷуғрофии Авруосиё нуқтаи ибтидоӣ ё асосӣ барои ҳукмронӣ дар қитъа аст ё суоли аз ҳама муҳимтар, оё қудрат дар хушкист ё дар баҳр? Геополитика аз тафаккури минтақавӣ ба тафаккури ҷаҳонӣ гузашта, ҳукмронӣ дар тамоми қитъаи Авруосиё ҳамчун заминаи маркази ҳукмронии аҷиб хизмат мекунад. Дар ҳоли ҳозир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, як қудрати ғайриаврупоӣ, дар миқёси байналмилалӣ ҳукмфармост, дар ҳоле ки қудрати он мустақиман ба се минтақаи канории қитъаи Авруосиё паҳн шудааст, ки аз мавқеи онҳо таъсири қавии худро ба давлатҳое, ки минтақаҳои дохилии онро ишғол мекунанд, истифода мебарад [19, 72].

Мо набояд фикр кунем, ки геополитикаи муосир анъанаҳои классикии геополитикиро комилан вайрон кардааст ва мухолифи классикон аст. Геополитикаи муосир аксар вақт ангезаҳои классикӣ ва ҳатто пеш аз классикиро ошкор мекунад. Масалан, Збигнев Бжезинский дар асари машҳури худ ***«Тахтаи бузурги шоҳмот»*** соҳибихтиёрӣ ва дурнамои геостратегии Амрикоро ба миён гузошт ва изҳор дошта буд, ки «Гегемония мисли ҷаҳон қадим аст» [19, 15]. Бо вуҷуди ин, бартарии ҷаҳони Амрико бо ташаккули босуръат, миқёси ҷаҳонӣ ва роҳҳои мавҷудияти худ ҷолиб аст. Тавре ки шумо мебинед, сухан дар бораи ғояи гегемония меравад, ки аз қадим маълум аст. Аммо дар шароити комилан мухталифи геополитикӣ ва хронополитикӣ ва дар фазои геополитикии дигар.

Ҳамин тариқ, робитаи сиёсат бо ҷаҳони ҷисмонӣ ва муҳити ҷуғрофӣ дар тӯли шаш даҳсолаи охир на танҳо суст шуда, балки ба таври намоён афзоиш ёфтааст. Ҳатто агар сиёсатмадорони ҷаҳони кӯҳна дар бораи мубориза ё баҳси хушкӣ ва баҳрӣ сухан гуфта бошанд ва геополитикаи давраи классикӣ муҳити ҳавоии ин ҷомеаро низ дар бар мегирифт, акнун онро ба муҳити геополитикии муосир илова кардан лозим аст.

**Адабиёт**


1. Зокиров Г.Н. Геополитика. (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ). [Матн] Зокиров Г.Н. //—Душанбе: «Эҷод», 2009. -324 саҳ.
2. Л.Г. Ивашов. Геополитика и геополитический мусор (полемические заметки и размышления), Геополитика и безопасность, Аналитическийи научно-практический журнал, [Текст] Л. Г. Ивашов. //Санкт-Петербург, № 1 (29) 2015,- С.30-36.
3. Муҳаммад А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайриихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. [Матн] //- Душанбе, «Паёми ошно», 2018. - 416 С.
4. Тешке, Б. Миф о 1648 годе: *класс, геополитика и создание современных международных отношений* [Текст] Тешке, Б. // пер. с англ. Д. Кралечкина; Гос. ун-т Высшая школа экономики. М. 2011.—416 с.
5. Шубин С.И. Геополитика. Учебное пособие. – Архангельск: [Текст] Шубин С.И. //Поморский государственный университет имени М.В. Ломоносова, 2008. -137с.
6. Дугин А. Г. Геополитика: учебное пособие для вузов. [Текст] Дугин А. Г. //М.: Академический Проект. 2011.-583 с.
7. Трубникова Н.В. Геополитика и международные отношения современного мира: учебное пособие. [Текст] Трубникова Н.В.//– Томск: Изд-во ТПУ, 2005. – 91 с.

8. Ali Hasanov, Jeopolitik teorileri, metodolojisi, aktörleri, tarihi, karakteristiği ve kavramlari, [Metin] Ali Hasanov //Babıali Kültür Yayıncılığı: 240 Dış Politia: 01, Bakü 2010, 464 s.
9. Коэн, Бернард. Geopolitical in the New World Era. // [Text] USA: West View Press, 1994 м. Pp. 23-28.
10. Ибни Халдун. Муқаддима [Матн]: Иборат аз 2 чилд // Ибни Халдун; тарҷумаи П. Гунободӣ. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 2012. –Ҷ.1. –С.153-221.
11. Harris, M. The Rise of Anthropological Theory. // [Text] Updated Edition, Alta Mira Press, USA. 2001.
12. Hanks, R. R. The Encyclopedia of Geographical Terms, // [Text] ABC-CLIO, LLC, California, 2011.
13. Montesquieu, C. The Spirit of Laws,// [Text] Batoche Books, Canada, 2001.
14. Зокиров Г.Н. Донишномаи Сиёсӣ, Ҷилди 1 (А-И) // Нашри дуюми такмилёфта, [Матн] Душанбе: “Андалеб-Р”, 2015. 520 с.
15. Суат Илҳан, *Геополитика (Таваҷҷӯҳ ба назарияи қувва)* “Нашрияҳои гурбаҳои сурх”, июли 2019, 272 саҳ. [Suat İlhan, Jeopolitik (Güç Odağı Kuramı) // [Text] Basım Türkçe, Türkiye, Kırmızı Kedi Yayınları, Temmuz 2019, 272 s].
16. Ҳамза Акенгин, *Ҷуғрофияи сиёсӣ, одамон ва идоракунии макон*, Академияи Пегем, Нашри 1: феврали 2010, Анкара, 320 саҳ. [Hamza AKENGİN, Siyasi Coğrafya İnsan ve Mekan Yönetimi, // [Metin] Pegem Akademi, 1. Baskı: Şubat 2010, Ankara, 320 s].
17. Камил Гунел, *Қудрати сиёсии ҷуғрофия*, Нашриёти “ЧАНТАЙ”, Анқара 2008, 238 саҳ. [Kamil Günel, Coğrafyanın Siyasal Gücü, // [Metin] Çantay Kitabevi, Ankara 2008, 238 s].
18. Tim Marshall, Prisoners of Geography: Ten Maps That Tell You Everything You Need to Know About Global Politics, // [Text] Elliott & Thompson (UK) Scribner (US), 2015, 290 p.
19. Бжезинский, Збигнев. Великая шахматная доска // [Текст] Збигнев Бжезинский; [пер. С англ. О. Уральской]. –Москва: Издательство АСТ, 2020. –384 с. – (Эксклюзивная классика).
20. Суат Илҳон, Мафҳум ва унсурҳои геополитика,// [Metin] Суат Илҳон Маҷалаи Авруосиё, шумораи махсуси геополитика, Зимистони 2002, Ҷилд: 8, Нашр: 4, саҳ. 318-322. [Suat İlhan, *Jeopolitik kavrami ve unsurlari*, // [Metin] Suat İlhan , Avrasya Dosyası, Jeopolitik Özel, Kış 2002, Cilt: 8, Say›: 4, s. 318-322.]

# ГЕОПОЛИТИКА-НАЧАЛО НОВОГО ЭТАПА В «ГЛОБАЛЬНОЙ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ»

**ШОДИЕВ КОМРОН ОЛИМДЖОНОВИЧ,**
ассистент кафедры гуманитарных дисциплин
Дангаринского государственного Университета.
г. Дангара ул. Центральная 25,
Тел.: (+992) 004-66-67-65. E-mail: komronshodiev92@gmail.com

*В этой статье автор сначала пытается кратко объяснить понятие геополитики, политической географии и мировой политической системы, показывая особенности каждого понятия. Автор сравнивает геополитику и политическую географию, подчеркивая географический детерминизм, который привел к возникновению геополитики на ее более поздних этапах. Затем автор пытается сравнить и проанализировать геополитику по*

*отношению к мировой политической системе и показать влияние геополитики на мировую политическую систему, приводя конкретные факты и примеры.*

*Анализ статьи показывает, что геополитика является основным производителем каждого нового этапа мировой политической системы, и эта традиция существует до сих пор и будет продолжаться. Особенность исследования данной статьи заключается в том, что автор, используя методы и уровень изучения данной темы, показал, что основные геополитические элементы развиваются день ото дня, а его влияние на мировую политическую систему возрастает.*

***Ключевые слова:*** *геополитика, география, политическая география, система, политическая система, глобальная политическая система, глобальная геополитическая система, пространственные границы, земные границы, Маккиндер, "Хертланд", Коэн Бернард.*

## GEOPOLITICS - FOUNDER OF A NEW STAGE IN THE «GLOBAL POLITICAL SYSTEM»

**SHODIEV KOMRON OLIMJONOVICH,**
assistant of the Humanities Department,
Dangara State University.
Dangara, 25, Central str.
Phone: (+992) 004-66-67-65. E-mail: komronshodiev92@gmail.com

*In this article, the author first tries to explain the concepts of geopolitics, political geography and the world political system, showing the features of each concept. The author compares geopolitics and political geography, emphasizing the geographic determinism that led to the emergence of geopolitics at its later stages. Then the author tries to compare and analyze geopolitics in relation to the world political system and show the influence of geopolitics on the world political system, giving specific facts and examples.*

*Analysis of the article shows that geopolitics is the main founder of each new stage of the world political system, and this tradition still exists and will continue. The peculiarity of the study of this article lies in the fact that the author, using the methods and level of study of this topic, showed that the main geopolitical elements are developing day by day, and its influence on the world political system is increasing.*

***Key words:*** *geopolitics, geography, political geography, system, political system, global political system, global geopolitical system, spatial boundaries, terrestrial boundaries, Mackinder, "Hertland", Cohen Bernard.*

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей: Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**Научно-политический журнал**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**

---

Над номером работали:
Ответственный редактор: Р. Каримов
Редактор текста на таджикском языке: Х. Мавлонов
Редактор текста на русском и английском языках: С. Зухурова

**Издательский отдел**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86, 881-88-80-41
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сайт издания: https://journal.apa.tj

---

Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 10.12.2020 г. Заказ №2020/07-08
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, г.Душанбе, ул. Саид Носир, 33.